**СОЙИБҶОН ТИЛЛОБОЕВ, АКБАР ЗАМОНОВ**

# ТАЪРИХИ ӮЗБЕКИСТОН

## (НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX)

*Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 9-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ*

Нашри сеюми аз нав коркарда ва такмилшуда

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон ба нашр тавсия намудааст*

САРТАҲРИРИЯТИ ШИРКАТИ
САҲҲОМИИ ТАБЪУ НАШРИ «SHARQ»
ТОШКАНД – 2019

УДК 94 (575.1) 075
ББК 63.3 (5Ӯ) я 721
Т–49

**Бинобар хулосаи гурӯҳи эксперти ба нашр омода ва чоп кардани адабиётҳои таърихӣ аз ҷониби Шӯрои илмиву методии фанни таърихи Маркази таълими республика ба нашр тавсия гардидааст.**

Муҳаррири масъул:

Д.и.т., профессор **Д.А.Алимова**

Тақриздиҳандагон:

***Қ.К. Раҷабов*** – роҳбари шуъбаи Институти таърихи ФУРӮ, д.и.т., профессор;
***К.А.Тӯхтабоев*** – сарнозири КАО-и назди Девони Вазирони РӮ, н.и.т.;
***Й.Болтабоев*** – муаллими калони кафедраи таърихи Донишгоҳи давлатии Намангон;
***Б.Т.Маҳмудбоев*** – омӯзгори фанни таърихи литсейи академии Гулистони назди Донишгоҳи давлатии Гулистон;
***Н.М.Қурбонова*** – омӯзгори мактаби рақами 255-уми ноҳияи Яшнободи шаҳри Тошканд;
***У.Ф.Ҳайдаров*** – омӯзгори мактаби таълими умумии давлатии ихтисосонидашудаи рақами 13-уми ноҳияи Бухорои вилояти Бухоро.

## Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст

***Аломатҳои шартӣ:***

*Дар ёд доред!*

*Худатонро санҷед!*

*Шарҳи истилоҳот:*

*Ҷамъбаст мекунем!*

*Савол ва супоришҳо:*

**ISBN 978-9943-26-928-6**

© Сартаҳририяти Ширкати саҳҳомии табъу нашри «Sharq», 2010, 2014, 2019.
Тарҷума ба забони тоҷикӣ, 2010, 2014, 2019.

# МУҚАДДИМА

**Бидуни ҳофизаи таърихӣ оянда нест**

Ватан хокест, ки дар он мо зода шуда ба воя расидем, хуни нофамон рехтааст, кишварест, ки нақши бобоёнамонро дорад ва мероси аҷдод ба авлоди мо мемонад.

Дар олам ягон эҳсоси пурзӯртар аз муҳаббати Ватан ва ҳиссе нерумандтар аз пазмонии он вуҷуд надорад. Ватан эҳсоси сеҳрноки ҷозибадореро мисли ғурури миллӣ, ки миллатро боло месозад, бедор мекунад. Ҳар қадар, ки халқ дорои ору номус ва ғурур бошад, эҳсоси Ватан ва шуури миллӣ низ дар он ҳамон андоза баланд мешавад. Модар – Ватан – макони ҳамешагӣ, табиати диёр, урфу одат, анъана, афсона ва ривоятҳои халқ мебошад. Ватан ҳамеша ҷавону маҳбуб аст. Ватан заминаи маънавиву фарҳангии миллатро ба вуҷуд меорад ва муҳаббати ба кишвар доштаи аҷдоди ҳар як авлодро дар худ таҷассум намуда, бо меҳри безаволи Ватан ба ин дунё қадам мегузорад.

Модоме ки ҳар як халқ арзишҳои миллиашро бинобар мақсаду муддаои худ, дар баробари ин, дар асоси комёбиҳои рушди умумибашарӣ ривоҷ дода, барои баланд бардоштани олами маънавии худ саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад, дар ин бобат ҳофизаи таърихӣ аҳамияти алоҳида касб менамояд. Яъне эҳсоси ҳофизаи таърихӣ баъди мукаммал барқарор гардидан, роҳи тайкардаи халқ пас аз холисона ва ҳаққонӣ омӯхта шудани ҳамаи муваффақият ва зафарҳо, бохтҳо ва қурбониҳо, хурсандӣ ва изтиробҳои худ таърихи воқеӣ мегардад.

Китоби дарсии таърихи Ӯзбекистон, ки дами дасти Шумо қарор дорад, воқеаҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX содиршударо дар бар мегирад. Ин давр солҳои мураккаб ва зиддиятноктарини таърихи Ватани мо мебошад. Ин аз як тараф, ба туфайли истилои империяи Россия кулфатҳои вазнин ва бохтҳо оварда бошад, дувум, аҷдоди мо ба муқобили ҷабру зулми мустамлика барои озодӣ ва истиқлолияти Ватан муборизаҳои қаҳрамононаи худро идома доданд, саввум, дар роҳи рушди Ватан хизматҳои фидокорна анҷом дода, корҳои бузурги бунёдкоронаи маънавиву моддиро амалӣ намуданд.

Донишомӯзони азиз! Шумо ҳангоми мутолиаи ин китоби дарсӣ бо тафсилоти ҳодисаҳои таърихии гуногуни гузаштаи наздик дучор меоед. Ба ин ҳодисаҳо ҷавоби амиқ додан ниҳоят мушкил аст. Барои пурра дарк кардани моҳияти давлатдории мустақили мо воқеаҳои таърихиро дар бобати саргузашти халқҳои дар шароити мустамликадорӣ дар ҳамин ҳудуд зиндагикарда, ба ҷабру зулм, ситамҳои гуногун нигоҳ накарда, эътиқоду арзишҳо ва собитқадамиашонро дар роҳи некӣ ҳифз кардани онҳоро донистан муҳим аст.

Ба ғайр аз ин, ҳангоми шиносоӣ бо китоби дарсӣ бинобар масъалаҳои мазкур ҳаматарафа маълумот мегиред:

– Дар арафаи истилои империяи Россия ҳолати фарҳангӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ дар хонигариҳои Осиёи Миёна (Аморати Бухоро, хонигариҳои Хева ва Қӯқанд);

– Аз ҷониби империяи Русия истило гардидани хонигариҳои Осиёи Миёна;

– Сохтори маъмурии нав дар Осиёи Миёна – ташкилшавии генерал-губернатории Туркистон ва тартиби идоракунӣ;

– Сиёсати пешгирифтаи империяи Россия барои аз ҷиҳати иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданию маърифатӣ ба мустамлика табдил додани Туркистон ва оқибатҳои он;

– барқарорсозии давлатдории миллӣ дар кишвари Туркистон ва муборизаҳо барои ноил шудан ба истиқлолият, ҳаракатҳои ҷадидия ва қадамҳои нахустини он.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Бо такя ба китоби дарсии “Таърихи Ӯзбекистон”-и синфи 8 оиди ба империяи Русия чӣ гуна аҳамият доштани ҳудудҳои Осиёи Миёна фикратонро гӯед.
2. Ибораи “Ҳофизаи таърихӣ”-ро шарҳ диҳед.
3. Дар мавзӯи “Ҳолати иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳарбиву сиёсии хонигариҳои Осиёи Миёна дар миёнаҳои асри X1X” машғулияти “дебат” ташкил кунед.
4. Бо такя ба донишҳои дар синфи 8 гирифтаатон гӯед, ки дар Осиёи Миёна дар рақобати Россия ва Англия зиёд будани имкониятҳои империяи Россия дар чӣ намоён шуд?

# БОБИ I

# ҲАЁТИ СИЁСӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ ХОНИГАРИҲОИ ӮЗБЕК ДАР МИЁНАҲОИ АСРИ XIX

**Дар натиҷаи омӯхтани дониш:**

- ► Дар бораи аҳволи сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодии хонигариҳои Осиёи Миёна;
- ► Рушди хоҷагии қишлоқ, хариду фурӯш ва ҳунармандӣ;
- ► шаклҳои моликияти замин, андоз ва маҷбуриятҳо;
- ► ҳаёти фарҳангии аҳолии Туркистон дар миёнаҳои асри XIX.

## § 1. ҲУДУД ВА АҲОЛИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР МИЁНАИ АСРИ XIX

**Ҳудуди давлатҳои Осиёи Миёна**

Дар асри XIX дар Осиёи Миёна се давлати мустақил мавҷуд буда, онҳо Аморати Бухоро, хонигариҳои Хева ва Қӯқанд мебошанд. Дар ин давлатҳо истеҳсолот, муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, хариду фурӯш ва соҳаҳои дигар ривоҷ ёфта бошад ҳам, аммо тараққиёти онҳо аз дараҷаи давлатҳои пешқадами Аврупо поён буд.

Пойтахти аморат аз марказҳои дини ислом буда, савозовори номи “Бухорои Шариф” гардидааст. Сарҳадҳои аморат дар ҷануб аз соҳили чапи Амударё шурӯъ шуда, то Сирдарё, дар шарқ аз кӯҳҳои Помир, дар ғарб то заминҳои хонигарии Хева қад кашидааст. Ҳудуди давлат дар миёнаҳои асри XIX бо Эрон, Афғонистон, хонигариҳои Қӯқанд ва Хева, заминҳои ҷузҳои қазоқ ҳамсарҳад будааст. Қисми марказии аморат водии Зарафшон, ки шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд ҷойгир шуда буданд, ба шумор мерафт. Дар аморат шаҳрҳое мисли Бухоро, Самарқанд, Шаҳрисабз, Қаршӣ, Китоб, Ғузор, Термиз, Шеробод, Ҳисор, Кӯлоб, ки марказҳои калони хариду фурӯш, ҳунармандӣ ва фарҳангӣ ба шумор мерафтанд, низ мавҷуд буданд. Заминҳои водии дарёҳои Вахш, Кофарниҳон, Панҷи Тоҷикистон, воҳаҷойҳои дарёи Мурғоби Туркманистони имрӯза ба он тобеъ буданд. Дар баробари ин, аз ҷиҳати ҳудуд ба бекигариҳо ва ноҳияҳо ҷудо шуда, онҳоро бекҳои аз ҷониби амир таъиншуда идора мекарданд. Дар аморат 40 бекигарӣ будааст.

Заминҳои хонигарии Хева дар нимаи дувуми асри XIX дар ҷануб бо Эрон, дар шарқ бо Аморати Бухоро, дар ғарб бо баҳри Каспий, дар шимол бо заминҳои ҷузҳои қазоқ ҳамсарҳад будааст.

Маркази маъмурии хонӣ шаҳри Хева ба ҳисоб мерафт. Хонӣ ба мисли Хева, Кат, Урганҷи кӯҳна, Ҳазорасп, Қӯнғирот, Хӯҷайлӣ барин марказҳои бекигарӣ дошт. Хонии Хева чун хони Бухоро ба 18 бекигарӣ ва 2 ноибӣ тақсим гардида, онро бекҳо ва тӯраҳои аз тарафи хон таъингардида идора менамуданд.

Дар аввалҳои асри XVIII асосан ҳудудҳои водии Фарғона ва пастоби Сирдарё аз аморати Бухоро ҷудо шуда, давлати мустақил — хонии Қӯқандро ташкил намуданд. Хонии Қӯқанд аз шарқ бо Туркистони шарқӣ, аз ғарб бо аморати Бухоро ва хони Хева ҳамсарҳад буд. Сарҳадҳои ҷанубии хонӣ Қаротегин, Кӯлоб, Дарвоз, Шуғнон барин кишварҳои кӯҳиро дар бар гирифта, барои ин ҳудуд бо аморати Бухоро тез-тез бархӯрдҳо ба амал меомад. Хонӣ Қӯқанд, Тошканд, Андиҷон, Марғелон, Намангон, Ӯзган, Ӯш, Пишпак, Туркистон, Чимкент барин шаҳрҳоро соҳибӣ мекард, ки ба маркази калони маъмурӣ, савдову тиҷорат ва фарҳангӣ табдил ёфта буданд. Ҳудуди хонӣ нисбати аморати Бухоро ва хонии Хева бештар дарёҳои сероб, водиҳои ободу, заминҳои серҳосил дошт. Хонӣ ба 15 бекӣ тақсим гардида, онҳоро асосан одамони аз тарафи хон таъингардида — хешовандону пайвандонаш идора намудаанд.




**Харитаи давлатҳои Осиёи Миёна дар миёнаи асри XIX.**

## Аҳолии давлатҳои Осиёи Миёна

Ба миёнаи асри XIX омада аҳолии аморати Бухоро, хонигарии Хева ва Қӯқанд аз ҷиҳати таркиби миллӣ ба якдигар наздик буда, дар онҳо асосан ӯзбекон истиқомат кардаанд. Баробари ин дар ҳудуди ҳар се хонигарӣ тоҷикон, қазоқон, қароқалпоқҳо, туркманҳо, қирғизҳо ҳам истиқомат намудаанд. Аз он ҷумла, дар ин давр шумораи аҳолии аморат дар атрофи 2 миллион нафар буда, таркиби миллии аҳолиро асосан ӯзбекон, ҳамчунин тоҷикон, туркманҳо, қароқалпоқҳо, туркманҳо, қирғизҳо, қазоқҳо ташкил додаанд. Қисми асосии аҳолӣ дар воҳаҳои сероб истиқомат кардаанд. Дар аморат манғит, сарой, қӯнғирот, кенагас, қарлуқ, қалмоқ, найман, қипчоқ барин қавмҳои ӯзбек аксариятро ташкил медоданд.

Шумораи аҳолии хонии Хева аз 800 ҳазор нафар зиёд буд. Таркиби миллии хониро асосан ӯзбекон, боз туркманҳо, қароқалпоқҳо ва қазоқҳо ташкил дода буданд. Шумораи аҳолии хонии Қӯқанд қариб 3 миллион нафар буда, асосан ӯзбекон истиқомат намудаанд. Баробари ин дар ҳудуди хонӣ қирғизҳо, тоҷикон, қазоқҳо уйғурҳо, яҳудиён, ҳиндҳо ва вакилони дигар қавмҳо истиқомат кардаанд.

Дар ин давр дар ҳар се давлат ҳам қисми асосии аҳолиро ӯзбекон ташкил дода, онҳо бо тарзи зиндагонии муқимӣ ҳаёт ба сар бурда, бо кишоварзӣ, ҳунармандӣ, савдову тиҷорат банд шудаанд. Қазоқҳо, қароқалпоқҳо, туркманҳо ва қирғизҳо бо тарзи зиндагонии бодиянишин умр ба сар бурда, бо чорводорӣ шуғл варзидаанд.

### *Ҷамъбаст мекунем!*

- Ҳудуди онҳо Ӯзбекистони имрӯза, як қисми заминҳои давлатҳои Қирғизистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Туркманистонро ҳам дар бар гирифтааст.
- Аморати Бухоро; 40-то бекӣ – 2 миллион нафар аҳолӣ.
  Хонии Хева: 18-то бекӣ, 2 ноибӣ – 800 ҳазор нафар аҳолӣ.
  Хонии Қӯқанд: 15-то бекӣ – 3 миллион нафар аҳолӣ.

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Ҳудуди хонигариҳои Хева, Бухоро, Қӯқандро дар миёнаи асри XIX аз харита муайян кунед.
2. Дар бораи аҳолии хониҳо дар миёнаи асри XIX нақл кунед.
3. Аз харитаи саҳ. 6 истифода бурда ҷадвали поёниро пур кунед. Ҳудудҳои ба хонигариҳо тааллуқдоштаро ҷудо кунед.

| Аморати Бухоро | Хонии Хева | Хонии Қӯқанд |
|---|---|---|
| | | |

# § 2. НИЗОМИ ИДОРАВӢ-МАЪМУРИИ ХОНИГАРИҲОИ ӮЗБЕК ДАР МИЁНАИ АСРИ XIX

**Идоракунии давлати аморати Бухоро**

Дар аморати Бухоро ҳукмдори олӣ амир ба ҳисоб рафта, ҳокимияти он аз авлод ба авлод ба таври меросӣ мегузашт. Аморатро ҳукмдорони мансуби сулолаи манғитиҳо, ки соҳиби ҳокимияти номаҳдуд будаанд, идора кардаанд.

Маркази маъмурии аморат шаҳри Бухоро буд. Дар аморат ҳокимияти иҷроия дар дасти сарвазир — *қушбегӣ буд.* Ҳокимони вилоят ва ноҳияҳо бо тавсияи қушбегӣ таъин гардидаанд. *Девонбегӣ* бо корҳои молиявӣ ва хазина, идораи ҷамъоварии андоз барин соҳаҳо шуғл варзидааст. Ба зиммаи *девонбегӣ* пеш бурдани робитаҳои беруна ҳам гузошта шуда буд. Ба вай *мирзобошӣ* — масъули корҳои таъмини таърихи аморат итоат менамуд. Ба ҷамъоварии саривақтии андозҳо ва ҳисоби онҳо дар аморат *мушриф* масъул буд. Шахсе, ки дар лавозими *додхоҳ* фаъолият пеш мебурд, шикоятҳоро аз аҳолӣ қабул мекард. *Парвоначӣ* фармонҳои аморатро эълон менамуд. Риояи қонуну қоидаҳои шариат, назорати корҳои судиро *шайхулислом* ба иҷро расондааст. Ба шайхулислом *муфтӣ* ва *мӯҳтасибҳо* итоат мекарданд. Муфтӣ бо масъалаҳои динӣ-ҳуқуқӣ, мӯҳтасибҳо бошанд, бо масъалаҳои риояи меъёр ва қонунҳои шариат шуғл варзидаанд. Дар аморати Бухоро — сарвари судҳо — *қозикалон, раискалон* буданд. Бо корҳои вақф ва амволдорӣ *садр* машғул будааст. Дар арк, ки қароргоҳи амир ба ҳисоб мерафт, бо тарбияи ворисии тахт–валиаҳд *оталиқ* машғул буд. *Тӯпчибошӣ* Сарфармондеҳи қӯшунҳои амир буд. Ба риояи осоиштагӣ ва тартиботи шаҳрҳои аморат сарвари посбонони амир — *мирзобошӣ* масъул ба ҳисоб мерафт. *Кӯкалдош* бо амнияти мамлакат, ҷамъоварии маълумот дар бораи пайвандон, дӯстон ва душманони амир машғул буд. Дар аморати Бухоро иҷрои корҳои идораи давлатӣ — молия, суд, миршабӣ ва ҳарбиро пайвандони амир, одамони ба ӯ наздик дар зимма доштанд. Онҳо ҳангоми иҷрои фаъолияти худ дорои ҳуқуқ ва имкониятҳои калон буданд.



**Арки Бухоро.**

**Идоракунии давлат дар хонии Хева**

Хонии Хева аз тарафи *сулолаи қӯнғиротҳо* идора гардида, ҳукмдори олии он *хон* ба ҳисоб мерафт. Хон соҳиби ҳокимияти номаҳдуди маъмурӣ, ҳарбӣ буд. Қароргоҳи хон, ки ҳукмдори олӣ ба ҳисоб мерафт, дар шаҳри Хева ҷой гирифта буд. Дар шаҳр қалъаи дохилӣ — Ичанқалъа ва қалъаи беруна – Дишанқалъа бо деворҳои мудофиавӣ иҳота гардида буд. Дар хонӣ Хева, Урганч, Қиёт, Ҳазорасп, Қӯнғирот барин шаҳрҳо буданд, ки марказҳои маъмурӣ, савдову тиҷорат ва фарҳангӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар хонӣ амалдори олӣ *девонбегӣ* ба ҳисоб рафта, дар ихтиёри вай аз *қушбегӣ, меҳтар, оталиқ* иборат девон фаъолият нишон додааст. Бо оромиву осоиштагии аҳолӣ *мирзобошӣ*, бо корҳои нигоҳ доштани тартибот дар хонӣ сарфармондеҳи қӯшунҳо — *ясавулбошӣ*, масъалаҳои риояву амали корҳои динӣ ва қоидаҳои шариат *шайхулислом*, иншоотҳои обёришаванда ва таъминоту тақсимоти об *мироббошӣ* масъул ба ҳисоб мерафтанд. Ба қисмҳои ҳарбӣ *сарлашкарон* фармондеҳӣ кардаанд. Онҳое, ки дар хизмати ҳарбӣ буданд, аз андоз озод карда шудаанд.



**Хева. Ичанқалъа (расми замонавӣ).**

**Идоракунии давлати хонии Қӯқанд**

Дар хонигарии Қӯқанд ҳукмдори олӣ хон ба ҳисоб мерафт. Хонигарӣ аз ҷониби сулолаи мингҳо идора карда шудааст ва маркази маъмурии он шаҳри Қӯқанд буд. Дар хонии Қӯқанд ҳокимияти хонӣ меросӣ буда, хон ҳокимияти номаҳдуди сиёсӣ, маъмурӣ ва ҳарбиро дошт. Лавозими олии ҳарбӣ *амирлашкар* буда, вай вазири ҳарбӣ ба ҳисоб мерафт. Ба дастаҳои алоҳидаи ҳарбии хонӣ *мингбошиҳо* роҳбарӣ намудаанд. Онҳо баъдтар вазифаи *сарвазирро* ба ҷо овардаанд. Корҳои хазина ва хароҷотро *меҳтар* назорат кардааст. *Қозикалон, қозиҳо* дар пояи қоидаҳои динӣ, қоидаҳои шариат, дуруст ба роҳ мондани корҳои савдову тиҷоратро назорат намудаанд. Дар хонӣ бо корҳои тартибу интизоми дохилӣ *миршабҳо* шуғл варзидаанд.



**Қасри Худоёрхон. Охири асри XIX.**

*Ҷамъбаст мекунем!..*

- Дар хонигариҳои Осиёи Миёна ҳукмдори олӣ соҳиби ҳокимияти номаҳдуди сиёсӣ, маъмурӣ, судӣ буд.
- Вилоят ва ноҳияҳоро шахсони таъинкардаи ҳукмдори олӣ идора намудаанд.
- Қозиҳо корҳои судиро дар асоси қоидаҳои динӣ пеш бурдаанд.

*Савол ва супоришҳо:*

1. Мансабҳои давлатии хонии Хеваро гӯед.
2. Аз хусуси идораи давлати хонигарии Қӯқанд сухан ронед
3. Мансабҳои аморати Бухороро таъриф диҳед.
4. Корҳои судӣ дар хонигариҳо дар дастони киҳо буданд?
5. Ҷадвали поёниро пур кунед.

| Номи давлат | Ҳудудаш | Аҳолиаш | Идорааш |
|---|---|---|---|
| | | | |

## § 3. ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ХОНИГАРИҲОИ ӮЗБЕК ДАР МИЁНАИ АСРИ XIX

**Низоми заминдорӣ ва андозҳо**

Асри XIX хонигариҳои Осиёи Миёна давлатҳои аграрӣ буда, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ ба чигунагии муносибатҳо ба заминдорӣ, миқдори андоз ва пардохтҳо муайян гардидааст. Дар ин давр қисми асосии замин, алалхусус, майдонҳои кишт дар дасти хон, пайвандони ӯ ва якчанд заминдорони калон гирд омада буд. Аксарияти аҳолӣ дар майдонҳои корами ба заминдорони калон тааллуқдошта меҳнат кардаанд, барои заминҳои ба иҷора гирифтаашон як қисми ҳосил (дар бисёр ҳолат аз панҷ як қисми ҳосил) ё ки аз се як қисми онро ба тарзи андози маҳсулот — ба сифати *хироҷ* супурдаанд.

Дар хонии Хева деҳқонони иҷоракорро «*яримчӣ*» меномиданд. Чунки онҳо нисфи ҳосили рӯёндаро ба сифати ҳаққи иҷора супурдаанд. Дар аморати Бухоро, хонигариҳои Хева ва Қӯқанд шакли заминдорӣ қариб ки як хел буд. Заминҳои онҳоро асосан се шакли моликият ташкил медод. Онҳоро *амлок* — заминҳои давлат, *мулк* — заминҳои хусусӣ, ҳамчунин *вақф* — заминҳои масҷиду мадрасаҳо, муассисаҳои динӣ меномиданд. Дар хонигариҳо заминҳо ба амалдорони калон, сарлашкарони ҳарбӣ

инъом гардидаанд. Бо ҳисобу китоби фоида ва тақсимоти ин заминҳо *мутаваллӣ* шуғл варзидааст.



Кишти замин. Асри XIX.

Ба ҷуз ин, сохтмони иншоотҳои обёрикунанда, роҳҳо, кӯпрукҳо ва таъмири онҳо барин корҳо маҷбуран ба иҷро расидаанд. Ӯҳдадории меҳнатӣ барои беподош кор карда додани аҳолӣ буда, он *бегар* ҳам номида мешуд.

Дар ин давр аз аҳолӣ *хироҷ, закот, андози об, осиё, намак, молу мулк, қитъаи замини наздиҳавлигӣ, боғ ва дигар андозҳо* ҷамъ гардидаанд. Дар хонии Хева андози асосӣ *солгут* номида шудааст. Дар ӯҳдадории ҳарбӣ ҳар як мард бо хӯрокворӣ, яроқу аслиҳаи худ якҷоя иштирок менамуд. Аҳолии чорводор аз чорвои худ андози *закот*, барои истифода аз чарогоҳу об ҳам андоз месупурд. Дар ин давр аз аҳолии шаҳр — ҳунармանду тоҷирон *пули савдо*, *пули дӯкон*, *пули тарозу* барин андозҳоро ситондаанд.

**Низом ва тартиби обёрӣ**

Ҳудуд ва иқлими Осиёи Миёна барои рӯёндани маҳсулоти кишоварзӣ созгор буд. Инкишофи соҳаи мазкур ба ҳолати корҳои обёрикунӣ ва дар кадом сатҳ будани таъминоти об вобастагӣ дошт. Аз ин рӯ, соҳаи обёрӣ ва таъминоти об дар Осиёи Миёна муҳим ва ба дараҷаи аҳамияти давлатӣ бардошта шудааст. Ҳатто даромади асосиро, ки ба хазина ворид мешуд, андозҳои аз деҳқонон ҷамъшаванда ташкил медод.

Дар ҳар ҳудуд вакилони аҳолӣ ва маъмурият дар соҳаи обёрикунӣ масъулу ҷавобгар буданд. Бо пешбурди корҳои обёрӣ ва назорати онҳо мутахассисони соҳа — *миробон* шуғл варзидаанд. Онҳо шахсоне буданд, ки корҳои обёрикунӣ, сохтмон, таъминоту таъмир, тозакунии иншоотҳои об, тақсимоти обро хуб медонистанд. Низоми обёрии Осиёи Миёна аз қадим соҳаи ривоҷёфта ба ҳисоб меравад. Корҳои мазкур асосан аз тарафи оммаи халқ бо роҳи ҳашар ба иҷро расидаанд.



Чиғирҳо.

Дар водии Фарғона аҳолӣ асосан бо деҳқонӣ шуғл варзидаанд ва майдонҳои кишт бо обёрии сунъӣ обшор гардида, ба низоми обёрикунӣ эътибори калон додаанд. Дар ҳудуди водӣ каналҳои калони обёрикунии Шаҳрихонсой,

Андиҷонсой, Марғелонсой, Янгиарик, Улуғнор, Қорадарё буд. Дар ин давр ҷойҳоеро, ки об баровардан душвор буд, бо ёрии асбоби махсус — *чигир* обёрӣ кардаанд. Оби Амударё, Сирдарёро канал кофта, сарбанд сохта, ба майдонҳои кишт равона намудаанд. Маҳсулоти кишоварзиеро, ки дар ин ҳудуд тайёр мешуд, асосан пахта ва ғалла ташкил медод.

**Ҳунармандӣ ва савдову тиҷорат**

Дар ҳаёти халқҳои Осиёи Миёна ҳунармандӣ мавқеи муҳим дошта, ҳаёти қисми аҳолие, ки бо кишоварзӣ, чорводорӣ ва савдову тиҷорат шуғл меварзид, низ бо ҳунармандӣ бевосита алоқадор буд. Ба ғайр аз ин, боғдорӣ, токпарварӣ карда, маҳсулоти полизӣ, сабзавот рӯёндаанд. Зеро ҳар як деҳқон ва чорводор баробари истифода аз маҳсулоти ҳунармандӣ меҳнат карда, дар айни замон ба соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ ашёи хом расонда додааст. Тоҷирон бошанд, бо маҳсулоти ҳунармандӣ савдо кардаанд. Дар давлатҳои Осиёи Миёна бисёр марказҳои ҳунармандӣ мавҷуд буда, онҳо мувофиқи хусусиятҳои маҳаллӣ ба соҳаҳои ҳунармандӣ ихтисосонида шуда буданд. Масалан, дар Марғелон атлас, тоқӣ, дар Риштон кулолгарӣ, дар Шаҳрихон кордсозӣ, тоқидӯзӣ, дуредгарӣ, дар Чуст тоқӣ, кордсозӣ, дар Қӯқанд оҳангарӣ, дуредгарӣ, заргарӣ, дар Бухоро заргарӣ, дар Самарқанд заргарӣ, дар Хева меъморӣ, гаҷкорӣ ва дигар навъҳо ривоҷ ёфтаанд. Дар аморати Бухоро кулолгарӣ, оҳангарӣ, мисгарӣ, зардӯзӣ, шишасозӣ, кандакорӣ, зардӯзии бадеӣ васеъ паҳн гардида буд. Дар хонигариҳо соҳаи оҳангарии маҳаллии коркарди металл ривоҷ ёфт, чунки эҳтиёҷ ба маҳсулоти оҳангарӣ калон буд.

Дар ин давр аз тарафи ҳунармандон асосан дос, доси калон, каланд, асбобу анҷомҳо, либос, чизҳои зиннатӣ, зарфҳо, ҷиҳози рӯзгор, асбобу анҷоми деҳқонӣ, ашёе, ки чорводорон истифода мебурданд, сохта шудаанд.



**Тошканд. Бозори Чорсу дар асри XIX.**

Дар байни халқҳои Осиёи Миёна аз азал ҳурмату эҳтиром нисбати ҳунармандон баланд буд, ҳунар омӯхтан ва ба ин касб муносиб шудан фазилати хуб ба ҳисоб мерафт. Дар байни халқ беҳуда ин қабил ҳикматҳо паҳн нагардида буд: «Аз ҳунар месабзад», «Шахси ҳунарманд хор намешавад», «Ба як ҷавон чил ҳунар ҳам кам аст». Дар ин давр ҳунармандӣ аз намуди ҳунармандии

хонадон ва устохонаи хурд иборат буда, дар он асосан меҳнати дастӣ истифода мегардид. Маҳсулоти ҳунармандӣ на танҳо барои қонеъ гардондани эҳтиёҷи маҳаллӣ, балки ба хориҷ аз тарафи тоҷирон бароварда шудааст. Тоҷирони Осиёи Миёна ба Эрон, Чин, Ҳиндустон, Афғонистон, Россия барин давлатҳо ва бо ҷузҳои қазоқ тиҷоратро ба роҳ мондаанд. Дар ин давр барои боз ҳам бо суръати баланд рушд ёфтани савдои дохилӣ ва берунӣ номуросоӣ, низоъҳо ва нооромиҳои дохилӣ дар байни се хонигарӣ таъсири манфӣ расондааст.

*Худро озмуда бинед!*

**Намудҳои заминдорӣ...** **Намудҳои андози...** **Чиғирҳо ...**
**Мироб...** **Ба рушди корҳои савдову тиҷорат...**

*Ҷамъбаст мекунем!*

- Се намуди заминдорӣ дар Осиёи Миёна мавҷуд буд. Дар зиммаи аҳолӣ бисёр андозу ӯҳдадориҳо буданд.
- Ҳунармандӣ аз қадим дар Осиёи Миёна инкишофу серсоҳа буд.
- Тоҷирон маҳсулоти маҳаллиро ба хориҷ бурда, аз ин ҷо молҳои зарурро овардаанд.

*Шарҳи истилоҳот:*

**Аграр** (лотинии agrarius) – оид ба замин, саҳро нисбати маҳалле истифода бурда мешавад, ки дар он аҳолии ҳудуд бо кишоварзӣ машғул мешаванд.

*Савол ва супоришҳо:*

1. Дар хонигариҳо дар миёнаи асри XIX кадом намудҳои заминдорӣ мавҷуд буданд?
2. Ӯҳдадориҳои дар хонигариҳо мавҷуда ба оммаи халқ чӣ тавр таъсир расондаанд?
3. Дар бораи иншоотҳои обёрикунӣ чиҳоро дониста гирифтед?
4. Кадом намудҳои ҳунармандӣ дар хонигариҳо васеъ паҳн гардида буданд?
5. Хонигариҳо ба кадом давлатҳо алоқа доштанд?

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА:

Ҷадвали андозҳоеро пур кунед, ки дар давлатҳои Осиёи Миёна ҷорӣ шуда буданд.

| Хонии Хева | Аморати Бухоро | Хонии Қӯқанд |
|---|---|---|
| | | |

# §§ 4–5. ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ АҲОЛИИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР МИЁНАИ АСРИ XIX

**Эҷодиёти халқ**

Аксарияти аҳолии хонигариҳо бо забони ӯзбекӣ ҳарф задаанд. Бо ин забон ҷасорати қаҳрамон ва баҳодурони олиҳиммат, ғалабаву муборизаи онҳо барои тантанаи адолат дар достонҳо — эпосҳои қаҳрамонӣ васф гардиданд. Дар асри XIX қариб 40 достон маълум буд, вале нисбатан машҳуртаринашон «Алпомиш», «Гӯрӯғлӣ», «Кунтуғмиш», «Ширин ва Шакар» буданд. Дар идҳо, сайрҳои халқӣ ҳофизони халқӣ — бахшиҳо достонҳои «Тоҳир ва Зӯҳро», «Бӯз йигит»-ро месароиданд, ки дӯстӣ ва муҳаббати ҳақиқиро тараннум кардаанд.

Дар эҷодиёти шифоҳии (даҳонакии) халқ афсона мавқеи калонро ишғол намуда, дар онҳо бо тарзи киноя иллатҳои амалдорон, нуқсонҳо ва хасисии дарбориён ба зери тозиёнаи танқид гирифта шудааст. Баъзе амалдор ва сарватмандони ноинсофро мазаммат карда, оличанобӣ, мардии халқи меҳнаткаш мадҳ гардидаанд. Дар афсонаҳо бисёр вақт ғояи ғалабаи некхоҳӣ аз болои бадкорӣ устуворӣ дошт. Дар он мазмуни иҷтимоии ҳимоя намудани халқ аз золимон, фош кардани беку хонҳои ноинсоф, меҳру муҳаббати ҷӯшон нисбати одамони оддӣ ба назар мерасид. Дар инкишофи адабиёт ва эҷодиёти шифоҳии халқи ӯзбек масхарабозон ва аскиячиён ҳиссаи сазовор гузоштаанд, ки худашон мавзӯъҳоро мустақилона эҷод карда, иҷро намудаанд. Ҳар сол баҳорон дар боғу бӯстонсаро, дашту даманҳо ва ёнаҳои атрофи шаҳру деҳот сайрҳои халқӣ мегузаштанд. Ҳангоми сайрҳои халқӣ дар майдонҳои назди бозор гурӯҳҳои (труппаи) артистони сирк намоишҳо нишон медоданд. Дар байни паҳлавонҳо мусобиқаҳо гузаронда шудаанд. Дар ҳар се хонигарӣ таълим қариб як хел бурда мешуд. Низоми Аморати Бухоро дар хонигариҳои Қӯқанд ва Хева низ ҷорӣ карда шудааст. Шахси дорои вазифаи ясовули олимон (ин мансаб дар асри XVI пайдо шудааст), ки таълими мадрасаро назорат карда, муносибати байни зинаи болоӣ, яъне, хон ё амирро бо мадраса ба роҳ мемонад, оғоз шудани мавсими хонишро мефаҳмонд. Муддати таҳсил дар мадрасаҳо аз нимаи дуюми моҳи сентябр оғоз шуда, то охири моҳи март идома мекардааст. Ба ҳамин тариқа мавсими таҳсил 6 моҳ идома меёфт. Ин гуна муайян шудани мавсими таҳсил бо ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии халқ вобаста буд. Дар охирҳои моҳи март дар саҳро кори кишт сар мешуд. Дар охирҳои моҳи сентябр ҳосил пухта мерасид. Дар байни 6 моҳ донишҷӯ имкон дошт, ки ба корҳои саҳро ширкат карда, ба падару модар ва оилаи худ ёрии моддӣ расонад. Дар мадрасаҳо чор рӯз – шанбе, якшанбе, душанбе, сешанбе рӯзи таҳсил



**Тамошоҳои халқӣ. Асри XIX.**

ба ҳисоб мерафт. Рӯзҳои чоршанбе, панҷшанбе, ҷумъа таътил буд. Донишҷӯён дар рӯзҳои таътил супоришҳоеро, ки бинобар мавзӯъҳои гузашта барои кори мустақилона дода мешуд, иҷро мекарданд. Ҷумъа рӯзи иди анъанавии мусулмонон ба шумор мерафт ва ҳама ба ибодати ин рӯз тайёрӣ медиданд. Барои донишҷӯён бошад, ба сифати рӯзи машғулияти амалии мустаҳкамкунии дониши омӯхташавандаи онҳо дониста мешуд.

Муддати гирифтани таълим дар аксари маврид маҳдуд набуд. Маълум аст, ки мадрасаҳо ба сифати омӯзишгоҳ ва донишгоҳҳо ташаккул ёфта, барои мактабҳо муллоҳо, барои масҷидҳо имомҳо, барои идораҳои ҳукуматӣ қозиҳо, мирзоҳо, иҷрокунандагони корҳои молиявӣ, тақсимкунандагони замину об барин амалдоронро тайёр мекарданд.

### Илму фан. Адабиёт

Дар ин давр дар хонигариҳои Хева ва Қӯқанд, аморати Бухоро илму фан ба дараҷаи маълум инкишоф ёфтааст. Дар хонигарии Хева бо амри Элтузар Шермуҳаммад Мӯнис таърихи Хоразмро то соли 1812 навиштааст. Номи аслии ӯ Шермуҳаммад Амир Авазбий ӯғли буда, баробари ин муаррих, шоир, мутарҷим, хаттот, маърифатпарвар ба ҳисоб мерафт. Ӯ соли 1819 ба тарҷумаи асари таърихии Мирхонд «Равзат-ус-сафо» («Боғи мусаффо») ба забони ӯзбекӣ шурӯъ намуд. Мӯнис танҳо тарҷумаи ҷилди якуми онро ба анҷом расонд. Таълифи асари ӯ «Фирдавс-ул-иқбол» («Боғи бахт») ва тарҷумаи «Равзат-ус-сафо»-ро шогирд ва ҷиянаш Огаҳӣ ба охир расонд. Номи аслии Огаҳӣ Муҳаммад Ризо Эрназарбек ӯғли буда, солҳои 1809—1874 ҳаёт ба сар бурдааст. Вай муаллифи 16 асари таърихӣ, маърифатӣ, тарҷумаҳост. Забонҳои арабӣ, форсӣ, туркиро мукаммал медонист. Ӯ таърихи солҳои 1812—1872-юми Хоразмро навиштааст. Оид ба таърихи хонии Хева асарҳои таърихиро бо унвонҳои «Риёз-уд-давла», «Зубдат-ут-таворих», «Гулшани давлат», «Шоҳиди иқбол» таълиф намудааст. Халқпарварӣ ва нисбат ба аҳволи халқ бепарво набудани Огаҳӣ дар ғазалаш «Зимистон» ифодаи худро ёфтааст. Шеърҳо, фаъолияти таърихнависӣ ва тарҷумонии Огаҳӣ на танҳо дар ҳудуди Осиёи Миёна, балки дар ҳаёти фарҳангии дунёи Шарқи асри XIX осори ба худ хосеро гузоштааст.



**Аҳмади Дониш.**

Дар аморати Бухоро ҳам як қатор намояндагони илму фан ба воя расиданд. Яке аз онҳо нависанда, файласуф, мусаввир, маорифпарвар Аҳмади Дониш буд. Соли 1857 бо сафирони амири Бухоро Насруллохон дар шаҳрҳои Маскав ва Петербург шудааст. Ба як қатор шаҳрҳои дигари Россия сафар кардааст. Вай муаллифи асарҳои «Саёҳат аз Бухоро то Петербург», «Таърихи мухтаса-

ри амирони манғитияи Бухорои Шариф», «Наводир-ул-вақоеъ («Воқеаҳои нодир») мебошад. Аҳмади Дониш соли 1865 бо таклифи амир Музаффар китоби худро оид ба астрономия бо унвони «Манозир-ул-кавокиб» («Ҷойгиршавии сайёраҳо») навишт. Ӯро на фақат дар аморати Бухоро, балки дар дигар хонигариҳои Осиёи Миёна ба сифати арбоби намоёни фарҳанг мешинохтанд.

Дар аввали асри XIX ҳангоми ҳукмронии амир Умархон дар хонии Қӯқанд роҳандозии ҳокимияти марказонидашуда, ба тартиб овардани муносибатҳои савдову тиҷорат ба низом омада, дар бобати барқарории сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, рушди илму фан мавқеи муҳимро бозид. Дар қасри хон сафи намояндагоне афзуд, ки ба ривоҷу равнақи фарҳанги миллии ӯзбек саҳми арзанда гузоштаанд.

Дар сарой таърихнависӣ, адабиёт, хаттотӣ ривоҷ ёфт. Таърихнависи сарой Муҳаммад Юнус соли 1859 асари «Худойқул Анвар»-ро навиштааст, ки дар он воқеаҳои таърихии даври Муҳаммад Алихон муфассал баён шудаанд. Дар хонигарӣ хаттоти аз ҳама машҳур Турдӣ Алӣ буд. Баъди сохтани ӯрдаи хонигарӣ Худоёрхон ба иҷро расондани корҳои хаттотии деворҳои саройро ба ду шахс – Турдӣ Алӣ ва Мирзо Маҳмуд супурда буд. Нуфузи Турдӣ Алӣ дар саройи хон баланд буда, аз рӯи баъзе тадбирҳои маданӣ хон аз вай маслиҳатҳо гирифтааст.

***Худро озмуда бинед!***

| | | |
|---|---|---|
| **Мӯнис...** | **соли 1819 — ин...** | **Огаҳӣ — ...** |
| **Турдӣ Алӣ —** | **...Аҳмади Дониш...** | **соли 1857 — ин...** |

## Меъморӣ

Дар асри XIX дар шаҳрҳои давлатҳои Осиёи Миёна корҳои бунёдкорӣ авҷ гирифтанд. Алалхусус, дар миёнаи асри XIX дар хонигарии Хева корҳои бинокорӣ ба авҷи аълои худ расиданд. Дар ин давр дар Хева ва дигар шаҳрҳо бисёр иморатҳо — сарой, бозор, мадраса, масҷид, хонақоҳ ва дигар иншоотҳо сохта шуданд. Мадрасаи Оллоҳқулихон, қасри Раҳмонкул Инок, мадрасаи Муҳаммад Аминхон (1851—1855), ки ба маҷмӯаи меъмории Ичанқалъа шомил аст, мадрасаи Муҳаммад Раҳимхон (1871) имрӯзҳо ҳам ҳусни шаҳри Хева ба ҳисоб меравconfiguration. Деворҳои он бо усули меъмории ба ҳамон давраи Хоразм хос аз болои ранги равшани зангорӣ пӯшондаи бо кошинҳои дорои гулҳои сафеду сабз оро дода шуда буданд.

Дар ин давр дар хонии Қӯқанд мадрасаи Ҳазрати Калон Соҳибзода (1862), мадрасаи Ҳоким Ойим (1869–1870), мадрасаи Султон Муродбек (1872) сохта шудааст. Дар байни онҳо қасри Худоёрхон (1863–1870), ки беш аз сад ҳуҷра дошта, ёдгории нодири меъмории нимаи дуюми асри XIX ба



Масҷиди Тиллошайх. Ибтидои асри XX.



Мадрасаи Муҳаммад Раҳимхон (расми замонавӣ).

ҳисоб мерафт, мақоми алоҳида дорад. Он бо нақшу нигор, рангорангии нақшҳо, ҷилои равшани худ фарқ мекард.

Дар миёнаи асри XIX дар маркази бузурги хонигарӣ – шаҳри Тошканд корҳои таъмири иншооти қадима – маҷмӯаи Ҳазрати Имом, соли 1859 бошад, мадрасаи Бароқхон сар шуданд. Дар ҳамон давр дар шафати мадрасаи Бароқхон мадрасаи Мӯйи муборак (аввали асри XX), масҷиди ҷомеи Тиллошайх барин иншоотҳо қад афрохтанд.

Дар ин давр дар қиёфаи меъмории аморати Бухоро тағйиротҳо ба амал омаданд. Дар гузарҳои маҳаллаҳо ва истиқоматгоҳҳои аҳолӣ анъанаи истифода аз усулҳои кӯфӣ, райҳонӣ, настаълиқ барин навиштаҷот (хат) дар бобати ороиши биноҳо давом кард.

**Хусусияти ба худ хоси фарҳанги халқҳои Осиёи Миёна**

Дар ин давр эҷодкороне буданд, ки ҳам ба забони ӯзбекӣ ва ҳам ба забони форсӣ-тоҷикӣ бо ду забон (зуллисонайн) эҷод менамуданд. Дар айни замон ба ин фарҳанг таъсири намояндагони бузурги адабиёти ӯзбек, дар навбати аввал Алишери Навоӣ, ки ба анъанаҳои инсонпарварӣ ва демократӣ асос гузошта буд, ҳис карда мешуд.

Таърихи муштараки халқҳои Осиёи Миёна дар заминаи дӯстии мустаҳкам ба вуҷуд омадааст. Ҳазорон шеъру ғазал, ҳикояву қисса ва ривоятҳои шифоҳӣ аз даҳон ба даҳон гузашта, ҷасорати ҷавонмардони нотарсро мадҳ мекард, қаҳрамонон ва паҳлавононро васф менамуд, садоқат, дӯстӣ ва муҳаббати онҳо ба одамон эътимод бахшида, эҳсосоти байниҳамдигарии ҳурмату эҳтиромро бедор сохта, ба некиву накӯкорӣ даъват менамуд.

*Худро озмуда бинед!*

**Мадрасаи Муҳаммад Аминхон — ...**
**Қасри Худоёрхон — ...**
**Зуллисонайн — ...**
**Масҷиди Тиллошайх — ...**
**Соли 1859 — ...**
**Мадрасаи Мӯйи муборак – ...**



**Иншоотҳои гурӯҳи Ичанқалъа (расми замонавӣ).**

### *Ҷамъбаст мекунем!*

- Эҷодиёти халқ: бахшиҳо, масхарабозон, ҳофизон, аскиягӯйҳо;
- Мӯнис (1778—1829), Огаҳӣ (1809—1874), Аҳмади Дониш (1827—1897);
- Хаттотӣ — Муҳаммад Юнус, Турдӣ Алӣ.
- Меъморӣ: Муҳаммад Аминхон, Ҳазрати Калон Соҳибзода, Тиллошайх.

### *Шарҳи истилоҳот:*

**Эпос** — маҷмӯи достонҳо дар бораи шуҷоаткорӣ ва қаҳрамонӣ дар эҷодиёти шифоҳии халқ.

**Хонақоҳ** — манзилгоҳ барои дарвешон иборат аз қироатхонаву масҷидҳо.

**Труппа** — ҷамоаи ҳунарварони театр ё ки сирк.

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Намунаҳои аз ҳама васеъ паҳнгардидаи эҷодиёти халқи аҳолии Осиёи Миёнаро дар миёнаи асри XIX номбар кунед.
2. Ҷиҳатҳои ба худ хоси эҷодиёти Мӯнис, Огаҳӣ ва Аҳмади Донишро бигӯед.
3. Ҷиҳатҳои ба худ хоси меъмории Хева дар асри XIX чист?
4. Имрӯзҳо барои абадӣ гардондани номҳои адибони он давр кадом корҳо ба иҷро мерасанд?
5. Ҷиҳатҳои ба худ хоси меъмории хонигарии Қӯқанд дар чӣ намудор аст?
6. Ҷадвали поёниро пур кунед.

| Номи аллома | Соли зист | Асарҳояш |
|---|---|---|
| | | |

# БОБИ II

# ОСИЁИ МИЁНАРО ЗАБТ НАМУДАНИ ИМПЕРИЯИ РОССИЯ

**Дар натиҷаи омӯзиши боб инҳоро дониста мегиред:**

- мақсадҳои асосии истилои Осиёи Миёна аз ҷониби империяи Россия;
- юришҳои истилогаронаи империяи Россия ба Осиёи Миёна ва марҳилаҳои он;
- муқовимат ба юришҳои истилогаронаи ҳарбӣ;
- пеш бурдани сиёсати мустамликадории империяи Россия дар Осиёи Миёна ва ба роҳ мондани ҳукмронӣ.

## § 6. ОҒОЗИ ҲАРАКАТ БАРОИ ИСТИЛОИ МУСТАМЛИКАВИИ ОСИЁИ МИЁНА АЗ ҶОНИБИ ИМПЕРИЯИ РОССИЯ

**Тайёрӣ барои истило**

Россияи подшоҳӣ дар сиёсати берунаи худ ба мақсади тӯл кашондани сарҳадҳои худ ба шарқ сараввал бо аморати Бухоро, хонигариҳои Хева ва Қӯқанд барон роҳ мондани алоқаҳои ҳарҷониба ҳаракат намуд. Барои ин аввало ба мақсади бештар ҷамъ овардани маълумот дар бораи Осиёи Миёна сафирони худро ба ин сарзамин мефиристод. Дар давраи ҳукмронии Пётр I экспедитсияи ҳарбӣ таҳти сарварии Александр Бекович-Черкасский ба ин кишвар фиристода шуд. Аммо кори экспедитсия бебарор шуду ҳукумати подшоҳӣ ба сохтани истеҳкомҳо шурӯъ намуд. Соли 1718 дар соҳили дарёи Иртиш ҳафтто аз ин қабил истеҳкомҳо қад афрохтанд.

Барои маълумот гирифтан дар бораи вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ аҳволи ҳарбӣ, роҳҳои обӣ ва хушкигарди Осиёи Миёна ҷосусонро ба сифати сайёҳ, савдогар, сафир фиристода ҷамъ оварда шуд. Асри XIX эҳтиёҷи саноати Россия ба ашёи хом афзуд, барои маҳсулоти тайёр бозори иловагии истеъмол зарур шуд, барои саноати бофандагӣ нахи арзони пахта лозим гашт. Чунин худуд Осиёи Миёна буд ва муаммоҳои мазкур ба истилои кишвар суръати баланд бахшид. Аз ин сабабҳо истилои Осиёи Миёна дар миёнаи асри XIX ба Россияи

подшоҳӣ вазифаи аввалиндарача гардид. Ба ғайр аз ин, дар доираи байналхалқӣ ба Осиёи Миёна молҳои англис ворид гашта, ҳаваси Англия ба Осиёи Миёна баланд шуду он боиси суръатфизоии истилои ҳукумати подшоҳӣ гардид. Диққату эътибори ширкати Ост-Индияи Британияи Кабир аз асри XIX сар карда, ба Осиёи Миёнае, ки аҳамияти калони стратегӣ дошт, боигариҳои табиӣ, ашёи хомаш фаровон буд, афзуд. Соли 1825 М.Муркрофт ба Осиёи Миёна барои ба роҳ мондани равобит бо Англия фиристода шуд. Вай ба Бухоро омада, ҳангоми бозгашт бо ду ҳамсафараш ҳалок гаштааст. Соли 1832 ба Бухоро А. Бёрнс, соли 1844 майор И. Волф, соли 1843 ба Хева ва Бухоро капитан Ҷ. Аббот фиристода мешавад.

Вакилони ширкати Ост-Индияи Англия бо таклифи расондани кӯмак ба соҳаи ҳарбии давлатҳои Осиёи Миёна ва созмон додани иттифоқи ҳарбӣ ба муқобили Россияи подшоҳӣ ба Бухоро Ҷ. Стоддарт ва А. Конноли меоянд ва соли 1842 аз тарафи амир ба қатл расонда мешаванд. Баъди қатли сафирон ҳукумати Англия ба муқобили Бухоро бо Афғонистон сулҳ баста, онҳоро мусаллаҳ гардонд. Баъди он Афғонистон як қисми ҳудуди аморати Бухороро забт менамояд ва соли 1855 ҳудудҳои соҳили ҷанубии Амударё, ки ӯзбекон ва тоҷикон истиқомат мекарданд, ба вилояти Афғонистон табдил дода шуд.

Россияи подшоҳӣ аз ин сиёсати пешбурдаи Англия нисбати Осиёи Миёна дар миёнаи асри XIX норозӣ гашта, барои тезтар истило намудани аморати Бухоро, хонигариҳои Қӯқанд ва Хева ҳаракат кард. Дар ин давр мағлубияти Россияи подшоҳӣ дар ҷанги Қрим (1853—1856) ба ҳаракати истилои Осиёи Миёна аз тарафи империяи Россия суръат бахшид. Барои ин саравval роҳҳо, алалхусус, роҳҳои тиҷоратиро пурра ба дасти худ гирифтан хост. Оқибат дар роҳи Оренбург, ки роҳи асосӣ ба сӯи Тошканд буд, истеҳкомҳои ҳарбӣ сохта шуд. Дар резишгоҳи Сирдарё соли 1847 қалъаи Раим қад афрохт.

Ба оғози юришҳои ҳарбии ҳукумати подшоҳӣ ба Осиёи Миёна бартараф намудани гурӯҳҳои таҷовузкор, ки нисбати шаҳрвандони дар ҳудудҳои сарҳадии империяи Россия истиқоматкунанда ғоратгариву истилоро истифода мебурданд, баҳона гардид. Ба ғайр аз ин, дар ин давр ҷанги шаҳрвандии байни шимолу ҷануб дар ИМА (1861–1865) оғоз ёфта, барои саноати бофандагии Россия танқисии ашёи хоми пахтаро ба вуҷуд овард.

Дар нимаи якуми асри XIX муҳорибаҳои бардавоми байниҳамди-

гарии хонигариҳои Осиёи Миёна боиси аз ҷиҳати иқтисодиву ҳарбӣ заифгардии онҳо гардиданд. Чунин вазъият оқибат истилои хонигарихоро хеле осон гардонд.



**Аскарони Округи харбии Туркистон. Соли 1867.**

Ҳамин тавр, дар миёнаҳои асри XIX набардҳои байниҳамдигарии хонигариҳои Осиёи Миёна, низоъ ва зиддиятҳои дохилӣ, дурро андешида, сиёсати дохила ва берунаро пеш набурдани сарварони давлатҳо ба аҳволи ночорӣ овард. Дар чунин вазъият ҳукумати подшоҳӣ манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва геосиёсии худро ба назар гирифта, ҳаракати ҳарбии истилогаронаашро ба Осиёи Миёна оғоз намуд.

**Марҳилаҳои юриши ҳарбии истилогарона дар Осиёи Миёна**

Истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Россияи подшоҳӣ дар чаҳор марҳила амалӣ гардидааст. Марҳилаи якум солҳои 1847—1865 аз ҷониби Россия вилоятҳои шимолии хонии Қӯқанд ва шаҳри Тошканд забт гардид. Дар ҳудудҳои истилошуда вилояти Туркистон ташкил ёфта, ба таркиби генерал-губернатории Оренбург дохил шуд.

Марҳилаи дуюм солҳои 1865–1868-ро дар бар гирифта, дар ин вақт амалиётҳои истилогарона зидди хонии Қӯқанд ва аморати Бухоро пеш бурда шуданд.

Марҳилаи сеюм давоми солҳои 1873–1879 аз забти заминҳои хонигариҳои Хева ва Қӯқанд иборат буд.

Марҳилаи чорум солҳои 1880–1885 тобеъ сохтани қабилаҳои туркман буд. Ҳамин тавр, солҳои 1864–1885 дар давоми 20 сол Россияи подшоҳӣ барои истилои Осиёи Миёна тайёрии дарозмӯҳлатро ба юришҳои ҳарбии истилогарона бо набардҳои бераҳмонаи забткорӣ давом дод. Оқибат қисми зиёди ҳудуди Осиёи Миёна забт гардида, мустамлика гашт.

**!** ***Худро озмуда бинед!***

**Сабабҳои истило...**
**Марҳилаи дуюм — ...**
**Марҳилаи сеюм-...**

**Марҳилаи якум — ...**
**Марҳилаи чорум — ...**
**Солҳои 1864—1885 — ...**

**Оғози юришҳои ҳарбии истилогарона ба муқобили Осиёи Миёна**

Императори Россия Александри II (1855—1881) соли 1859 қарорро дар бораи давом додани истилои хонии Қӯқанд доду ҳаракатҳои ҳарбӣ нисбати хонии Қӯқанд пурзӯр гашт. Барои ин саравал мебоист шаҳри Тошкандро забт менамуданд. Қалъаи Оқмасҷид барои истилои Тошканд ба пойгоҳ табдил ёфт. Соли 1852 қӯшунҳои подшоҳӣ ҳангоми забти қалъаи Оқмасҷид ба мағлубият дучор гардиданд, соли 1853 маротибаи дуюм ҳуҷум оғоз ёфт. Ба қӯшуни ҳарбии беш аз 3 ҳазор нафар ҳимоятгарони аз 400 нафар иборат 20 рӯз муқовимат нишон доданд. Ҳимоятгарони дар муҳосира мондаи қалъа то имконияти охирин ҷангиданд, азбаски қувваҳо нобаробар буд, қӯшунҳои подшоҳӣ қалъаро ишғол намуданд. Баъдтар қалъаи мазкур барои ҳаракатҳои ҳарбӣ ба маскани такягоҳӣ мубаддал ёфт ва ба он форти *Перовский* ном доданд.

Соли 1864 Н. Верёвкин ва М. Черняев бо қӯшуни беш аз се ҳазор нафара аз ду самт – яке аз ҳисори Перовский (тарафи Оренбург), дигаре аз шаҳри Верний (Алмати) барои забти Тошканд ба роҳ баромаданд. 4 июн таҳти сарпарастии М.Черняев қӯшун шаҳри Авлиёато (ҳозира шаҳри Тароз)-ро забт намуд. Барои роҳбарӣ ба мудофиаи шаҳрҳои Туркистон ва Чимкент фармондеҳи қӯшунҳои хонии Қӯқанд амирлашкар Алиқулӣ (Алимқул) фиристода шуд. Н.Верёвкин агар ҳимоятгарон таслим нашаванд, тамоми шаҳр зери оташ фаро гирифта шуда, мақбараи Аҳмад Яссавӣ, ки аз тарафи Амир Темур сохта шуда буд, яксон карда мешавад, гӯён бонги хатар зад. Оқибат Алиқулӣ қӯшунҳои худро аз Туркистон баровarда, барои мудофиаи Чимкент ақибнишинӣ кард. Отряди Н.Верёвкин шаҳри мутааллиқи хонии Қӯқанд Туркистонро бо набарди 3-рӯза 12 июл ишғол менамояд ва ба забти Тошканд, ки бо девори қалъагии 20 километра иҳота гардида буд, тайёрӣ дид.



**Намуди шаҳр дар охири асри XIX.**

Ба ин ҳаракатҳои ҳарбӣ М.Черняев қӯмондон таъин гардид. Тирамоҳи соли 1864 шаҳри Чимкент ишғол гардида, дар асоси хатти Қӯқанди нав ҳисорҳои ишғолшударо муттаҳид сохтанд. Дар ин

айём аз қалъаи истеҳкоми Сирдарё, аз Семипалатинск то шаҳри Верний хатти истеҳкоми Сибир ба вуҷуд омад.

***Ҷамъбаст мекунем!***

- Фаъолияти сафирони рус дар хонигариҳои Осиёи Миёна;
- Оқмасҷид – соли 1803, Чимкент, Туркистон – соли 1864;
- Ташкил гардидани хатҳои Қӯқанди нав, истеҳкоми Сибир;
- Марҳилаҳои юришҳои ҳарбӣ: 1847–1865, 1865–1868, 1873-1879, 1880–1885.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Истеҳкомҳои дар соҳили дарёи Иртиш сохташуда кадом вазифаҳоро ба ҷо меоварданд?
2. Мақсадҳои сафирони ба Осиёи Миёна фиристодаи англисҳо чиҳо буданд?
3. Мақсад аз истилои Осиёи Миёна аз тарафи империяи Россия аз чиҳо иборат буд?
4. Марҳилаҳои истилои Осиёи Миёнаро аз ҷониби империяи Россия шуморед.
5. Тафсилоти забти қалъаи Оқмасҷидро фаҳмонда диҳед.
6. Тафсилоти ишғоли шаҳрҳои Чимкент ва Туркистонро маънидод созед.

## § 7. ЗАБТИ ТОШКАНД

**Аҳамияти стратегии забти Тошканд**

Тошканд яке аз марказҳои калони сиёсӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва савдову тиҷорати Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт. Дар нимаи дуюми асри XIX шаҳри Тошканд 12-то, яъне дарвозаҳои Лабзак, Тахтапул, Қорасарой, Сагбон, Чиғатой, Кӯкча, Самарқанд, Камолон, Бешёғоч, Қӯймас, Қӯқанд, Қашқарро дошт. Барои аз ҳар тарафи шаҳар ворид шудан дарвозаҳои мазкур сохта шуда, онҳоро посбонон




**Харитаи шаҳри кӯҳна. Асри XIX.**

дидбонӣ мекарданд. Дар паси девори мудофиавии шаҳр хандаки об буд, ки бо оби наҳри Кайковус пур мегардид. Тошканд ба чор даҳа (ноҳия) — Бешёғоч, Кӯкча, Себзор ва Шайхонтоҳур тақсим шуда, ҳар яки он аз ҷониби оқсақоли (сарвари) худ идора гардидааст. Дар миёнаҳои асри XIX аҳолии шаҳрро қариб 80 ҳазор нафар ташкил медоданд.

Барои забти Тошканд ҳукумати подшоҳӣ тайёрии ҷиддӣ дид. Зеро ишғоли Тошканд доманфарох, фарогири ҳудуди такягоҳи пеш бурдани юришҳои ҳарбии империяи Россияро ба Осиёи Миёна таъмин месохт. Шаҳри мазкур барои забти Осиёи Миёна роҳи асосӣ буд, барои ҳаракатҳои минбаъдаи қӯшунҳои ҳарбӣ вазифаи нуқтаи такягоҳиро иҷро мекард ба ҳисоб мерафт.

**Ҳуҷуми аввал ба шаҳр**

1-уми октябри соли 1864 М.Черняев барои ба подшоҳ худро нағз карда нишон додан ба тезӣ Тошкандро ба даст оварданӣ мешавад. Лекин нақшаи ӯ барбод ёфт. М.Черняев аз 70 нафар аскари худ маҳрум гашта, ба Чимкент ақибнишинӣ кард. Азбаски ҳуҷуми якум ба Тошканд бебарор омад, ӯ ба хуҷуми навбатӣ то баҳорон тайёрии пухта дид. Моҳи апрели соли 1865 қӯшунҳои ҳарбии рус дар наздики Тошканд ҷойгир шуданд. Қӯшуни асосии ҳарбӣ 25 км. дуртар аз шаҳри Тошканд дар ҳисори Ниёзбек, ки дар соҳили чапи дарёи Чирчиқ воқеъ буд, ҷойгир гашта, таклиф кард, ки қалъа бидуни ҷанг таслим гардад. Лекин ҳимоятгарони қалъа ҷавоби рад дода, ба ҳимояи он шурӯъ намуданд. Қувваи ҳарбии ҳимоятгарони қалъа ва истилогарон фарқи калон дошт. Қалъа аз тӯпҳо беист ба зери оташ гирифта шуда, деворҳояш сӯрох гаштанд. Аз ҷойҳои сӯрохгардидаи девор истилогарон ба қалъа зада даромада, ба ишғоли он муваффақ гаштанд. Оқибат ҳисори Ниёзбек, ки дарвозаи Тошканд ном гирифта буд, ба дасти душман гузашт. Ба даст овардани ҳисори мазкур ба М.Черняев имкон дод, ки Тошкандро аз таъминоти об маҳрум созад. Бо фармони ӯ сарбанди дарёи Чирчиқро, ки аҳолии шаҳри Тошкандро бо оби ошомиданӣ таъмин мекард, вайрон менамоянд.



Тошканд. Шаҳри кӯҳна. Асри XIX

**Ишғоли шаҳр**

Истилогарон таҳти сарпарастии М.Черняев моҳи майи соли 1865 ба Тошканд ҳуҷум оварданд. Ба

ҳимояи Тошканд ҳимоятгарони шаҳр ва қӯшунҳои хонии Қӯқанд бо сарварии амирлашкар Алиқулӣ муқовимат нишон медиҳанд. Ҷанги беамон оғоз ёфта, Алиқулӣ захмӣ шуда, вафот карду ҳимоятгарони шаҳр ба саросема афтоданд. Азбаски ҳимоятгарон бе сарвари ягонаи ҳарбӣ монданд, боиси дастболоии истилогарон гашт. Мутаассифона, ба ҳимояи Тошканд кӯмак аз аморати Бухоро дер расид. Қӯшуни деррасида амалан фоида надод. Қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ девори назди дарвозаи Камолонро вайрон карда, ба шаҳр даромад. Сарбозони тошкандӣ, аҳолии маҳаллаҳо, ки дар кӯчаҳо монеаҳоро сохта буданд, муқобилияти сахт нишон доданд. Барои ҳар як ваҷаб замин дар кӯчаву маҳаллаҳо ҷангҳо давом карданд. Ҷанги асосӣ дар кӯчае сурат гирифт, ки аз дарвозаи Камолон то бозори маркazии Хадра тӯл мекашид. Қӯшунҳои рус аз хатте гузашта натавонист, ки дар ҳимояи чор тӯп буд. Аммо ин вақт як қисми қӯшунҳои М.Черняев қалъаи шаҳрро ишғол намуда, аз он ҷо дохили шаҳрро гулӯлаборон кард. Ҳимоятгарони шаҳр ба мақсади раҳоӣ аз оташ ба қалъа оташ заданд. Бо ҳамин роҳ қӯшунҳои рус маҷбур шуданд, ки қалъаро партофта раванд.



**Калидҳои рамзии заррини дарвозаҳои Тошканд.**

Қӯшунҳои М.Черняев, ки ба сӯи дарвозаи Камолон ақибнишинӣ карда буданд, субҳ ҷангро аз нав сар карданд. Иморатҳои шаҳр вайрон гашта, дар даруни оташ монд. Бастани роҳҳои об имкони хомӯш карданисӯхторҳоро надод.

М.Черняев шаҳрро бо қувваи силоҳ ба даст оварда, 17 июн оқсақолони даҳаҳои шаҳр, яъне Бешёғоч, Кӯкча, Себзор ва Шайхонтоҳурро ба наздаш хонд. Қозикалони Тошканд Ҳакимхӯҷа, Абулқосим эшон, Солеҳбек додхоҳ барин одамони бонуфузи шаҳр ба гуфтушунидҳо шурӯъ намуданд. М.Черняев ба мақсади дар доираи байналхалқӣ сафед кардани рафтори худ аз онҳо талаб намуд, ки илтимосномаро ба унвони император дар бораи ихтиёран супурдани Тошканд ва барои оромиву осоиши аҳолӣ худи тошкандиён аскарони Россияро даъват кардаанд, нависанд. 9 оқсақол барои имзои аҳднома оиди ба тавфи ихтиёрӣ супурдани шаҳр маҷбур шуданд. Барои бохабар гардидани аҳли ҷаҳон аз мазмуни хати мазкур ҳукумати подшоҳӣ кулли чораҳоро дида буд. Солеҳбек додхоҳ, Абулқосим эшон, Ҳакимхӯҷа барин ватанпарастон, ки ба ин хатти сохта зид буданд, ба Сибир бадарға гардиданд. Бо ҳамин

шаҳр ба ихтиёри ҳукумати подшоҳӣ гузашта, ба маркази ҳарбӣ, сиёсӣ ва маъмурии кишвари Туркистон табдил ёфт.

Дар натиҷаи юришҳои ҳарбии истилогарона ҳудудҳои забтшуда ба вилояти Туркистон табдил дода, ба он қӯмондони қӯшуни ҳарбӣ генерал-майор М.Г.Черняев губернатор таъин шуд. Мувофиқи Низоми муваққатӣ аз 6 августи соли 1865 «Дар бораи идоракунии вилояти Туркистон» дар вилоят тартиботи идораи ҳарбӣ ҷорӣ гашт. Мақсади ҳукумати подшоҳӣ дар асоси ҳарбӣ ташкил кардани вилоят барои минбаъда амалӣ гардондани нақшаҳои ҳарбӣ буда, он мебоист вазифаи ҳудуди маъмурии такягоҳиро ба ҷо орад.

### *Ҷамъбаст мекунем!*

- 12-то дарвоза, 80 ҳазор нафар аҳолӣ, 4-то даҳа.
- 1 октябри соли 1864 ҳуҷуми аввалини М. Черняев, ишғоли қалъаи Ниёзбек, соли 1865 забт гардидани Тошканд.
- Соли 1865 дар таркиби генерал-губернатории Оренбург вилояти Туркистон ташкил меёбад. Ба он М. Черняев генерал-губернатори ҳарбӣ таъин мегардад.

### *Шарҳи истилоҳот:*

**Ултиматум** (*лотинии охирин*) — баёноти ҳукумати як давлат ба ҳукумати дигар давлат аз рӯи ягон масъала, талаби қатъие, ки ба эътироз ҳоҷате намемонад.

**Россияи подшоҳӣ** (*Царская Россия*) — дар забони русӣ шоҳ «Цар» номида мешавад. Аз ин рӯ, дар адабиётҳо ба забони тоҷикӣ бо ҳамин намуд дохил карда шудааст.

### *Савол ва супоришҳо:*

**1.** Ба расми «Харитаи шаҳри кӯҳна» нигоҳ карда сохти шаҳрро тасвир намоед.
**2.** Мақсади империяи Россия оиди ишғоли Тошканд чӣ буд?
**3.** Дар бораи мудофиаи Тошканд ҳарф занед.
**4.** Аҳолии маҳаллӣ ба муқобили истило чӣ гуна ҳаракатҳо намуд?

## § 8. ТАЪСИС ЁФТАНИ ГЕНЕРАЛ-ГУБЕРНАТОРИИ ТУРКИСТОН

**Ба роҳ мондани идораи мустамликавӣ дар кишвари Туркистон**

Натиҷаи юришҳои ҳарбии истилогаронаи ҳукумати подшоҳӣ ба мақсади ба мустамликаи худ табдил додани Осиёи Миёна ҳудудҳои калони он ишғол гардид. Ҳукумати подшоҳӣ

ҳангоми юришҳои ҳарбӣ ба бисёр маҳрумияту талафотҳо нигоҳ накарда нақшаҳои навбатии ҳарбиро таҳти фармонҳои император Александри II давом дод.

Вилояти Туркистон, ки соли 1865 ташкил ёфт, барои пеш бурдани ҳаракатҳои ҳарбӣ дар Осиёи Миён нақши маркази ҳарбиро бозид. Вазифаи навбатӣ акнун аз мустаҳкамкунии ҳукмронии ҳукумати подшоҳӣ дар ҳудудҳои забтгардида, ташкил намудани воҳидҳои ҳудудии маъмурӣ иборат буд. Барои амалӣ гардондани ин мақсадҳо ҳаракат шуд, ки ҳудуди маъмурӣ-идоравие, ки қаламрави истилошудаи Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт, ташкил гардад. Яъне генерал-губернатории алоҳида ташкил ёбад. Сабаби он аввало генерал-губернатории Оренбург аз Осиёи Миёна дур буд, баъдан муттаҳид сохтани сарзаминҳои Осиёи Миёна буд, ки минбаъд бояд истило мешуд. Аҳолӣ ва ҳудуди он барои ташкил кардани боз як генерал-губернаторӣ кифоят мекард. Баробари ин, ба воситаи дар Осиёи Миёна ташкил додани генерал-губернатории алоҳида хусусиятҳои табиӣ-ҷуғрофӣ, миллӣ ва тарзи зиндагонии онро ба манфиатҳои империя ҳамаҷониба мувофиқ гардондан буд.

Соли 1867 дар ҳамаи ҳудудҳои истилошуда генерал-губернатории Туркистон таъсис дода мешавад. Баробари генерал-губернаторӣ округи ҳарбии Туркистон низ таъсис ёфт. Ҳамон қисмҳои ҳарбие, ки дар юришҳои истилогарона аз соли 1847 иштирок карданд, ба таркиби он шомил гардиданд. Шумораи умумии ҳарбиёни Округи ҳарбии Туркистон дар ин давр то 40 ҳазор ҳарбиёнро ташкил медод.



**К.П.Кауфман**

Шаҳри Тошканд маркази генерал-губернаторӣ муайян гашт. Он дар макони мусоиди ҷуғрофӣ ҷойгир буда, барои ба амал баровардани мақсадҳои ҳарбӣ, сиёсӣ, стратегӣ тамоми имкониятҳоро дошт. Генерал-губернатории Туркистон қӯмондони қӯшунҳои ҳарбии дар кишвар ҷойгиршуда, сардори казакони Еттисув ва баробари ин, суди асосӣ ба ҳисоб мерафт. Бо фармони императори Россия аз соли 1867 ба вазифаи генерал-губернатори Туркистон генерал-адютант Константин Петрович фон Кауфман (1867—1881) таъин гардид. Дар як вақт ӯ қӯмондони округи ҳарбии Туркистон ҳам буд.

**Ташкилёбии ҳудудҳои нави маъмурӣ**

Генерал-губернатории Туркистон вилояти Туркистон ва қисми ҷанубии вилояти Семипалатинскро дар бар мегирифт. Сараввал

**Идораи марказии генерал-губернатории Туркистон**




генерал-губернатории Туркистон аз ҷиҳати маъмурӣ ба ду вилоят: Сирдарё (марказаш Тошканд) ва Еттисув (марказаш Верний) тақсим гардид. Ба ҳудуди вилояти Сирдарё асосан ҳудуди мутааллиқи вилояти Туркистон, ки соли 1865 ташкил ёфта буд ва ҳудудҳои шимолии истилошудаи хонии Қӯқанд дохил шудааст. Вилояти Еттисув бошад, аз ҳисоби заминҳои округи Сергиопол, Копал ва Олатавски вилояти Семипалатинск ва як қисми вилояти собиқ Туркистон ташкил ёфт. Баъдтар, аз ҳисоби ҳудудҳои истилошуда воҳидҳои зерини маъмурӣ-ҳудудӣ ба вуҷуд омаданд: Соли 1868 дар заминҳои мансуб ба аморати Бухоро округи Зарафшон (марказаш Самарқанд), соли 1873 ҳудудҳои мансуби хонигарии Хева шӯъбаи Амударё (марказаш Петро-Александровск, ҳозира Тӯрткӯл), соли 1876 вилояти Фарғона (марказаш Янги Марғелон, баъдтар Скобелев, Фарғонаи ҳозира), соли 1881 вилояти паси Каспий (Марказаш шаҳри Ашқобод) ташкил ёфтанд.

Ҳудуди вилоятҳои кишвари Туркистон калон буда, майдони онҳо нисбати ҳудуди баъзе губернияҳои қисми аврупоии Россия ҳам бузургтар метофт. Аз он ҷумла, майдони вилояти Самарқанд, ки аз ҷиҳати ҳудуд вилояти хурдтарини кишвар ба ҳисоб мерафт, 2000 верст мураббаъ (1 верст ба 1,066 км мураббаъ баробар) буда, аз ҳудуди губернияи Саратов, ҳудуди вилояти Сирдарё аз ҳудуди губернияи Маскав калонтар буд.

Генерал-губернатории Туркистон ба ғайр аз ҳудуди дар лоиҳаи «Низом»-и соли 1867 нишондода ба ҳуқуқи ба таври мустақил амалӣ гардондани тамоми тадбирҳои лозимаву зарурӣ оиди идора кардани кишвар бо назардошти шароити маҳаллӣ молик буд.

Ба К. П. Кауфман ба фарқ аз дигар сарварони дигар губернияҳои империяи Россия барои дар кишвари Туркистон амалӣ гардондани

мақсадҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва геосиёсӣ ваколатҳои калон дода шуд. Барои ҳамин ҳам дар байни халқ номи «ним подшоҳ»-ро гирифта буд.

*Дар хотир доред!*

**Дар кишвари Туркистон ба мақсади пурра амалӣ гардондани сиёсати мустамликавӣ ва мустаҳкам кардани ҳукмронӣ ба амалдорони истилогари кишвар ваколатҳои зиёд дода шуда буданд.**

*Худро озмуда бинед!*

**Фон Кауфман соли ... генерал-губернатори Туркистон таъин гардид. Шӯъбаи Амударё ... таъсис ёфт. Маркази генерал-губернатории Туркистон...**

*Савол ва супоришҳо:*

1. Вилояти Туркистон барои чӣ дар асоси ҳарбӣ ташкил гардидааст?
2. Вилояти Туркистон барои чӣ ба генерал-губернатории Туркистон табдил ёфт?
3. Ваколатҳои генерал-губернатории Туркистон аз генерал-губернаторихои дигари империя бо чӣ фарқ мекунад?
4. Дар бораи ҳудуд ва идораи генерал-губернатории Туркистон чиро дониста гирифтед?

## § 9. ОҒОЗИ ҲАРАКАТҲОИ ҲАРБӢ БА МУҚОБИЛИ АМОРАТИ БУХОРО

**Оғози истилои аморати Бухоро**

Баъди истилои шаҳри Тошканд нақшаи минбаъдаи ҳукумати подшоҳӣ бо навбат забт намудани хонигариҳо буд. Тамоми ҳаракатҳои ҳарбӣ аз шаҳри Тошканд ташкилу идора мегардид. Ба ҳамин мақсад дар кишвар мустаҳкам ҷойгир шуда, хонигариҳоро аз якдигар ҷудо карда, барои муттаҳидшавиашон роҳ нагузоштанд. Яъне, мустамликадорон ба қоидаи асосии худ — шиори «Тақсим куну ҳукмронӣ намо!» амал намуданд.

Дар ин айём ҳукумати подшоҳӣ М.Черняевро аз Осиёи Миёна ба Санкт-Петербург даъват намуда, ба ҷои ӯ Ф.Романовскийро губернатори вилояти Туркистон таъин кард. Ф.Романовский соли 1866 бо баҳонаи он ки амири Бухоро ба муқобили Россия омодагӣ мебинад, ба оғози ҳаракатҳои ҳарбӣ рухсат пурсид. Таклифи Романовский аз



**Қӯшунҳои ҳарбии Бухоро.**

тарафи ҳукумат пазируфта шуд ва ӯ ба забти ҳудудҳои миёнаоби Сирдарё шурӯъ кард. Набарди аввал 8 майи соли 1866 дар наздикии деҳаи Эрҷар ба амал омада, азбаски қувваҳои ҳарбӣ нобаробар буд, қӯшунҳои амир мағлуб гаштанд. Романовский таъқиби қӯшунҳои амирро қатъ намуда, ба сӯи Хуҷанд ҳаракат кард, ки Тошканд, Қӯқанд, Балх ва Бухоро барин маҳалҳои байни хонигарии Қӯқанд ва аморати Бухороро бо ҳам мепайваст.

Хуҷанд аз тарафи қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ муҳосира гардида, аз 20 тӯп гулӯлаборон шуд. То субҳ муҳосира давом карда, баъд ҳуҷум оғоз ёфт. Баъди бартараф кардани ҳуҷуми аввал боз шаҳр тирборон гардид. Муҳосира ва тирборон ду рӯз давом кард. Муҳозифатгарони шаҳр ба муқобили истилогарон барои ҳар як ваҷаб замин мардонавор ҷангиданд. Вале қӯшунҳои руси аз техникаи ҳарбӣ ва шумора бартарӣ дошта шаби 24 май муқовимати муҳофизатгаронро шикаст доданд. Дар кӯчаҳои шаҳр бисёр ҷасади муҳофизатгарон ва аҳолӣ, хонадонҳои вайроншуда монд.

**Муҳорибаҳо барои Ӯротеппа ва Ҷиззах**

Генерал-губернатори Оренбург Н. Крижановский ба губернатори вилояти Туркистон Ф.Романовский амр дод, ки ҳаракатҳои ҳарбиро бар зидди хонии Қӯқанд оғоз намояд. Мувофиқи нақшаи ҳаракатҳои ҳарбии империяи Россия ба Осиёи Миёна тақдири хонии Қӯқанд соли 1866 ҳал гардида, дар Хуҷанд тамоми чизҳо ба муқобили Қӯқанд ба ҳолати тайёр оварда шуд. Барои сарварии юриши Қӯқанд худи Н.Крижановский омад. Ӯ бо сафири аморати Бухоро мувофиқи шартномаи сулҳ вохӯрда, дар бадали 10 рӯз ба миқдори 100 ҳазор рубл пардохтро талаб кард. Вақте ки ин муддат гузашт, Н.Крижановский аз ҷониби амири Бухоро иҷро нашудани талабро баҳона карда, ба қӯшунҳои худ фармон дод, ки ба муқобили амири Бухоро ҳуҷумро оғоз намоянд.

Тирамоҳи соли 1866 қӯшуни ҳарбии иборат аз 6 ҳазор аскари пиёда, 500 казак, 28 тӯп, 600 ароба ва 800 шутур ба сӯи Ӯротеппа ҳаракат намуд. Ба ин ҳаракат қувваҳои ба муқобили Қӯқанд омодагардида ҳам ҷалб шуданд. Корвони ҳарбӣ-нақлиётии Романовский баробари ба Ӯротеппа расидан шаҳр се рӯз аз тӯпҳо гулӯлаборон гардид. Баъди он субҳ ҳуҷум сар шуд. Аҳолии шаҳр ба муқобили истилогарон мардонавор муқовимат

нишон дод. Дар натиҷаи гулӯлаборон кардан Ӯротеппа вайрон гашта, аз тарафи душман забт гардид. Бар асари ҳуҷум беш аз 2 ҳазор нафар аҳолӣ ҳалок шуд.

Баъди ишғоли Ӯротеппа аз тарафи қӯшунҳои ҳарбии Россияи подшоҳӣ ҳаракати навбатӣ 12 октябр ба Ҷиззах оғоз ёфт. Дар натиҷаи тирпаррониии бардавом деворҳои шаҳр вайрон гашта, баъди муҳорибаи ду шабонарӯзӣ 18 октябри соли 1866 шаҳри Ҷиззах ба дасти ҳукумати подшоҳӣ гузашт. Ҳангоми истилои Ҷиззах дар набардҳо аз ҳар ду тараф беш аз 6 ҳазор нафар ҳалок шуданд. Қувваҳои кӯмакрасон аз аморати Бухоро дер расид. Онҳо ба муҳофизатгарон ягон кӯмаке нарасонда, ақибнишинӣ карданд. Ҳукумати подшоҳӣ дар Ҷиззах аз 3 ҳазор аскар, 300 казак ва 12 тӯп иборат қувваҳои ҳарбиашро гузошт. Дар ҳудудҳои давоми солҳои 1864—1866 истилошуда вилояти Сирдарё таъсис ёфт.

***Худро озмуда бинед!***

**Эрҷар-н...**
**Солҳои 1864—1866--...**
**Соли 1866--...**
**Н. Крижановский...**

***Шарҳи истилоҳот:***

**Казак** — дар асрҳои миёна дар давлати Рус шахсонанд, ки аз байни деҳқонони крепостной гурехта, ба озодӣ баромадаанду қӯшун ташкил намудаанд.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Омиле, ки ба юриши муқобили аморати Бухоро аз ҷониби Россияи подшоҳӣ баҳона гардидааст, чист?
2. Истилои Ҷиззахро чӣ тавр эзоҳ медиҳед?
3. Дар бораи мутеъ сохтани шаҳрҳои Хуҷанд ва Ҷиззах чиҳоро донистед?
4. Ҳудудҳоеро аз харита нишон диҳед, ки солҳои 1864—1866 истило шудаанд.

## § 10. БА РОҲ МОНДАНИ ПРОТЕКТОРАТИ РОССИЯИ ПОДШОҲӢ ДАР АМОРАТИ БУХОРО

**Муҳориба барои Самарқанд**

Генерал-губернатори Туркистон фон Кауфман қарор дод, ки истилои Осиёи Миёнаро бо забти аморати Бухоро идома диҳанд. Қувваҳои ҳарбии аморат аз ҷангҳои пайдарпай бо хонии Қӯқанд, низоъҳои дохила, аз ҷиҳати техникаи замонавии ҳарбӣ қафо монданаш заиф гардида буданд. Фон К.П. Кауфман ҳудудҳои сарҳадии аморати Бухороро пухта омӯхта, ба амир Музаффар пешниҳод намуд, ки лоиҳаи нави сарҳадҳои



**Кӯчаи марказии Самарқанд. Асри XIX.**

тағйирдодаи ба нафъи мулки Россияро тасдиқ намояд. Амир Музаффар аз имзои шартномаи мазкур сар тофт. Кауфман амирро дар тайёр намудани ҳуҷум ба сарҳадҳои генерал-губернаторӣ муттаҳам сохта, қӯшуни ҳарбии беш аз 4 ҳазор нафараро ҷамъ оварда, моҳи апрели соли 1868 ба истилои Самарқанд шурӯъ намул. Аммо тахмини вай дар бораи он ки амир Музаффар қӯшунҳои худро дар Самарқанд ҷамъ овардааст, тасдиқи худро наёфтанд.

Ин вақт қӯшунҳои Бухоро дар теппагиҳои Чӯпонато мавқеъ гирифта буданд. 1 майи соли 1868 фон Кауфман теппагиро мавриди ҳуҷум қарор дод. Қӯшунҳои Россияи подшоҳӣ сарфи назар аз оташи беисти туфангу тӯпҳои сарбозони бухороӣ аз об гузашта, ба теппагии Чӯпонато часпида баромаданд. Оқибат сарбозони бухороӣ барои ақибнишинӣ маҷбур шуданд. Бо ҳамин қӯшунҳои пешсафи ҷанговари Бухоро торумор гаштанд. Баъди он муҳорибаи дуюм дар теппагиҳои Зирабулоқ ба вуқӯъ пайваст. Ҳарчанд муқовимати шадид нишон дода бошанд ҳам, қӯшунҳои амири Бухоро мағлуб шуданд ва баъд қӯшунҳои подшоҳӣ бе ягон ҷанг вориди Самарқанд гаштанд. К.П.Кауфман ба амир Музаффар бо пешниҳоди шарти додани бекии Самарқанд ба Россия, пардохти «товон ҷанг» ва эътирофи мулки Россия эълон намудани тамоми дастовардҳо дар кишвари Туркистон аз соли 1865 мактуб фиристод. Аммо мактуб беҷавоб монд.

Ба юришҳои ҳарбии Россияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна на танҳо қӯшунҳои ҳарбии аморат ва хонигариҳо, балки вакилони аҳолии маҳаллӣ ҳам муқовимати сахт нишон доданд. Масалан, ҳангоми юришҳои ҳарбии Кауфман ба муқобили аморати Бухоро лашкари ҳалқие, ки дар Ургут ҷамъ омад, ба муқобили қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ мубориза бурд. К.П.Кауфман генерал Абрамовро бо қӯшун ба Ургут фиристода, шаҳр таслим шуданашро пешниҳод намуд. Аммо таклиф аз тарафи аҳолии маҳаллӣ рад гардид. Дар набарди байниҳамдигарӣ аҳолии маҳаллӣ мардонавор ҷангид. Гулӯлаҳои аз тӯпҳо паррондашуда чун дар дигар маҳалҳо дар Ургут ҳам устувории ҳарбии ҳукумати подшоҳиро таъмин сохт. Оқибат қалъаи шаҳр аз тарафи истилогарон ишғол шуд. Қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ баъди Ургут шаҳри Каттақӯрғонро ҳам забт намуданд.

Ба муқобили юришҳои истилогаронаи империяи Россия дар Самарқанд тахти сарпарастии ҳокими Китоб Ҷӯрабек ва ҳокими Шаҳрисабз Бобобек ҳаракати озодихоҳӣ оғоз ёфт. Ин ду сарвари ҷунбиши мардумӣ бо қӯшунҳои худ 2 июни соли 1868 якҷоя бо шӯришгарони самарқандӣ ба қалъаи шаҳр ҳуҷум оварданд, ки дар ин ҷо гарнизони қӯшунҳои подшоҳӣ ҷойгир буд. Қӯшуни дар муҳосира монда қосидонро бо дархости кӯмак ба назди Кауфман мефиристад. 6 июн ба муҳосирашудагон кӯмак расонданд. Барои ишғоли қалъа аз 4 то 7 июн набардҳо давом кард. Дар он ҳар ду ҷониб ҳам талафоти калон дид. 8 июн ба муҳосирашудагони қалъа қувваҳои ҳарбии Кауфман расида омаданд, баъди он муҳофизатгарони мардумӣ аз Самарқанд баромада, барои ба кӯҳсор ақибнишинӣ кардан маҷбур шуданд.

**Ба тобеъияти Россия табдил ёфтани Аморати Бухоро**

Дар ҳудудҳои нави аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ истилошуда округи Самарқанд иборат аз шӯъбаҳои Самарқанду Каттақӯрғон созмон ёфт. Ба он генерал Абрамов сардор таъин гардид. Баъди ҷанг дар Зирабулоқ Амир Музаффар мағлубияти худро эътироф намуда, барои қабули таклифи Кауфман оид ба сарҳадҳои нав байни генерал-губернатории Туркистон ва аморат маҷбур шуд. Бо ҳамин марҳилаи дуюми юришҳои истилогаронаи Россияи подшоҳӣ ба анҷом расид.

Фон Кауфман 23 июни соли 1868 дар Самарқанд бо Амир Музаффар дар бораи ба вассали империяи Россия табдил ёфтани аморати Бухоро шартнома имзо намуд. Аз рӯи шартнома амир худро гунаҳкори ба вуқӯъ пайвастани ҷангҳо дониста, ба нишони дӯсти «ҷовидона» барои хароҷотҳои ҳарбии қӯшунҳои рус пардохтани 500 ҳазор рублро эътироф намуд. Мувофиқи шартнома тамоми ҳудуди аз Тошканд то Самарқанд — шаҳрҳои Хуҷанд, Ӯротеппа, Панҷакент, Ҷиззах, Самарқанд, Каттақӯрғон истилошуда ба ихтиёри Россияи подшоҳӣ гузашт. Аммо амир ҳангоми идораи ҳудудҳои дар ихтиёраш монда ба риоя намудани нишондодҳои генерал-губернатори Туркистон ӯҳдадорӣ гирифт. Амир ӯҳдадор шуд, ки ба тоҷирони Россия дар тамоми аморат савдои озод



**Ҳокими Шаҳрисабз Бобобек.** **Ҳокими Китоб Ҷӯрабек.**

фароҳам орад, ҳифзи онҳоро таъмин созад. Ба тоҷирони россиягӣ барои таъсиси агентиҳои савдо рухсат доданд, боҷ аз моли онҳо то 2,5 фоизи арзиши умумӣ муайян гардид. Тоҷирони рус ҳуқуқ пайдо карданд, ки ба дигар давлати дилхоҳ аз тариқи ҳудуди аморат озодона ҳаракат намоянд.

Шартномаи мазкур зуҳуроти шармандагӣ дошт, ки давлати мағлубро ба таҳқир, беҳуқуқӣ ва бенавоӣ маҳкум мекард. Қувваҳое, ки аз тобеъгии амир норозӣ буданд, ҳаракати худро оғоз намуданд. Қӯшуни мардумӣ таҳти сарпарастии писари калонии Амир Музаффар — Абдумалик тӯра, Ҷӯрабек ва Бобобек барои озодкунии Самарқанд муборизаро идома доданд. Онҳо аз тахт сарнагун шудани амир Музаффар ва Абдумалик тӯра амир таъин шуданашро эълон карданд. Қӯшунҳои мардумӣ аввал Шаҳрисабз, сипас шаҳрҳои Қаршӣ ва Карманаро ба дасти худ гирифтанд. Генерал-губернатори Туркистон Кауфман барои пешгирӣ ва пахши ин ҷунбишҳо таҳти сарпарастии И.Ф.Абрамов кӯшун фиристод. Азбаски ошӯбгарон соҳиби силоҳи замонавӣ набуданд, паси ҳам аз ҳудудҳои ишғолгардида ронда мешаванд. Оқибат Абдумалик тӯра ба ҳудуди хонии Хева, сипас ба Афғонистон гузашта меравад. Амири афғон Шералихон азбаски ба ҷанги наздикшудаистода бо Англия боварӣ дошт, Россияро такягоҳи худ қарор дода, ба ӯ дасти мадад дароз накард. Абдумалик тӯра аз ягон ҷо кӯмаке нагирифта, ба Пешовар рафт ва соли 1909 дар он ҷо вафот кард. Баробари истилои Самарқанд ва ба вассали (тобеъияти) империяи Россия табдил ёфтани аморати Бухоро марҳилаи дуюми ҷангҳои мустамликавии империяи Россия дар Осиёи Миёна ба анҷом расид.

**Шартномаи соли 1873**

Соли 1873 Россияи подшоҳӣ шартномаи нави ҳуқуқи таъин намудани намояндаи худро дар аморати Бухоро ба имзо расонд. Ягон масъалаи дохилӣ ва берунии сиёсӣ бе розигии ин вакил ҳал карда намешуд. Дар моддаи 14-уми шартнома ин сатрҳо иншо гардида буд: «Бе иҷозати ҳукумати Россия қатъи назар аз кӣ буданашон ягон шахсро ҳукумати Бухоро қабул намекунад». Мувофиқи шартнома ҳар субҳ қушбегӣ аз намоянда супоришро гирифта, ба амир расонданаш шарт буд. Амир ин ҳуҷҷатҳоро расман тасдиқ мекарду халос. П. Лессар аввалин намояндаи Россияи подшоҳӣ дар аморати Бухоро таъин гардид.



**Қасри амири Бухоро (Когон).**

Намояндаро дар амал губернатори ғайрирасмии Бухоро ҳисобидан мумкин буд. Вай 15 км. дуртар аз Бухоро шаҳри Когонро қароргоҳи худ донист. Бо ҳамин ҳукумати подшоҳӣ Бухороро пурра ба таркиби империя ҳамроҳ накарда, идора кардани мамлакатро бо воситаи амир ва амалдорони худ афзал донист. Оқибат ҳукумати подшоҳӣ аморати Бухороро ба доираи таъсири худ даровarda, аз он баҳри манфиатҳои худ истифода бурд.

Солҳои 1869—1870 Вазорати корҳои хориҷии Россияи подшоҳӣ бо Англия гуфтушунидҳоро дар бораи муайян кардани сарҳадҳои Афғонистон ва Осиёи Миёна гузаронд. Оқибат барои хатти сарҳад дар ноҳияи Панҷ аз рӯи Амударё гузаштан аҳду паймон ҳосил гардид. Қисми дигари сарҳад, байни Туркманистон ва Эрон, дар шартномаи махфӣ, ки аз ҷониби сафири Россия дар Теҳрон ва шоҳи Эрон 10 декабри соли 1881 ба имзо расидааст, муайян гардид. Дар натиҷаи гуфтушунидҳои солҳои 1885—1887 аз тарафи комиссияи англису рус муайян кардани хатти сарҳади Россияи подшоҳӣ дар сарзамини аморати Бухорои Осиёи Миёна ва Афғонистон ба анҷом расид.

### *Ҷамъбаст мекунем!*

- Соли 1868 аморати Бухоро ба протекторати империяи Россия табдил ёфт;
- Воҳаи Зарафшон ба генерал-губернатории Туркистон чун ҳудуди мансуби Россия ҳамроҳ шуд;
- Тахти сарпарастии Абдумалик Тӯра, Ҷӯрабек ва Бобобек ҷунбишҳои халқӣ ба амал омаданд.

### *Шарҳи истилоҳот:*

**Протекторат** — (*лотинии ҳимоятгар*) — як шакли тобеияти мамлакати мустамлика. Ин мамлакат дар сиёсати дохилӣ як андоза мустақил бошад ҳам, дар сиёсати беруна тобеи давлати мустамликавӣ мегардад.

**Тӯра** — шахси мансуби табақаи боло. Унвонест, ки дар хонигарии Хева ба пайвандон ва наздикони хон дода мешуд.

**Вассал** — итоати як давлат ба дигараш.

### *Савол ва супоришҳо:*

1. К.П.Кауфман чаро ба Самарқанд юриш намуд?
2. Барои чӣ дар муҳорибаи Зирабулоқ қӯшунҳои амир шикаст хӯрданд?
3. Ба ҷунбишҳои мардумии Самарқанд киҳо сарварӣ карданд?
4. Мувофиқи шартномаи соли 1868 кадом ҳудудҳои аморат ба ихтиёри Россияи подшоҳӣ гузаштанд?
5. Моҳияти шартномаи соли 1873-ро маънидод кунед.

# § 11. БА РОҲ МОНДАНИ ПРОТЕКТОРАТИ РОССИЯИ ПОДШОҲӢ ДАР ХОНИИ ХЕВА

**Оғози юришҳои ҳарбӣ ба муқобили хонии Хева**

Саравваал Россияи подшоҳӣ ба ҳудудҳои дар натиҷаи юришҳои истилогарона ишғолнамудаи Осиёи Миёна мустаҳкам ҷойгир шуд. Вай ба юриши ҳарбӣ ба муқобили хонии Хева панҷ сол тайёрӣ дид. Сабаби асосии ба юриши ҳарбии муқобили хонии Хева ин қадар тайёрии дуру дароз дидан мағлубияти қӯшун таҳти сарпарастии А.Бекович-Черкасский (1717) бошад, сабаби дигар, соли 1839 ба сарҳади хонии Бухоро расида натавониста, ба ақиб баргаштани қӯшунҳо таҳти роҳбарии В.Перовский буд. Истилои Хева барои империяи Россия ба даст даровардани Амударё ба ҳисоб мерафт. Ишғоли Амударё дар навбати аввал манбаи об, ба воситаи об алоқаҳои савдо, имконияти истифодабарии заминҳои серсоҳили ҳамвориҳои поёноби дарё буд.

Марҳилаи сеюми истилои Осиёи Миёна аз тарафи Россияи подшоҳӣ дар тӯли солҳои 1873—1879 бо истилои хонии Хева сурат гирифт. Ҳуҷум аз ғарб аз Манқишлоқ, аз шимол аз Оренбург, аз шарқ аз Туркистон ва аз ҷануб аз Красноводск барин чор округи ҳарбӣ сар шуд. Дар он беш аз 12 ҳазор сарбоз, 4600 асп ва аз 20 ҳазор шутур иборат қӯшуни ҳарбӣ иштирок кард. Ба қӯшун К.П.Кауфман роҳбарӣ кард. Ин қувваи калони ҳарбӣ феврали соли 1873 аз маскани ҷойгирифта — Тошканд, Оренбург, Манқишлоқ ва Красноводск дар як вақт ба роҳ даромад. Бад будани роҳе, ки ба хонии Хева мебурд, яъне саравваал дар 25 дараҷа хунукӣ, сипас 40 дараҷа гармӣ роҳгардиро душвор гардонд. Ба ҷуз ин ҳарорати тоқатфарсои аз 60 дараҷа боло, роҳҳои дашти беоб сафи қӯшунро то ба манзил рафта расидан ихтисор кард. Бештари қӯшуни ҳарбӣ бемор гардид. Як қисмаш вафот намуд ва як қисмаш ба пас баргашт. Ба Хева танҳо 7,5 ҳазор рафта расиду халос. Қӯшуни аз Красноводск ва Манқишлоқ ба Хева роҳгирифта аз гармии тоқатфарсо ва нарасидани об азият кашида, аз ҳол рафт ва аз нисф зиёдаш ба пас баргаштан маҷбур гашт. Танҳо қӯшуни аз Тошканд ва Оренбург ба роҳ баромада моҳи майи соли 1873 ба сарҳади хонии Хева расид. Ба ғайр аз душвориҳои зиёде ба онҳо дар роҳ гурӯҳҳои хурд ҳуҷум оварда, мадорашонро хушк намуд. Ба ин нигоҳ



**Қӯшунҳои подшоҳӣ дар остонаи Хева.**

накарда байни қӯшунҳои Россияи подшоҳӣ ва хонии Хева миёнаи моҳи май дар қалъаи Ҳазорасп, наздикии шаҳри Қӯнғирот, шаҳрҳои Хӯҷайлӣ ва Манғит ва наздикии шаҳри Хева набардҳо ба амал омаданд. Қувваи ҷонибҳо баробар набуд, нисбати хевагиён талафоти истилогарон бештар бошад ҳам, вале азбаски қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ хуб мусаллаҳ буданд, муҳофизатгарон нашъаи мағлубиятро чашиданд.

Миёнаҳои моҳи маи соли 1873 қӯшунҳои асосии ҳукумати истилогар ба Хева расида омад. Ҳуҷуми аввалин ба Хева аз тарафи муҳофизатгарон баргардонда шуд. Дар ин набард ҳар ду тараф талафоти калон диданд. Ба ин ҳуҷум генерал Верёвкин роҳбарӣ карда, захмӣ гашт. Азбаски қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ талафоти калон диданд, ақибнишинӣ карда, барои ба қувваҳо тахти сарпарастии фон Кауфман мунтазир гаштан маҷбур шуданд.

Қӯшуни тахти сарпарастии К.П. Кауфман расида омада ба шаҳр боз ҳамла овард. Ин дафъа низ шаҳрро ишғол карда натавонистанд. 29 май кушодани дарвозаи Ҳазораспи шаҳр боиси истилои он гардид. Баъд аз он К.П.Кауфман роҳи гуфтушунидро пеш гирифт.

**Имзошавии шартномаи Гандумиён**

К.П. Кауфман баъди забти Хева хазинаи хонро ба ивази *контрибутсия* (товон) мусодира намуда, баробари хазина дастхатҳои қадима, тахту тоҷи хон, тамғаи сикказании танга ва тасвири сикказанӣ, рамзҳои ҳокимияти хонии сулолаи қӯнғиротро ба Санкт-Петербург фиристод. К.П. Кауфман баъди забти Хева бо мақсади амалӣ гардондани гуфтушунидҳо бо хонии Хева ба қароргоҳи ӯ ба қишлоқи Гандумиён рафт. Хони Хева Муҳаммад Раҳимхони II маҷбур гардид, ки шартномаи сулҳи Кауфман пешниҳодкардаро 12 августи соли 1873 имзо намояд. Мувофиқи шартномаи мазкур хони Хева ба тобеияти империяи Россия гузашта буд. Дар моддаи 1-уми он чунин қайд кардаанд: «Сайид Раҳим Баҳодурхон худро корманди фармонбардори императори умумирусӣ эътироф мекунад. Ӯ аз барқарор кардани ҳар гуна муносибатҳои бевоситаи дӯстӣ бо ҳокимони ҳамсоя ва хонҳо, бастани ҳар гуна шартномаҳои тиҷоратӣ ва ғайра даст мекашад, бидуни иҷозати ҳокимияти Олии Россия дар Осиёи Миёна ҳеҷ гуна амалиётҳои ҳарбиро бар зидди он амалӣ намегардонад». Бо ин хони Хева ба таври мустақил алоқа бастан бо дунёи



**Имзошавии шартномаи Гандумиён.**



**Бозори хонигарии Хева.**

беруни̅, ҳатто ҳамсояҳои наздикаш маҳрум гашт. Танҳо бо онҳо метавонист бо иҷозати империяи Россия муносибатро ба роҳ монад.

Тамоми соҳили рости Амударё ва тамоми заминҳои ҳамсарҳади он, аҳолии муқим ва бодиянишине, ки дар ин ҷо истиқомат мекарданд, аз тасарруфи хон баромаданд. Ба заврақҳои Россия барои ҳаракати озодона саросари Амударё ҳуқуқҳои калон дода шуд. Хон ва ҳокимони маҳалли̅ ба амнияти тоҷирони рус, молҳои онҳо ҷавобгар буданд. Тоҷирони Россия ҳуқуқ доштанд, ки дар тамоми қаламрави хони̅ озодона ҳаракат намоянд ва бидуни пардохти ҳеҷ гуна боҷ муомилаи тиҷоратиро ба амал бароранд.

Дар шартномаи Гандумиён инчунин сабт шуда буд: «Дар он ҷойҳои соҳили чапи Амударё, ки зарурат ва мусоидат ба вуҷуд меояд, русҳо ҳуқуқ доранд борандозҳои бандарии худро бунёд намоянд. Хони̅ ба бехавфи̅ ва маҳфузияти ин борандозҳои бандари̅ аз ҳокимияти олии руси̅ дар Осиёи Миёна вобаста аст».

Мувофиқи шартнома ба зиммаи хонии Хева ба маблағи 2 миллиону 200 ҳазор рубл товони ҷанг гузошта шуд. Муайян шуд, ки товонпули̅ бояд дар бадали 20 сол пардохта шавад. Азбаски дар хазинаи хон маблағи заруpи̅ набуд, товон аз аҳоли̅ ғун карда мешуд.

Шартномаи Гандумиён ҳуҷҷат дар бораи тобеъ будани хонии Хева ба Россияи подшоҳи̅, хон ҳамчун дараҷаи сардори давлат ба дигар давлат мутеъ буд. Шартнома баробари ин аҳолии хониро ба вазъияти душвор андохт. Баробари товон пардохти андоз ва ӯҳдадории навро ба зиммаи халқ гузошт. Ҳудуди хони̅ се баробар кам гашта, мавҷуд будани хон ба ном, истиқлоли худро аз даст доданаш ба давлати тобеъ табдил ёфтани онро нишон медод.

### *Шарҳи истилоҳот:*

**Контрибутсия** — пардохти давлати мағлуб ба давлати ғолиб.
**Пристан** — (*русии омада истодан*) — Ҷои махсусе, ки барои дар соҳили дарё истодани қайиқҳо, киштиҳо ҷиҳозонида мешуд, бандаргоҳ.

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Дар бораи ҳаракатҳои аввалини истилои хонии Хева ҳарф занед.
2. Ба муқобили Хева ҷаро К.П. Кауфман дуру дароз тайёри̅ дид?
3. Юриш ба муқобили Хева чи̅ тавр ташкил гардид?
4. Шартномаи Гандумиён ба вазъияти хонии Хева чи̅ гуна таъсир гузошт?

## § 12. ИСТИЛОИ ХОНИИ ҚЎҚАНД

**Пурзўр гардидани низоъҳои дохилии сиёсӣ дар хонии Қўқанд**

Россияи подшоҳӣ солҳои 50—60-уми асри XIX бо роҳи истилои ҳарбӣ як қисми ҳудуди хонии Қўқандро забт намуд. К.П.Кауфман ба мақсади ба ҳудудҳои боқимондаи хонии Қўқанд расондани таъсир соли 1868 бо хон шартномаро имзо намуд. Мувофиқи шартнома ба тоҷирони Россия имкониятҳои калон дода шуданд. Дар ин давр заминҳои хонӣ хеле кам гардида, даромади хазина ҳам ночиз буд. Зарари аз ҷанг дида ба дўши оммаи халқ афтод, андоз ва ўҳдадориҳо зиёд гаштанд. Оқибат дар хонӣ низоъҳои дохилӣ, норозии халқ афзудан гирифт.

Солҳои 70-уми асри XIX дар хонии Қўқанд бисёр исёнҳо ба амал омаданд. Баҳори соли 1875 исён авҷ гирифт. Ба исён Мулло Исҳоқ Мулло Ҳасан ўғли бо номи «Пўлодхон» роҳбарӣ кард. Худоёрхон барои пахши исён қўшунро таҳти сарпарастии Абдураҳмон Офтобачӣ, Исо Авлиё фиристод. Лекин онҳо 17 июл ба тарафи исёнгарон гузаштанд. Писари Худоёрхон Насриддинбек ҳам ба исёнгарон пайвасту 20 июл Худоёрхон маҷбур шуд, ки аз Кауфман дасти ёрӣ пурсад. Бародар ва дуюмин писари Худоёрхон ҳам ба тарафи исёнгарон гузаштанду хон ба Тошканд фирор намуд. К.П. Кауфман ўро ба Оренбург гусел кард. Баъди он Худоёрхон аз Оренбург ба воситаи Ҳиндустон ба Макка рафт. Вақти бозгашт ба беморӣ гирифтор шуда, соли 1882 дар Афғонистон вафот намуд.



**Қўшунҳои Қўқанд**

Баъди фирори Худоёрхон ба тахт Насриддинбек нишаст. Пўлодхон, ки барои ишғоли тахт ҳаракат менамуд, ба ҳарифи Насриддинбек ва Абдураҳмон Офтобачӣ табдил ёфт. Вазъияти сиёсӣ дар хонии Қўқанд пуршиддат гардида, исён саросари водиро фаро гирифт. Ҳукумати истилогар ба муқобили исёнгарон қувваи калони ҳарбиро мефиристад. Вақте ки муҳорибаҳо шадид гардид, Насриддинбек тарсида, 22 сентябри соли



**М.Д.Скобелев.**

1875 бо фон Кауфман дар Марғелон шартномаро имзо карда, худро «ғуломи содиқ» эътироф намуд. Дар сиёсати беруна ба имзо нарасондани ягон шартнома, додани ду миллион рубл товонпулӣ, заминҳои соҳили рости Сирдарё, Намангону Чуст ба ихтиёри Россия гузаштанашро маълум мекунад. Дар ин заминҳо шӯъбаи Наманган ташкил гардида, М. Скобелев сарвар таъин шуд.

**Ҳуҷум ба Андиҷон**

Исёни аҳолӣ, ки аз имзои шартномаи Насриддинбек норозӣ буданд, пурзӯр гардид. Сафи ҷонибдорони Пӯлодхон афзуда, оқибат Насриддинбекро фишор овард ва ҳокимият ба дасти Пӯлодхон гузашт. Ҳукумати мустамликавӣ аз пайваста афзудани нерӯи исёнгарон таҳти сарпарастии Пӯлодхон ба хавотир омада, чораҳои торумор кардани онро дид. Дар ин бобат ҳуҷуми асосӣ ба Андиҷон нигаронда шуд. Зеро қувваи асосии исёнгарон дар атрофи Андиҷон ҷойгир буд.

Қӯшун таҳти сарпарастии генерал М.Скобелев субҳи аввали моҳи октябри соли 1875 ба шаҳр ҳуҷумро оғоз намуд. Шаҳр тамоми рӯз аз тӯп оташборон гардид. Дар саросари шаҳр ба душман муқовимат нишон доданд. Ҳаракатҳои қӯшун таҳти сарпарастии Скобелев ба зиддияти ҷиддӣ дучор омад. Баъди он қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ ба иморат ва хонадонҳои сари роҳаш оташ зада, шаҳрро саросар сӯхтор фаро гирифт. Боз шаҳрро беист аз артиллерия гулӯлаборон карданд. Вазъияти муҳофизатгарон бад гардид. Баъди оташфишонии бардавоми сесоата бегоҳӣ қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ боз ба шаҳр ҳуҷум карданд, он тамоми рӯз давом намуд. Муҳофизатгарони шаҳр нобаҳангом ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузаштанду қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ ба ақибнишинӣ маҷбур шуданд. Шаҳр моҳи январи соли 1876 дар натиҷаи ҳуҷуми дуюм бо душворӣ ишғол гардид.



**Хони Қӯқанд Худоёрхон.**

**Истилои Наманган**

Қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ таҳти сарпарастии М. Скобелев шаҳри Андиҷонро ишғол карда натавониста, барои халосӣ аз таъқиб тамоми деҳоти атрофро оташ заданд. 18 октябри соли 1875 онҳо дар Наманган паноҳ бурданд ва ба қувваҳои ҳарбӣ таҳти сарпарастии К.П.Кауфман пайвастанд. Муқобилият бар зидди қӯшунҳои истилогар дар Наманган як моҳ давом кард. Барои озодкунии шаҳру деҳоти атроф қувваҳои иловагӣ меомаданд. Ба ин нигоҳ накарда нисфи шаҳри Наманган ба дасти қӯшунҳои ҳукумати




**Осиёи Миёна дар охири асри XIX.**

подшоҳӣ гузашт. Қувваи ҳарбии ҳукумати подшоҳӣ давоми се рӯз дар қалъа паноҳ шуд. Ҷанги байниҳамдигарӣ то охири моҳи январи соли 1876 давом кард. Қӯшуни М.Скобелев танҳо ибтидои моҳи феврал бар асари устувории силоҳи ҳарбӣ ғалаба ба даст овард. Пӯлодхон ва тарафдорони ӯро ба қатл расониданд.

19 феврали соли 1876 ҳукумати подшоҳӣ фармони худро дар бораи барҳамхӯрии хонии Қӯқанд эълон намуд. Ҳамин тавр ба ҷои ҳудуди хонигарии Қӯқанд вилояти Фарғона таъсис ёфт, ки ба таркиби генерал-губернатори Туркистон шомил буд. Ба вилоят сарвари юришҳои ҳарбӣ ба муқобили хонии Қӯқанд М.Скобелев губернатори ҳарбӣ таъин гардид.

Дар нимаи дуюми асри XIX бар асари юришҳои ҳарбии истилогаронаи империяи Россия ба Осиёи Миёна хонии Қӯқанд, аморати Бухоро ва хонии Хева ба сифати давлатҳо амалан барҳам хӯрданд. Оқибат низоми хоси идораи маъмурӣ ва воҳиди ҳудудии ба тарзи зиндагонии анъанавии дар давоми асрҳо ташаккулёфта барҳам зада, ба ҷои он низоми идораи

нави мувофиқи манфиатҳои империя, баробари ин барои идораи аҳолии маҳаллии муқим ва аҳолии чорводор аз тарафи маъмурияти мустамликавӣ мусоид қарор ёфт.

Баробари мутеъ сохтани водии Фарғона марҳилаи сеюми юришҳои истилогаронаи Россияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна (солҳои 1873—1879) ба анҷом расид. Дар натиҷа ҳудуди калони Осиёи Миёна забт гардида, ба мустамликаи империяи Россия табдил ёфт.

*Ҳудро озмуда бинед!*

**Истилои Осиёи Миёна аз ҷониби империяи Россия солҳои ... марҳилаи сеюм гардид. М. Д. Скобелев — ...**

**Мутеъсозии туркманҳо**

Дар ин вақт қабилаҳои туркман, ки дар сарҳадҳои Қорақуми байни Амударё ва Копеттоғ зиндагонӣ мекарданд, ба империяи Россия мутеъ нагардида буданд. Моҳи июли соли 1879 баъди он ки Англия як қисми ҳудуди Афғонистонро забт намуд, ба Осиёи Миёна роҳ боз гардид. Аз ҳамин сабаб моҳи июли соли 1879 аз Красноводск таҳти сарпарастии И. Лазарев қӯшун ба ҳудудҳое, ки туркманҳо истиқомат мекарданд, фиристода шуд. Ҳаракатҳои аввалин дар бобати мутеъсозии туркманҳо натиҷае набахшид, қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ мағлуб шуданд. Қӯшун таҳти сарпарастии М.Скобелев, ки дар юришҳои ҳарбии истилогаронаи муқобили хонии Қӯқанд таҷрибаи калон андӯхта буд, моҳи майи соли 1880 ба муҳорибаи дуюм шурӯъ кард. Соли 1881 баъди набарди семоҳа ҳисори туркманҳои дар муҳосира монда — Гӯктеппа ба даст гирифта шуд. Оқибат вилояти паси Каспий (Закаспий) бо марказаш Ашхобод таъсис ёфт, ки ҳудудҳои фарогирандаи ин маҳалро дар бар мегирифт. Пурра мутеъ сохтани қабилаҳои туркман соли 1885 амалӣ гардид.

Баъди мутеъ сохтани ҳисори асосии туркманҳо соли 1881 байни Россияву Эрон сарҳадҳо муайян гаштанд. Ҳуди ҳамон сол баъди аз тарафи қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ пахш гардидани ошӯбҳо дар кишвари Илии Туркистони Шарқӣ сарҳадҳои байни Россия ва Чин муқаррар шуданд.

Ҳамин тавр, дар ҳудудҳои истилошуда панҷ вилоят, яъне вилоятҳои Сирдарё, Еттисув, Фарғона, Самарқанд ва паси Каспий таъсис ёфта, ба таркиби генерал-губернатории Туркистон шомил гардид.

Дар натиҷаи амалӣ гардондани юришҳои ҳарбии истилогарона дар миёнаи асри XIX аз тарафи Россияи подшоҳӣ аморати Бухоро ва хонии Хева ба тобеъияти империя табдил ёфта, хонии Қӯқанд тамоман барҳам хӯрд.

*Худро озмуда бинед!*

**Солҳои 1880—1885 — ...**
**Пӯлодхон — ...**
**Вилояти Фарғона соли ... ташкил ёфт.**
**И. Лазарев — ...**
**Муҳорибаҳо барои Андиҷон — ...**
**Вилояти паси Каспий — ...**

## Сабабҳо ва оқибатҳои мағлубият

Дар нимаи дуюми асри XIX халқҳои Осиёи Миёна ба муқобили юришҳои ҳарбии Россияи подшоҳӣ мардонавор мубориза бурданд. Оммаи васеи халқ барои истиқлоли Ватан ва муҳофизати озодии он қаҳрамонона ҷангид. Вале низоъҳои дохилӣ, набардҳои байниҳамдигарии он давр, дурнаморо наандешидани хону амирон оқибат боиси истилои кишвар аз тарафи мустамликадорон гардид.

Инҳо сабабҳои асосии аз тарафи Россияи подшоҳӣ истилои Осиёи Миёна, мағлубияти хонигариҳои Қӯқанду Хева ва аморати Бухоро гардиданд: аввало, се давлати мустақили Осиёи Миёна — аморати Бухоро, хониигариҳои Хеваву Қӯқанд нисбати империяи Россия аз ҷиҳати пешрафти ҳарбӣ ва иқтисодӣ хеле қафо монда буданд. Алалхусус, вазъияти соҳаи ҳарбии Осиёи Миёна аз дараҷаи ҳамонвақтаи тараққиёти миқёси дунё паст буда, хонигариҳо дар сиёсати беруна сиёсати одилонаро пеш бурда натавонистанд ва оқибат худи онҳо аз арсаи ҷаҳонӣ ҷудо шуда монданд. Дуюм, байни се давлат муносибати байниҳамдигарии дӯстона, ҳамкорӣ ва якдилӣ набуд. Онҳо нисбати якдигар сиёсати душманонаро пеш бурданд. Сеюм, ҳангоми набардҳо як хонигарӣ ба дуюмӣ дасти мадад дароз накард, оромиву осоиши худро фикр карда, муносибати бефарқона зоҳир намуд. Он бошад, барои дар алоҳидагӣ торумор кардани хонигариҳо даст дод. Ҳамаи он ба ҳукумати империяи Россия имкон дод ва он аз вазъият истифода бурда, ҳар як мамлакатро ба мустамликаи худ табдил дод. Низоми сиёсӣ, идоракунии давлатии давлатҳои Осиёи Миёна аз идоракунии замонавӣ дур буда, асосашро яккаҳокимиятӣ, зӯроварии ба асрҳои миёна хос ташкил медод. Оқибат зиддиятҳои дохилӣ зиёду низоъҳо пурзӯр гаштанд. Набардҳои байниҳамдигарӣ, мубориза барои тоҷу тахт авҷ гирифт. Аз ин рӯ, Осиёи Миёна истило гардида, ба мустамлика табдил ёфт.

*Дар хотир доред!*



**Истилои Россияи подшоҳӣ баробари бисёр дигар сабабҳо сараввал дар оқибати бесарусомониҳои сиёсии дар ҳамон давр мавҷудбуда, дурнаморо дида натавонистани қуввaҳои ҳукмрон, заифии маънавӣ рух доданашро мисолҳои таърихӣ собит менамояд.**

## *Савол ва супоришҳо:*

1. Сабаби аз тарафи Россияи подшоҳӣ истило гардидани хонии Қӯқанд чист?
2. Барои забти хонии Қӯқанд муҳорибаҳо дар куҷо бештар сурат гирифтаанд?
3. Вилояти Фарғона кай ва дар куҷо ташкил ёфтааст?
4. Сабабҳои мағлубиятро маънидод кунед.
5. Ҷадвали поёниро пур кунед.

| Номи ҳудуд | Соли истило | Шахси забткарда | Тафсилоти ҷанг |
|---|---|---|---|
| | | | |

### Сохтори маъмуриву ҳудудии генерал-губернатории Туркистон

**Генерал-губернатории Туркистон**
(11 июли соли 1867 – 31 марти соли 1917)
Ҳамаи ҳудудаш 1779618 км$^2$ (охири асри XIX)

**Вассалҳо**
- Аморати Бухоро
- Хонигарии Хева

| Вилоят | Таркиб |
|---|---|
| Вилояти Сирдарё (1867–1924) Марказаш шаҳри Тошканд | Ба таркибаш уездҳои Ғазали, Перовский, Чимкент, Авлиёато, Тошканд (то соли 1887 бо номи Қурама), Хуҷанд (то соли 1887), Ҷиззах (то соли 1872), шаҳри Тошканд ва аз соли 1886 шуъбаи Амударё шомил шудааст |
| Вилояти Еттисув Марказаш шаҳри Верний (ҳозира Олма-Ато). Соли 1924 ба охир расидааст | Ба таркибаш уездҳои Верний, Ҷарканд, Копал, Лепсинек, Пишпак, Прижевалск дохил шудаанд. Ин вилоят соли 1882 ба таркиби генерал-губернатории Степ (Дашт) ҳамроҳ гардидааст, аз соли 1899 бошад, боз мисли паси Каспий ба таркиби генерал-губернатории Туркистон дохил шудаанд. |
| Вилояти Фарғона (19 феврали соли 1876–1924) Марказаш Марғилони Нав | Ба таркиби он уездҳои Марғилон, Андиҷон, Қӯқанд, Намангон, Ош ва Помир дохил шудаанд |
| Вилояти Самарқанд 1 январи соли 1887 ба ҷойи округи Зарафшони собиқ ташкил гардидааст. Соли 1924 барҳам ёфтааст. | Ба таркиби он уездҳои Самарқанд, Катта-қӯрғон, Ҷиззах ва Хуҷанд дохил шудаанд |
| Вилояти паси Каспий (1881–1924) Марказаш шаҳри Ашқобод | Ба таркиби он уездҳои Ашқобод, Красноводск, Манғишлоқ, Марв ва Таҷан шомил шудаанд |

# БОБИ III

# СИЁСАТИ МУСТАМЛИКАВИИ ИМПЕРИЯИ РОССИЯ ДАР ТУРКИСТОН

## § 13. НИЗОМИ ИДОРАИ СИЁСӢ-МАЪМУРИИ ГЕНЕРАЛ-ГУБЕРНАТОРИИ ТУРКИСТОН

**Тартиботи мустамликавии идоракунӣ**

Барои дар ҳудудҳои истилошуда ба роҳ мондани ҳукмронии империя, мустаҳкам ҷойгиршавии он, аз даст надодани ҷойҳои истилошуда мустамликадарон, пеш аз ҳама, тартиби идоракунии ба худ хосро кор карда, онро бояд дар кишвар ҷорӣ мекарданд. Барои пурра ба амал баровардани сиёсати мустамликавӣ тартиботи идоракунӣ такягоҳи асосӣ ба ҳисоб мерафт. Тартиботи идоракунӣ якҷоя бо юришҳои истилогарона дар намудҳои мухталиф ташкил гардида, аз таҷрибаву озмоишҳои гузаронда, тағйир дода шудаанд.

Дар натиҷаи идома додани сиёсати истилогаронаи империяи Россия дар Осиёи Миёнаи забтшуда ҳудудҳои мустамликавӣ доманадор гардид. Тартиботи идораи ҳудудҳои забтшуда ва масъалаи он чӣ тавр шуданаш лозим дар доираи мухталифи ҳукмрон бо иштироки вакилони соҳа бисёр маротиба ва дуру дароз мавриди муҳокима қарор гирифт. Барои ҳаллу фасли масъалаи мазкур эҳтиёткорона ва дурнамо кор пеш бурдан, ба тамоюли таваккалкорӣ ҳеҷ гоҳ такя нанамуда тадбир андешиданд. Чуноне ки генерал-губернатори Туркистон С.М. Духовский (1898—1901) таъкид намудааст: «Бо назардошти гузаштаи таърихӣ, хусусиятҳои этнографӣ кишвари Туркистон нисбат ба дигар кишварҳо эътибори алоҳида доданро талаб менамояд».

Ҳукумати подшоҳӣ баъди истилои Тошканд 6 августи соли 1865 аз тарафи Александр II Низоми муваққатиро «Дар бораи идоракунии вилояти Туркистон» тасдиқ намуд. Идора ба дасти афсарони ҳарбӣ гузашт. Мувофиқи он низоми идора номи «идоракунии ҳарбӣ-халқӣ» гирифта, дар дасти губернатор корҳои ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ ҷамъ гардид. Вилоят ба шӯъбаҳо тақсим шуда, роҳбарони он, яъне сарварони шӯъбаҳо дар айни вақт коменданти ҳарбӣ ба ҳисоб мерафтанд. Ба сарварони шӯъба идоракунандагони аз ҷумлаи амалдорони рус таъингардида итоат кардаанд, ки аз болои аҳолии заминдор назорат бурдаанд.

Солҳои 1908—1910 сенатор К. Пален, ки кишвари Туркистонро тафтиш карда буд, чунин гуфтааст: «идоракунии дорои аҳамияти хурди

кишвар ҳам дар дасти сарварони ҳарбӣ буд». Ба вакилони аҳолии маҳаллӣ лавозимҳои аз ҳама хурди идора дода мешуд. Ба ҷумлаи онон сарварони вилоят (волост, мингбошиҳо), оқсақолони деҳа, сарварони овул, қозӣ, бий ва ёварони онҳо шомил буданд.

Девони генерал-губернаторӣ мақомоти (органи) иҷроияи дорои ваколатҳои калон ба ҳисоб мерафт. Дар империяи Россия дар ягон губерния мақомоти (органи) иҷроия соҳиби чунин ваколатҳо набуд. Кишвари Туркистон аз ҷиҳати маъмурӣ-ҳудудӣ ба вилоятҳо тақсим гардида, онҳоро губернатори ҳарбӣ идора кардааст, ки дар дасти худ ҳокимияти шаҳрвандӣ ва ҳарбиро муттаҳид сохта буд. Вилоятҳо ба уездҳо тақсим гардида, онҳоро афсарони ҳарбӣ идора кардаанд. Уездҳо ба қитъаҳо (участкаҳо) тақсим шуда, приставҳо онҳоро идора намудаанд.Империяи Россия барои нигоҳ доштани ҳукмронии худ дар ҳудудҳои истилошудаи Осиёи Миёна мустаҳкамкунии онро вазифаи аввалиндараҷа ҳисобида, оғози кор тағйиротҳои калонро амалӣ нагардонд. Мақомоти поёнии идора ва низоми андоз, ки аз намояндагони аҳолӣ иборат буд, тахти назорати болоӣ қарор гирифт. Сабаби асосии нигоҳ доштани идораи поёнӣ марҳилаи аввал ба ҳаёти дохилаи аҳолӣ ҷиддан дахолат намудан ва ба тарзи ҳаёти анъанавии аҳолӣ тағйиротҳои калон даровардан боиси оқибатҳои манфӣ гардиданаш мумкин буд. Ба ғайр аз ин дар заминҳои нав истилошуда ҳанӯз муқовимат ва ҳаракатҳои норозиёна давом мекард, дар низоми идора одамони зарурӣ фаъолият пеш намебурданд, вақтҳои аввал шароити маҳаллиро пурра надонистан барои иштироки вакилони аҳолии таҳҷоӣ дар идораи поёнӣ роҳ гузошта шудааст. Нигоҳ доштани низоми идораи поёнӣ ба маъмурияти кишвар дар бобати ҳаллу фасли муаммои дарёфти одамони барояшон боэътимод аз ҷумлаи намояндагони аҳолии маҳаллӣ, ки ба манфиати империя хизмат мекардандy шароити маҳаллиро хуб медонистанд, кӯмак мерасонд. Дар бобати ҳалли муаммои мазкур ба ҳукумати империя низоми интихоботӣ кӯмак расонд, ки аз рӯзҳои аввали ҳукмронӣ дар Туркистон таҳия сохта буданд.



**Қароргоҳи генерал-губернатор. Тошканд. Асри XIX.**

Уездҳо ба волостҳо, волостҳо ба ҳудудҳои аҳолии муқимнишин — деҳаҳо, ҳудудҳо, аҳолиаш бодиянишин ба овулҳо тақсим гардиданд. Дар марҳилаи поёнии низоми идора дар *сардори волост, оқсақоли деҳа, сарвари овул, судяҳои*

*халқӣ ва ёварони онҳо, оқсақоли ҷӯй, мироб, ӯнбошӣ, элликбошиҳо* барин лавозимҳо намояндагони вакилони маҳаллӣ фаъолият пеш бурдаанд.

Соли 1867 дар асоси лоиҳаи «Низом» аҳолии муқимнишин дар шакли низоми якмарҳилагӣ, яъне ба оқсақолиҳо, аҳолии бодиянишин бошад, ба низоми думарҳилагии намудаш волост ба овулҳо муттаҳид гардид. Ҳар як оқсақолӣ иборат — аз 100—200 хонадон, овул 100—200 юрта, ҳар як волост бошад, аз 1000—2000 юрта ташкил шуданаш пешбинӣ гардида буд.

**!** ***Худро озмуда бинед!***

**Соли 1865 — ...**
**Волостҳо — ...**
**Соли 1867 — ...**
**Оқсақолӣ — ...**
**Уездҳо — ...**
**К. Пален — ...**

**Хусусиятҳои идоракунии мустамликавӣ**

Баробари истилои Осиёи Миёна аз тарафи империяи Россия минбаъда чӣ тавр идораву дар роҳи манфиатҳои худ чӣ тавр истифодабарии он ҳал гардида буд. Мувофиқи он аз давраи истилои кишвари Туркистон воҳидҳои маъмуриву ҳудудӣ, ки асосашро тартиботи идора ба сифати мустамликаи пурра ташкил медод ва тартиботи идоракунии онҳо ҷорӣ гардидааст. Мақсади асосии он аз дар зери назорати қатъӣ ва мутеъгӣ нигоҳ доштани аҳолии таҳҷоӣ иборат буд. Тартиботи идоракунии ҷоригашта пурра ба тартиботи ҳарбӣ асоснок гардида, барои дар кишвар ба роҳ мондани ҳукмронии сиёсӣ ва иқтисодии империя нигаронда шуда буд.

Боз як мақсади ҳукумати подшоҳӣ дар Осиёи Миёна ин аз ноҳияҳои марказии империя ба ин ҷо кӯчонда оварда ҷойгиркунии аҳолӣ буд. Маъмурияти кишвар ҳаракат намуд, ки ба аҳолии ба кишвар кӯчидаомада барои ҳаёти озодона ва зиндагонии бехавф имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварад. Кӯчидаомадагон бо заминҳои серҳосил ва маблағи зарурӣ таъмин гаштанд. Инчунин мақсад аз кӯчонда овардани аҳолӣ дар кишвари мазкур барои пеш бурдани сиёсати мустамликавӣ соҳиби қувваи такягоҳӣ гаштан ва васеъ гардондани имконияти русигардонии аҳолии таҳҷоӣ буд.

**Тақсимоти маъмурӣ-ҳудудии кишвари Туркистон ва идоракунии он**

Ҳудудҳои истилошудаи Осиёи Миёна бо назардошти манфиатҳои империя аз ҷиҳати маъмурӣ тақсим гардида, онҳо пурра дар дасти афсарони ҳарбӣ буданд. Соли 1877 дар Тошканд «Низоми шаҳр» ҷорӣ гардид, ки мувофиқи он идоракунии шаҳр ба Дума гузашта буд. Сеяки аъзои Дума аз шаҳри Кӯҳна ва аз се ду ҳиссаи аъзои он аз қисми шаҳри Нав интихоб мегардид. Мувофиқи

он дар Дума аз 80 ҳазор аҳолии маҳаллӣ 21 депутат (вакили халқ), 3900 нафар аз аҳолии асосан, аз русҳо иборат 48 депутат иштирок намудааст. Тамоми корҳои хоҷагии шаҳр дар дасти Дума буд. Шахсе, ки ба кори Дума сарварӣ мекард, бо тавсияи генерал-губернатор аз ҷониби вазири ҳарбӣ тасдиқ гардидааст.

**Идораи вилоят**




12 июли соли 1886 аз тарафи император Александри III Низоми нави «Низом дар бораи идоракунии кишвари Туркистон» тасдиқ гардид. Мақсади асосии низоми мазкур мустаҳкам намудани идоракунии маъмурии кишвар ва даровардани тағйирот ба тартиби истифодабарии замин буд. Бо назардошти Низом округи Зарафшон ба вилояти Самарқанд табдил дода шуд. Уездҳои Хуҷанд, Ҷиззах, Каттақӯрғон, Самарқанд ба таркиби он дохил гардиданд. Як қисми шӯъбаи Амударё ба вилояти Сирдарё гузаронда шуд. Уезди Қурама уезди Тошканд ном гирифт.

Соли 1886 ҳудуди умумии генерал-губернатории Туркистон 1,7 миллион км. мураббаъро ташкил дода, шумораи аҳолӣ аз 5,2 миллион нафар иборат буд. Миқдори ӯзбекон ва дигар халқҳои таҳҷоӣ соли 1897 ба 5 миллион, соли 1911 бошад, қариб ба 6 миллион расидааст. Теъдоди умумии аҳолии рус бо назардошти ҳам украинҳо ва ҳам белорусҳо соли 1897-ум 197 ҳазор нафар, соли 1911 бошад, 400 ҳазор нафарро ташкил додааст. Ва ин ҳолат натиҷаи корҳои ҳукумати подшоҳӣ оид ба афзоиши теъдоди аҳолии кӯчонда оварда мебошад, ки такягоҳ ва ҳимоятгари асосии сиёсати мустамликадорӣ буданд.

Мувофиқи «Низом»-и соли 1886 идоракунии маъмурии генерал-губернатории Туркистон бо идораи нав — Шӯрои генерал-губернатории Туркистон пурра гардонда шуд. Губернаторҳои ҳарбии вилоят, сарвари девони генерал-губернаторӣ, сардори штаби округи ҳарбии Туркистон аъзо и доимии Шӯрои мазкур буданд. Тибқи «Низом» дар Бухоро бошад, агентии сиёсии империяи Россия таъсис ёфт. Бидуни рухсати ӯ амири Бухоро сиёсати беруна ва дохиларо мустақилона пеш бурда наметавонист.




**Ҳудудҳои ҳамсарҳади кишвари Туркистон дар охири асри XIX.**

## *Шарҳи истилоҳот:*

**Дума** — (*русии фикр кардан, андеша рондан*) — ҳокимияти қонунофарии империяи Россия. Думаи шаҳр — мақомоти (органи) худидоракунии шаҳр.

**Уезд** — (*русӣ*) — воҳиди маъмурӣ-ҳудудии нуфузаш чун ноҳия (аз ноҳия калон, аз вилоят хурд).

**Волост** (*русӣ*) — воҳиди ҳудудии иборат аз якчанд деҳае, ки ба таркиби уезд шомил аст.

**Пристави участка** — назорати манзилгоҳи аҳолӣ.

**Комендант** — сардори қӯшунҳои қалъа ва тамоми ноҳия.

## *Савол ва супоришҳо:*

1. Идоракунии генерал-губернатории Туркистон дар дасти киҳо буд?
2. Мувофиқи «Низом»-и соли 1886 дар идоракунӣ чӣ гуна тағйиротҳо рӯй доданд?
3. Вакилони аҳолии таҳҷоӣ дар идоракунӣ дар кадом лавозимҳо кор кардаанд?
4. Вилоят ва волостҳоро киҳо идора намудаанд?
5. Вазифаҳои агентии сиёсии империяи Россия аз чиҳо иборат буд?
6. Аз харита вилоятҳои генерал-губернатории Туркистонро муайян карда, ба кадом вилоят кадом ҳудудҳои имрӯзаи Ӯзбекистон дохил шуданашро ишора кунед.

## § 14 . СИЁСАТИ АГРАРИИ ИМПЕРИЯИ РОССИЯ ДАР КИШВАРИ ТУРКИСТОН

**Тағйиротҳо дар кишоварзӣ**

Дар Осиёи Миёна дар ин давр кишоварзӣ мавқеи пешбарро ишғол намудааст. Русияи подшоҳӣ дар кишвари Туркистон, ки ҳудуди аграрӣ ба ҳисоб мерафт, аз ба зери назорати пурраи худ гирифтани истифодабарии замину об ва сари вақт пардохтани андозҳо аз онҳо гирифташаванда манфиатдор буд. Дар навбати аввал ба мансубияти замин ва тартиботи истифодабарӣ аз он эътибори калон дода шудааст. Масъалаи аграрӣ на танҳо аҳамияти иқтисодӣ, балки сиёсӣ ҳам дошт. Назорати тартиби заминдорӣ барои ҳукумати подшоҳӣ дар боби таъмини ҳукмдорӣ аз болои аҳолӣ хеле муҳим буд. Азбаски манбаи асосии зиндагонии аҳолии таҳҷоӣ замин буд, заминдорӣ ҳам зарур ба ҳисоб мерафт.

Боби «Дар бораи сохторҳои замини кишвари Туркистон»-и «Низом»-и соли 1886 муносибатҳои заминдориро тағйир дод. Мувофиқи он, заминҳо, ҷангалзор ва канданиҳои зеризаминии кишвари Туркистон ҳам моликияти давлатӣ эълон гардиданд. Баробари ин онҳо ба мулки Россия табдил ёфтанд. Мувофиқи низом дар кишвар заминдорони калон барҳам хӯрданд.

Заминҳои вақф (заминҳои тааллуқи масҷид, мадраса ва дигар муассисаҳои динӣ) ба одамоне иҷора дода мешуд, ки дар ҳамон ҷо истиқомат карда, бо коркарди замин шуғл меварзиданд. Тасдиқи ҳуҷҷатҳои нави вақф танҳо бо розигии генерал-губернатор, вале бидуни озод кардан аз андоз ва ӯҳдадориҳои давлатӣ амалӣ гардидааст. Заминҳои вақфии хусусӣ, яъне заминҳое, ки дар ихтиёри масҷидҳо не, балки дар ихтиёри шахсони алоҳида буданд, эътироф кардани ҳуҷҷатҳои вақфӣ, назорати истифодаи дурусти даромади вақфӣ ва ҳуқуқи тафтиши вақф ба зиммаи идораҳои давлатӣ гузошта шуд.

То ин вақт даромади моликияти вақфӣ барои таъмири биноси масҷид, таъминоти моддии коркунони мактабҳои динӣ, фароҳам овардани шароит барои ибодат дар масҷидҳо, хариди ашёи зарурӣ (қолину ҷойнамоз, китобҳои динӣ) ва дигар тадбирҳо харҷ мегардид.

Дар натиҷаи ба дасти вакилони ҳукумати мустамликавӣ гузаштани моликияти вақфӣ вазъияти моддии масҷидҳо ва мактабҳо бад гардид. Ҳокимияти мустамликавӣ бо ин ҳаракат намуд, ки ба пешвоёни дини маҳаллӣ, уламо ва муассисаҳои динӣ зарба зананд.

*Худро озмуда бинед!*

**Заминҳои вақф-...** **Мувофиқи «Низом»-и соли 1886 заминҳо...**

**Сиёсати муҳоҷиркунонии Россия ба Осиёи Миёна**

Бо мақсади ба як қисми тақсимнопазири империя табдил додани Осиёи Миёна ва барои ҳукмронии доимӣ дар кишвар аз тарафи Россияи подшоҳӣ чун ҳудудҳои Сибиру Қафқоз сиёсати мустамликавӣ пеш бурда шуд. Дар ин бобат яке аз чораи асосии амалигардида ин аҳолии губернияҳои марказии империя кӯчонидаро дар ин кишвар ҷойгир сохтан буд. Мақсади мазкури ҳукумати подшоҳӣ дар «Низом»-и соли 1886 ифодаи худро аниқ ёфта буд. Дар он муайян гардида буд, ки дар заминҳои озоди давлатие, ки дар зери тасарруфи давлатӣ мондаанд, аҳолии русро ҷойгир сохтан масъалаи муҳим мебошад.

Машғул гардидан бо сиёсати муҳоҷират ба зиммаи маъмурияти кишвар гузошта шуда буд. Ба муҳоҷирон имтиёзи калон дода шуд. Аз он ҷумла, бо маблағ, истиқоматгоҳ, замин, кредитҳо таъмин гаштанд. Муҳоҷирон давоми 5 сол аз андоз озод гардида, 5 соли минбаъда нисфи андоз супурданд. Муҳоҷирони россиягӣ асосан аҳолии деҳот буданд. Маъмурияти кишвар барои сохтани мактаб ва калисо маблағ ҷудо мекард. Барои истиқомат дар кишвари Туркистон ва гирифтани қитъаҳои наздиҳавлигӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ мумкин буд. Ин имкониятҳо сабаби аз ноҳияҳои марказии Россия бештар муҳоҷиршавӣ шудаанд. Соли 1875 Авлиёота манзилгоҳи аввалини деҳқонони муҳоҷири Россия гаштааст. Дар давоми 15 сол (1875—1890) ба кишвари Туркистон 1300 оила кӯчида ҷойгир гашта, 19 деҳаи рус ташкил ёфтааст. Танҳо солҳои 1891—1892-ум 25 манзилгоҳи муҳоҷирон ба вуҷуд омад. Баробари гузаштани вакт на танҳо муҳоҷирон, балки корхонаҳои калон ҳам бо мақсади гирифтани даромад заминҳои кишварро харидаанд. Сиёсати муҳоҷиркунии империяи Россия дар кишвари Туркистон бо мақсади мустаҳкамкунии низоми мустамликавӣ ҷомаи амал пӯшид. Имкониятҳое, ки барои муҳоҷирон фароҳам оварда шуданд, боиси ниҳоят афзудани микдори муҳоҷирон гардид.

Пайваста зиёдшавии микдори муҳоҷирон, ба онҳо додани заминҳои ҳосилхез сабаби норозии ҷиддии аҳолии таҳҷоӣ гардид. Дар шаҳри Тошканд, дигар шаҳрҳои кишвар, аз кабили Марғелони нав, Самарқанд, Андиҷон шаҳракҳои муҳоҷирон пайдо шуданд. Шаҳрҳои калони кишвар ба ду қисми навқисми ҷойгиршудаи маъмурият ва қисмҳои ҳарбӣ, истиқоматкунандагонаш рус ва кӯҳна-қисме, ки аҳолии таҳҷоӣ истиқомат мекард, тақсим гардид, шаҳри Бӯзсув сарҳади ба ду тақсимшудаи шаҳри Тошканд буд.



**Хоҷагии муҳоҷирон.**

*Дар хотир доред!*

**Аз соли 1892 эътиборан муҳоҷирони бо хоҳиши худ кӯчидаомада ҳам ва бо рухсати маъмурият аз Россия кӯчида омада ҳам аз имкониятҳои додашуда як хел истифода бурданашон эълон гардид. Ва он боиси хеле зиёд шудани миқдори муҳоҷирон шуд.**

*Савол ва супоришҳо:*

1. Ҳукумати подшоҳӣ чаро барои пурра ба даст гирифтани амволдории замин ҳаракат намудааст?
2. Ҳукумати мустамликавӣ нисбати заминҳои вақф чӣ гуна сиёсатро пеш бурд?
3. Ба муҳоҷирон чӣ гуна имкониятҳо фароҳам оварда шуданд?
4. Дар шаҳрҳои нави кишвари Туркистон киҳо истиқомат кардаанд?

## § 15. ТАШКИЛИ НИЗОМИ СУДӢ ВА ТАРТИБОТИ ҲАРБӢ-ПОЛИТСИЯ ДАР ТУРКИСТОН

**Мувофиқгардонии низоми судӣ барои манфиатҳои мустамлика**

Боз яке аз тадбире, ки баҳри ҳимояи манфиатҳои империя дар кишвари Туркистон нигаронда шуда буд, низоми судиро ташкил медод. Дар давраи хонӣ норозиён аз қарори қозиҳо ба қозикалон муроҷиат кардаанд. Қозиҳо қитъаи қатъии муайяншуда надоштанд; ҳар як шахс ба қозие, ки эътимод дошт, муроҷиат намудааст Қозӣ пеш аз маҷлиси суд таклифро оид ба ифоқа омадани ҷонибҳо пеш гузоштааст. Аз ин таклиф саркашӣ кунанд, қозӣ онҳоро савганд хӯронда, арзи тарафҳо, нишондодҳои гувоҳонро шунида, баъд қарор баровардааст ва қарори мазкур аз тарафи ҳокимияти маҳаллӣ ба зудӣ ба иҷро расидааст. Одатан қозиҳо шахсони донишманд, адолатпарвар ва дар байни аҳолӣ соҳиби обрӯву эътибори калон будаанд. Қозиҳо нисбати муроҷиаткунандагон бетараф, беғараз шуда, пул, ҳар гуна тӯҳфаро бояд қабул намекаранд.

Аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ саравал лавозими қозикалон дар низоми судии кишвар барҳам дода шуда, ҳуқуқи тамоми қозиён баробар гашт. Империяи Россия ҳам чун дигар давлатҳои истилогар дар мустамликаи худ Туркистон саравал қозигӣ, ки ба эътиқоди динии аҳолии таҳҷоӣ мувофиқ буду асосашро қоидаҳои шариат, судҳои бийро, ки асосашро урфу одатҳои аҳолии тарзи ҳаёти бодиянишин ташкил

медоданд, тамоман барҳам назада, нигоҳ дошт. Фаъолияти судҳоро, ки асосашро тартиботи милливу динӣ ташкил медоданд, маҳдуд гардонда, аз болояшон назорати пурзӯрро ба роҳ монд. Онҳо марҳила ба марҳила, норозигии аҳолии таҳҷоиро шиддатнок нагардонда, тағйир ёфтанд. Ба ғайр аз ин, бо ҳамин роҳ вакилони ҳукумати подшоҳӣ ҳаракат намуданд ба ҷанҷолу номуросогии байниҳамдигарии аҳолии маҳаллӣ, ки рух медод, дахолат накунанд.

Дар сиёсате, ки нисбати низоми судӣ амалӣ мегардад, оқибат барҳамзании қозӣ ва судҳои бий ва то он вакт аз ҷониби онҳо баррасӣ кардани корҳои хурди судӣ, яъне моҷароҳои оилавӣ, номуросоиҳо дар байни одамон мақсади асосӣ буд. Мувофиқи лоиҳаи «Низом»-и соли 1867 дар кишвар суди қозӣ ва суди бийӣ, судҳои уезд, комиссияҳои муваққатии ҳарбӣ-судӣ, шӯъбаҳои судии идораҳои вилоятӣ ва шӯъбаи суди Девони генерал-губернаторӣ созмон ёфтанд.

**Фаъолияти мақомоти судӣ**

Барои корҳои судӣ ба қисми аҳолии муқими таҳҷоӣ судҳои қозӣ, барои аҳолии бодиянишин судҳои бийӣ, сарварони волостҳо, оқсақолони деҳот, сардорони овулҳо ва ёварони онҳоро аҳолӣ ба мӯҳлати се сол интихоб намудааст.

Россияи подшоҳӣ бо мақсади пурзӯр кардани таъсири худ ба аҳолии таҳҷоӣ соли 1866 дар Тошканд маҳкамаро ҷорӣ намуд. Ба таркиби он қозии аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ интихобгардида ва 7 нафар аълам ворид гардид. Аъзои маҳкама одамони боэътимоди ҳукумати подшоҳӣ дар кишвар ва ёварони садоқатманд ба ҳисоб мерафтанд.

Ба ваколати судя-қозиҳо дида баромадани парвандаҳо (дело)-и ҷиноӣ ва шаҳрвандии андозаи даъвояшон аз 100 рубл зиёд набуда, дохил мешуд. Даъвоҳои калонро анҷумани қозиён ва бийҳо дида мебаромаданд. Ин маҷлисро *анҷумани судяҳои халқӣ* ҳам номидаанд. Онҳо аз рӯи дараҷа судҳои зинаи дуюм буданд, ки парвандаҳои ҷиноӣ ва шаҳрвандии андозаи даъвояшон аз 1000 рубл зиёд набударо баррасӣ менамуданд. Аз ҷониби суди қозӣ–судяҳои халқ, яъне судҳои зинаи якум агар қарор ба хилофи қонун қабул гардида бошад, шикоятгар ба зинаи навбатӣ мурожиат менамуд. Ба ҷуз ин судҳои марҳилаи сеюм амал мекарданд, ки парвандаҳои баҳснокро байни аҳолии волосту уездҳои мухталиф дида мебаромаданд ва анҷумани фавқулоддаи судяҳои халқӣ

Қозии шариат (суди халқӣ)



дар ин бобат ҳалкунанда ба ҳисоб мерафтанд. Қозиҳо мувофиқи теъдоди аҳолӣ муайян гаштаанд. Дар чор даҳаи шаҳри Тошканд яктогӣ қозӣ, дар шаҳри Самарқанд ду қозӣ, вилоятҳо яктогӣ қозӣ буданд.

Барои аҳолии руси кишвари Туркистон дар асоси қонунҳои империя судҳо фаъолият пеш бурдаанд. Саравval комиссияҳои муваққатии ҳарбӣ-судӣ баробари баррасии корҳои аз ҷониби аҳолии таҳҷоӣ содиргардида ва ҷиноятҳои муқобили ҳокимиятро дида баромадаанд. Вазифаҳои судҳои вилоят ва кишвар ба зиммаи девону раёсатҳои генерал-губернаторӣ гузошта шуда буд. Генерал-губернатор вазифаи сарпрокурор ва суди олии кишварро ба иҷро расондааст.

**Тағйиротҳои чараёни судӣ дар охири асри XIX**

Баъди ба мустамлика табдил додани Осиёи Миёна дар қатори дигар соҳаҳо низоми судӣ ҳам зина ба зина тағйир дода шудааст. Интихоботи судҳои қозӣ ва бийӣ бо дахолати ҳукумати истилогар, корҳои нодуруст оид ба тасдиқи натиҷаҳои интихобот боиси сар задани ҷанҷолу хархашаҳо, низои байниҳамдигарӣ дар байни аҳолии таҳҷоӣ, нобоварӣ ва норозигиро нисбати маъмурият ба миён овард.

Интихоботи ҷоришудаи судҳо дар ихтиёри ҳукумати мустамликавӣ буда, дар интихобот ғолиб омадан нисбати интихобкунандагон ба азму хоҳиши маъмурият вобаста буд. Агар касе ба маъмурияти мустамликавӣ маъқул ояд ва ба садоқатмандии он боварӣ ҳосил кунад, вай қозӣ ва бий шуда метавонист. Дар интихобот найрангҳои мухталиф ва ришватхӯрӣ авҷ гирифта, оқибат қозӣ ва бийҳои интихобгардида дар давоми фаъолияти хеш барои баргардондани хароҷоти интихоботии худ бо роҳҳои мухталиф, алалхусус, ришва гирифтан ҳаракат намудаанд. Бо ҳамин мансаби қозӣ ва бийҳо сердаромад гардиданд. Қозиён ва бийҳо барои ишғоли вазифа ва нигоҳ доштани он ба хизматкори садоқатманди вакилони ҳукумати мустамликавӣ табдил ёфтанд.

Мувофиқи «Низом»-и соли 1886 дар кишвари Туркистон суди қозиҳо нигоҳ дошта шуданд. Судҳои уездӣ барҳам дода, ҷои онҳоро *судяҳо (судҳо)-и оштии қитъавӣ* ишғол намуданд, ки онҳоро сарварони идораҳои шаҳру давлатӣ таъин менамуданд. Шӯъбаҳои судии идораҳои вилоятӣ бо судҳои вилоятӣ иваз гардиданд. Лавозими муфаттишони суд, прокурори вилоятҳо ва ёварони онҳо ҷорӣ гаштанд.

Соли 1898 мувофиқи қоидаҳои ҷорӣ намудани низоми судӣ дар вилоятҳои кишвари Туркистон судҳои вилоятӣ барҳам хӯрда, ҷои онҳо судҳои округӣ ва палатаи судии Тошканд ташкил ёфт. Палатаи судии Тошканд танҳо ба Суди Олии империя – Сенати ҳукумат итоат мекард. Судҳои округӣ дар ҳамаи вилоятҳои кишвари Туркистон ҷорӣ гардиданд. Онҳо аз раиси суд, ёвари ӯ ва аъзо и суд таркиб ёфта буданд. Чораҳои ҷазоро судяҳо ва ду

аъзои суд таъин намудаанд. Аз болои қарори онҳо апеллятсияро суди олии империя — сенати ҳукумат дида мебаромад.

*Худро озмуда бинед!*

**Судҳои округӣ — ...** **Соли 1898 — ...**
**Генерал-губернатор вазифаҳои ... ҳам ба иҷро расондааст.**

## Тартиботи ҳарбӣ-политсия дар кишвар

Ҳукумати подшоҳӣ ба муқобили ҳаракатҳои норозиёнае, ки дар кишвари Туркистон ба ошӯби аҳолии таҳҷоӣ табдил ёфтанаш мумкин буд, тадбир андешида, барои пурра ҳимоя намудани манфиатҳои империя бо мақсади ба вуҷуд овардани асосҳои ҳуқуқӣ ҳаракат намуд. Соли 1881 «Низом» дар бораи чораву тадбирҳои тартиботи давлатӣ ва ҳимояи осоиштагии ҷамоат» эълон гардид. Мувофиқи «Низом» генерал-губернатор ҳуқуқи бо салоҳдиди худ ҷорӣ кардани ҳолати ҳимояи «пурзӯр» ё ки «фавқулодда»-ро ба даст овард. Он чунин маъно дошт: агар дар кишвар ошӯб рух дода, «осоиштагии ҷамоат» халалдор гардад ва «ҳолати ташвишовар» сар занад, бо ихтиёри худ нерӯ ва зӯравори истифода бурданаш мумкин буд. Аз соли 1892 то соли 1916 Туркистон дар ҳолати «ҳимояи пурзӯр» ва «ҳимояи фавқулодда» қарор дошт.

«Низом»-и нав ба сохторҳои политсия баробари нигоҳ доштани назорат аз болои ҳар як мавзеи шаҳру деҳот ба тариқи илова ба сардорони уездҳо ҳуқуқи *исправникҳоро* ҳам дод. Онҳо ваколати шахси дилхоҳро ба муддати ҳафт рӯз дар маҳбас нигоҳ доштан, аз ӯ ҷарима ситонданро доштанд. Лавозими пристави қитъаҳо барои онҳо ба тариқи кӯмак таъсис гардида буд. Одатан онҳо афсарон буда, ба ҷамъоварии андозҳо, иҷрои ӯҳдадориҳо дар маҳалҳо, ба ҷо овардани қарорҳои сардорони уездҳо роҳбарӣ мекарданд. Дар бораи ҳар гуна тағйирот ба маъмурияти кишвар хабар мерасониданд.


Калисон ҳарбии Тошканд.

Солҳои 1882—1884 мушовири махфии империя Ф.Гирс кишварро санҷида, дар Туркистон 2404000 нафар истиқомат карданаш ва аз онҳо 1200000 нафар мард буданашро навиштааст. Ҳамин амалдори подшоҳ (Ф. Гирс) ба масъалаи ӯҳдадории ҳарбии мардон истода, он тадбири ниҳоят хавфноки сиёсӣ буданашро ишора

намуда, сиёсати ба лашкар даъват накардани аҳолии Туркистонро маъқул донистааст. Ҳукумати подшоҳӣ аз дар лашкар мунтазам хизмат кардани аҳолии таҳҷой, ба тарзи аврупоӣ такомул додани қӯшун, баланд бардоштани маҳорати онҳо дар боби истифодаи силоҳи замонавӣ меҳаросид. Чунки аҳолии таҳҷой фурсати муносиб пайдо кунад, ана ҳамин маҳорат ва силоҳи замонавиро ба муқобили худи ҳукумати подшоҳӣ истифода бурданаш мумкин буд. Бесилоҳгардонии аҳолии таҳҷой, аз байн бардоштани ҳар гуна умедворӣ оиди муборизаи яроқнок, пахши рӯҳияти ҷанговарӣ ва аз беху бун несту нобуд кардани анъанаҳои қадимии ҷанговарона асоси сиёсати ҳарбии ҳукумати подшоҳиро дар кишвари Туркистон ташкил медод.

### *Дар хотир доред!*

**Аз соли 1892 эътиборан то соли 1916 дар Туркистон ҳолати «посбонии пурзӯр» ва «посбонии фавқулодда» ҳукмрон буд.**

### *Ҷамъбаст мекунем!*

- дар Туркистон дар асоси тартиботи ҳарбӣ ва политсиявӣ низоми идора ва назорат ба роҳ монда шуд;
- шӯъбаи махсус ба мақсади мубориза ба муқобили ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ таъсис ёфт;
- аҳолии таҳҷой аз хизмат ба лашкар маҳрум гардид.

### *Шарҳи истилоҳот:*

**Политсия** (*аз немисӣ маъмурият*) — ташкилоти таъмини бехатарии давлат.

**Исправник** — сардори политсияи уезд.

**Апеллятсия** — (*лотинии шикоят, норозигӣ*) — аз ҳукми суд норозӣ шуда, як шакли додани аризаи шикоятӣ аз болои он.

**Земство** (*русӣ*) — идора, раёсати маҳаллии ваколаташ маҳдудгардида

**Судҳои қозӣ** — суде, ки дар асоси қоидаҳои шариат кор пеш мебарад.

**Судҳои бий** — суде, ки дар асоси урфу одатҳои қабила фаъолият рондааст.

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Ҳукумати подшоҳӣ мувофиқи кадом ҳуҷҷат ба ҳудуди Туркистон «тартиб» ҷорӣ кард?

2. Дар ибтидои асри XX дар Туркистон политсиячиён ва исправникҳо кадом ҳуқуқҳоро доштанд?
3. Чаро вакилони аҳолии маҳаллӣ ба хизмати ҳарбӣ даъват намешуданд?
4. Корҳои судӣ дар Туркистон то мустамлика чӣ тавр ташкил ёфта буд?
5. Асоси фаъолияти судҳои қозӣ ва бийро чӣ ташкил додааст?
6. Барои чӣ ҳукумати подшоҳӣ дар Туркистон судҳои қозӣ ва бийиро нигоҳ дошт?
7. Тартиби интихоби судҳои қозӣ ва бийӣ чӣ гуна буд?

## § 16. ВАЗЪИЯТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ТУРКИСТОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX — ИБТИДОИ АСРИ XX

**Роҳҳои пурзӯр кардани тартиби мустамлика**

Асоси тартиботи мустамликаро дар кишвари Туркистон қувваи ҳарбӣ ва низоми политсияи серсоҳа ташкил додааст. Қисмҳои ҳарбие, ки то ин вақт барои пеш бурдани набардҳои мустамликавӣ нигоҳ дошта мешуданд, акнун аз ҷониби маъмурияти подшоҳӣ ба сифати ҳимоятгари тартиботи ҷоригардидаи мустамлика истифода мегардиданд.

Кашидани хатти роҳи оҳан дар Осиёи Миёна баробари аҳамияти калони амалӣ доштан барои иқтисодиёти Россия мақсадҳои ҳарбӣ-стратегӣ ҳам дошт. Барои кашондани қӯшунҳои ҳарбӣ ва силоҳ аз Красноводск то Қизиларват, аз Қафқоз то Осиёи Миёна роҳи оҳан сохта шуд. Сипас сохтмони роҳи оҳан то Ашқобод давом кард. Соли 1888 нахустин поезд ба Самарқанд омад. Соли 1899 ба воситаи Тошканд роҳи оҳан то ба Андиҷон рафта расид.

Базаҳои асосии қувваҳои мусаллаҳи ҳарбии Россия дар Қафқоз ҷойгир буда, аз он ҷо тавассути баҳри Каспий бо киштӣ ба тезӣ гузаштан мумкин буд. Барои аз Красноводск ба воситаи роҳи оҳан расида омадан ба Тошканд ва Самарқанд осон шуд. Акнун қисмҳои ҳарбиро аз Красноводск то ба Андиҷон, ки беш аз 3 ҳазор километр масофа буд, кӯчонда овардан ягон муаммо надошт.


**Вокзали роҳи оҳани Тошканд.**

Дар Туркистон васеъ паҳн гардидани зироати пахта ва ҷорӣ гардидани сармояи Россия дар ибтидои асри XX роҳи оҳан на танҳо аҳамияти ҳарбӣ, балки иқтисодӣ ҳам касб намуд. Соли 1905 аз Оренбург то Тошканд ҳам роҳи оҳан сохта шуд.

*Худро озмуда бинед!*

**Соли 1888 — ...     Соли 1899 — ...**
**Роҳи оҳан ба мақсадҳои ... сохта шуд.**

**Тобеъ гардондани иқтисодиёт ба манфиатҳои мустамликавӣ**

Дар нимаи дуюми асри XIX дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқҳои ҳудуди Осиёи Миёна, ки аз ҷониби империяи Россия истило гардиданд, тағйиротҳои куллӣ рух дод. Ба ҷуз ин иқтисодиёти кишвар ҳам бахри манфиатҳои империя тобеъ кунонда шуд. Дар ин давр воридшавии сармояи Россия ва маҳсулоти Аврупо, технологияҳои нави истеҳсолӣ вусъат ёфт. Бисёр банку шӯъбаҳои саноат фаъолият пеш бурданд. Тағйиротҳои мазкур ба ривоҷи пахтакорӣ, пӯсту чарм, азнавкоркарди аввалини ашёи хом, саноати равған таъсири бевосита расонд.

Тағйиротҳои иқтисодиёт бо назардошти манфиатҳои империя дар кишвар, яъне яктарафа ба амал омаданд. Истеҳсолоти то давраи мустамлика мавҷуда ва савдову тиҷорат дар натиҷаи вусъати алоқа бо империяи Россия ва ба воситаи он бо дигар давлатҳо пеш рафт. Барои саноати бофандагии империяи Россия рӯёндани пахта вусъат ёфт. Он ба камшавии дигар намудҳои зироат, алалхусус, камчинии ғалладона оварда расонд. Дар ин давр нисбат ба дигар соҳаҳо коркарди аввалини ашёи хоми пахта рушд ёфт. Танҳо тозакунии пахта ва истеҳсоли равған ба роҳ монда шуда, тайёркунии маҳсулот аз ашёи хоми пахта дар худи Россия ба иҷро мерасид. Дигар ашёи хоми кишвар, аз он ҷумла, пашму коркарди пӯст ҳам бо ҳамин зайл пеш бурда шуд.

Солҳои 1867—1900 дар ҳудуди генерал-губернатории Туркистон 175 корхонаи саноатӣ ба кор даромада, аксар корҳо дар онҳо дастӣ ба иҷро расидаанд. Дар онҳо 20 ҳазор нафар кор кардаанд. Сафи коркунони саноати маҳаллӣ аз ҳисоби деҳқонони хонавайронгашта ё ки ҳунармандони бекормонда зиёд мегардид. Вақти корӣ дар корхонаҳо 16 соатӣ буда, ташкилотҳои ҳимоятгари ҳуқуқи коркунон набуд, коргарон бо шикоят ба касе муроҷиат карда наметавонистанд.



**Ҷои зисти аҳолӣ. Охири асри XIX.**

Маҳсулоти саноатӣ ва дигар молҳои дар ноҳияҳои марказии империяи

Россия тайёргардида ба кишвар ворид гашта, маҳсулоти истеҳсолотчиёни маҳаллӣ-хунармандонро касод намуд. Маҳсулоти заводу фабрикаҳои нисбатан арзони аз Россия овардашуда бозори маҳсулоти ҳунармандони маҳаллиро рӯ ба таназзул ниҳод. Оқибат дар кишвар бисёр одамон, алалхусус, ҳунармандон бекор монданд.



**Тошканд. Бонки давлатии Осиёи Миёна.**

Сармояи Россия барои дар кишвар вусъати истеҳсолот не, балки ба азхудкунии боигариҳои табиии мавҷуда, соҳибӣ кардани ашёи хоми арзон, кашонда бурдани онҳо, маҳсулоти дар худ истеҳсолшудаbáро дар ин кишвар фурӯхтан нигаронда шуда буд. Аз ин рӯ, ба вусъати соҳаи савдову тиҷорат ва доманадор кардани роҳҳои оҳан диққату эътибор зиёд гардид. Фоидаи аз ин кишвар гирифтаи ҳукумати подшоҳӣ ба тараққиёти кишвар не, балки сарпур кардани хазина, сарватманд гардондани савдогару сармоягузорони Россия хизмат намуд.

***Дар хотир доред!***



**Сармояи Россия барои дар кишвар ривоҷ додани истеҳсолот не, балки ба азхудкунии боигариҳои табиӣ, фурӯхтани маҳсулоти дар худ истеҳсолкарда, кашонда бурдани ашёи хом ва сохтани роҳи оҳан хизмат кард.**

**Эҳтиёҷ ба ашёи хоми пахта**

Тамоми нақшаҳои империяи Россия дар бобати Туркистон ба ривоҷ додани соҳаи пахтакорӣ нигаронида шуда буд. Ба ҳудуди асосии тайёркунии ашёи хоми саноати бофандагии Россия табдил додани кишвар пешбинӣ гардид. Чарогоҳҳо оҳиста-оҳиста ба пахтазор табдил ёфтанд. Он боиси пастравии чорводорӣ ва камшавии маҳсулоти чорво гашт. Он махсусан дар водии Фарғона назаррас ба чашм мерасид. Ба ин ҷо маҳсулоти чорво ва ғалла аз берун оварда мешуд. Эҳтиёҷи калон ба ғалла, маҳсулоти чорво нархи онҳоро хеле баланд бардошт.

Вилоятҳои Фарғона, Сирдарё ва Самарқанд марказҳои муҳими пахтакорӣ буданд. Соли 1884 дар Туркистон ба рӯёндани навъи нави пахта (пахтаи Амрико) шурӯъ карданд. Он нисбат ба навъҳои маҳаллӣ серҳосил буд.



**Фиристодани пахта ба Россия.**

Ҳукумати подшоҳӣ васеъ гардондани майдонҳои пахта ва хуб шудани ҳосили он дар Осиёи Миёна ба об вобаста буданашро дарк карда, барои вусъати шабакаҳои ирригатсия ҳаракат намуд. Соли 1911 ба бунёди Канали магистралии Сирдарё шурӯъ намуданд. Соли 1913 сохтмони он анҷом ёфт. Вале дар воҳаи Тошканд, вилояти Самарқанд ва водии Фарғона бисёр корҳои алоқаманди соҳаи обёрӣ ба иҷро нарасиданд. Пахта барои ҳукумати мустамликавӣ баъди нафт ва тилло ба соҳаи сердаромад табдил ёфт.

### *Ҷамъбаст мекунем!*

**Соли 1888 – То Самарқанд роҳи оҳан сохта шуд.**

**Соли 1899 – Ба воситаи Тошканд ба Андиҷон роҳи оҳан бунёд гардид.**

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Дар давраи мустамликадорӣ кадом соҳаҳои иқтисодиёт инкишоф ёфтаанд ва сабаби он дар чист?
2. Сиёсати мустамликадорӣ ба ҳунармандони маҳаллӣ чӣ гуна таъсир расонд?
3. Ба пахта ва дигар боигариҳо чаро ба сифати ашёи хом нигаристаанд?
4. Кадом вилоятҳои Туркистон маркази пахтакорӣ буданд?

## БОБИ IV

# ҲАРАКАТҲОИ МИЛЛӢ-ОЗОДИХОҲӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ДАР ТУРКИСТОН

**Дар натиҷаи омӯзиши боб дар ин бобат маълумоти зарурӣ мегиред:**

► Оғози ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар Туркистон ва сабабҳои он;
► Ошӯбҳои мардумии солҳои 1885—1890 дар Туркистон;
► Пурзӯр гардидани сиёсати ҷазодиҳии маъмурияти подшоҳӣ;
► Дар бораи «исёни вабо»-и Тошканд, шӯриши Андиҷон (соли 1898);
► Натиҷаҳо ва аҳамияти ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар нимаи дуюми асри XIX.

## § 17. ОҒОЗИ ҲАРАКАТИ МИЛЛӢ-ОЗОДИХОҲӢ ДАР ТУРКИСТОН ВА САБАБҲОИ ОН

**Пурзӯр гардидани ҷабру зулми мустамликавӣ**

Империяи Россия баъди истилои Туркистон аз байн бардоштани эҳсосоти аҳолии маҳаллиро дар боби давлатдории миллӣ, озодӣ вазифаи асосии худ қарор дод. Ҳукумати подшоҳӣ вазифаи мазкурро ба амал набароварда, ҳукмронии худро ба осонӣ нигоҳ надоштанашро хуб медонист. Ҳар як давлати мустамликавӣ барои толону тороҷ намудани боигариҳои ҳудуди бо роҳи ҳарбӣ ва истилогарӣ ишғолкарда ҳаракат менамояд. Дар Туркистон ҳам ин роҳ пеш гирифта шуда, империяи Россия барои ба заминаи ашёи хоми худ табдил додани Туркистон шурӯъ кард. Дар Туркистон ҳарчанд саноат инкишоф ёфта, ба муносибатҳои капиталистӣ ба оҳистагӣ роҳ кушода шуда бошад ҳам, он вазъияти моддии халқро беҳбудӣ набахшид, балки ба сарватманд шудани соҳибони корхонаҳо, тоҷирон, амалдорон роҳро боз намуд.

Дар дасти бойҳо ва савдогарон ҷамъ шудани замину мулкҳо боиси пурзӯр гаштани мавқеи сармояи савдову судхӯрӣ, зиёдшавии теъдоди деҳқонони камзамину чоряккорон гардид. Судхӯрӣ беҳад авҷ гирифт. Аз маблағҳои кассавии қарздиҳандагон бештар баъзе миёнаравҳо – бойҳо, судхӯрон, савдогарон ва монанди онҳо барин каззобон истифода бурда, онро мувофиқи хости худ ихтиёрдорӣ мекарданд. Харидорони пахта аз мӯҳтоҷии деҳқонон истифода бурда, ба ҳосили соли оянда нархи навро муайян намуда, қарз медоданд. Деҳқони ба чанголи судхӯр



**Қолинбофон.**

афтода аз хоҷагидории мустақилона маҳрум гашта, мувофиқи нишондоди қарздиҳанда ба кишти зироат маҷбур мегардид.

Баробари авҷ гирифтани истифодаи қарзу насяҳо вазъияти деҳқонон бад гашта, ба қашшоқӣ рӯ оварданд. Онҳо ба туфайли қарздорӣ ба фурӯхтани заминҳояшон маҷбур шуданд.

Ба мустамлика табдил ёфтани Туркистон на танҳо деҳқонон, балки вазъияти ҳунармандон, косибонро ҳам душвор гардонд, ки манбаи рӯзгузаронии оилаҳо буд. Ашёи хонаву рӯзгор, алалхусус, маҳсулоти бофандагии саноати Россия, ки бозорҳои Осиёи Миёнаро ишғол намуданд, бисёр намудҳои ҳунармандиро ба инқироз овард. Душвориҳои иқтисодӣ, бад шудани шароити зиндагонӣ, бисёрии андозҳо, душвориҳои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ аҳволи аҳолии таҳҷоиро вазнин намуд. Ба ҷуз ин, халқҳои Осиёи Миёна аз ҷиҳати сиёсӣ ҳам ба зулми мустамликавӣ афтоданд, давлатдории миллиашонро аз даст доданд ва аз тарафи маъмурияти ҳукмрон ҳаматарафа ба пастзанӣ дучор шуданд.

## Оғози ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ

Дар натиҷаи сар задани душвориҳои иқтисодӣ ва пурзӯр гардидани ҷабру зулми мустамликавӣ Туркистон дар охири асри XIX ба яке аз марказҳои ҳаракати миллӣ-озодихоҳии империяи Россия табдил ёфт. Қувваи ҳаракатдиҳандаи ошӯбҳо, ки дар гӯшаву канори мухталифи кишвар ба амал меомаданд, аҳолии камбағали аз деҳқонону ҳунармандону косибони шаҳрӣ иборат буданд. Дар ин ҷунбишҳо рӯҳониёни ватанпарвар, мулкдорони дорои ғурури миллӣ, тоҷирон ҳам иштирок менамуданд. Ба муқобили мустамликадорӣ дар маҳалҳои мухталифи кишвар норозигиҳо сар заданд. Аз он ҷумла, соли 1878 дар Мингтеппа (ноҳияи Марҳамати имрӯза) ба муқобили зулми сиёсиву иқтисодии мустамликадорон таҳти сарварии Етимхон ошӯб бархест. Онро ҳукумати истилогар бо кӯмаки қувва пахш намуд. Тирамоҳи соли 1879 аҳолии таҳҷоии Фарғона дар назди бинои раёсати вилоят норозигии худро кушоду равшан баён сохта, гирдиҳамоӣ намуданд. Онҳо дар уезди Марғелон аз сабаби ғайриқонунӣ сурат гирифтани андозситонӣ, ҳаллу фасли он, кам кардани андозҳоро қатъӣ талаб намуданд.

Аз эҳтимолияти пурзӯршавии шӯриш бохабар шуда, ҳукумати подшоҳӣ комиссия ташкил дода, вазъиятро омӯхт. Комиссия сабаби

асосии шӯришро дар зиёд шудани майдони пахта ва кам шудани кишти дигар зироат дид.

Ноябри соли 1880 аҳолӣ ҳарчанд тамоми андозҳоро супурда бошад ҳам, сардори уезди Хуҷанд эълон кард, ки аз аҳолии ноҳияҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа андози иловагӣ гирифта мешавад. Оқибат аҳолии косаи сабраш лабрезгашта таҳти сарпарастии Раҳмонқулиҳоҷӣ, Миркаримбой ба маҳкамаи сардори уезд рафта, бекор кардани андози ноадолатонаро талаб намуд. Ҷавобан ба он сардор ба миршабҳо фармон дод, ки роҳбарони намоишро ба ҳабс гиранд.



**Сохтани сарбанд. Охири асри XIX.**

Тороҷгарӣ, андозҳо, ҷабру зулми авҷгирифта аввалҳои соли 1882 сабаби сар бардоштани аҳолии Намангон ба муқобили маъмурон гардид. Ин сафар онҳо хонаи сардори уездро печонда гирифтанд. Маъмурони уезд қисми ҳарбиро ба кӯмак даъват карда, ба намоишгарон ҷазои сахт дод.

Тобистони соли 1885 дар водии Фарғона ошӯбҳои мардумӣ аз нав авҷ гирифта, таҳти сарпарастии Дарвешхон исён бархест. Акнун ошӯбгарон усули муборизаро тағйир дода, ба қароргоҳи бойҳо ва сардорони уезд ҳуҷум карданд. Ҳамон солҳо ошӯбҳо саросари вилоятро фаро гирифт.

Соли 1896 аҳолии деҳаҳои Найманчӣ, Кӯҳна мазор, Лангарбоби волости Оқсув — Шаҳрихони уезди Намангон аз интихоботи мингбошиён норозигӣ баён карданду он ба исёни ошкоро табдил ёфт. Дар бисёр маҳалҳои кишвари Туркистон ба муқобили ҳукмронии ҳукумати подшоҳӣ, амалӣ гардидани сиёсати мустамликадорӣ аҳолӣ дар шаклҳои мухталиф норозигии худро баён сохтанд.

***Худро озмуда бинед!***

**Соли 1878 — ... Соли 1882 — ... Тобистони соли 1885 — ...**
**Ноябри соли 1880 — ... Соли 1896 ошӯбҳои ... оғоз ёфтанд.**

**Пурзӯр гардидани тадбирҳои ҷазо ба муқобили ҷунбишҳои халқӣ**

Доираҳои савдову саноати империяи Россия барои кишвари Туркистонро ҳаматарафа, алалхусус, аз ҷиҳати иқтисодӣ мутеъ сохтан фаъолона иштирок намуданд. Ҳукумати мустамликавӣ сараввал деҳоти руснишинро аз қишлоқҳои ӯзбек, қирғиз, тоҷикнишин ҷудо карда, мустақил шуданашро таъмин намуда бошад, баъдтар ба роҳбарии волостҳои муттаҳидгардидаи деҳотӣ шахсони мансуби миллати аврупоиро гузоштан гирифт. Ба воситаи онҳо аз болои аҳолии таҳҷоӣ ба роҳ мондани идоракунӣ ва назорати пурраро ба нақша гирифтанд. Маъмурияти кишвар доимо аз мавҷҳои нави ошӯбҳо хавф мебурд. Сарвари шӯъбаи махсуси маҳкамаи генерал-губернатор дар маърӯзаи худ фикрро дар ин бобат баён карда буд: «вакилони аҳолии «ба исён моил» бояд ба суди ҳарбӣ дода шаванд ва суди мазкур ҷазои қатлро ошкоро иҷро намояд». Вай ҳамчунин зикр карда буд, ки «Халқро дар ҳаросидану мутеъгӣ нигоҳ доштан воситаи ягонаи қодири таъмини тартибот ва осоиштагӣ дар кишвар мебошад».



**Қувваи ҷазодиҳӣ.**

Аз соли 1892 истилогарон ба он одат карданд, ки шаҳрванди оддии ба маъмурон муқобил нишондодаро бевосита ба суди ҳарбии саҳроӣ медоданд. Он «рухсати олӣ» барои қатли ошкорои «гунаҳкорон» буда, ба истилогарон дар боби тарсондани одамон ҳуқуқҳои калонро дод.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Пурзӯр гардидани ҷабру зулми мустамликавӣ дар кадом намуд бевосита ба чашм бармехӯрд?
2. Мақсад ва вазифаҳои сиёсати ҳукумати мустамликавӣ дар Туркистон аз чиҳо иборат буд?
3. Ба қашшоқшавии ҳаёти халқ чӣ гуна омилҳо сабабгор шуданд?
4. Чаро ҷунбишҳои халқӣ охири солҳои 70-ум маҳз дар водии Фарғона пурзӯр гардиданд?
5. Охири солҳои 80-ум — ибтидои солҳои 90-уми асри XIX дар кадом волосту уездҳои водии Фарғона ошӯбҳои халқӣ шуда гузаштанд?

## § 18. «ИСЁНИ ВАБО» ДАР ТОШКАНД

**Сабабҳои оғози ошӯб**

Моҳи марти соли 1892 дар Афғонистон бемории вабо паҳн гардид. Охири фасли баҳор ин касалӣ дар уезди Ҷиззахи вилояти Самарқанд, 7 июн дар Тошканд ҳам қайд гардид. Маъмурияти шаҳри Тошканд чун яке аз тадбири муқобили беморӣ дарвозаҳои 12 қабристонро баст. Барои вафоткардагон аз канори шаҳр қабристонҳо кушодан ваъда гардид. Дар амал як қабристон кушода шуд. Тадбирҳоеро, ки аз тарафи шифокорон андешида шуданд, ба халқ хуб тавзеҳ надоданд. Ба ҷуз ин азбаски шифокорон, фелдшерон намерасиданд, ташхиси беморон рӯзи сеюм ё чорум гузаронда мешуд. Овозаҳо дар бораи аз ҷониби маъмурони истилогар об, аз ҷониби шифокорони рус қасдан заҳролуд гардидани беморон, аз қабрҳо баровардa партофтани мурдаҳо саросари шаҳр паҳн гаштанд. Дар кишвари Туркистон аз 18 июни соли 1892 «Қоида дар бораи ҷойҳое, ки ҳолати ҳарбӣ эълон гардидаанд» ҷорӣ карда шуд. Вазъияти мазкур дар байни аҳолӣ саросемагӣ ва воҳимаро ба миён овард. Ҳамин вақт оқсақоли халқпарвару ба истилогарон номақбули шаҳри кӯҳнаи Тошканд Иноғомхӯҷа Умриёхӯҷаев аз вазифааш озод гардид. Ба ҷои вай шахси дигарро таъин намуданд. Ӯ ба мақсади гирифтани ришват фармон дод, ки майитони аз дигар беморӣ вафоткардаро ҳам ба қабристони канори шаҳр гӯронанд. Халқ ба он норозигии қатъии худро баён сохт. Он боиси сарзании ошӯб гардид.



**Кӯчаи Тошканд. Асри XIX.**

Сабабҳои асосии сарзании норозигиҳои соли 1892 инҳо буданд: аввало, нисбати аҳолии таҳҷоӣ аз ҷиҳати сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷабру зулми истилогарон пурзӯр гардид; дуюм, аҳволи душвори оммаи халқи меҳнаткаш, бемайлон истифода бурдани косибони ҳунарманд ва мардикорон; сеюм, пайваста боло рафтани нархҳои маҳсулоти истеъмолӣ, зиёд будани теъдоди андозҳо, чорум, мансаби худро сӯиистеъмол кардани мансабдорон, афзун гардидани ҳолатҳо, аз қабили ришватхӯрӣ.

**Оғози шӯриш**

Шӯриш, ки дар таърих бо номи «Исёни вабо» (ё ки «Воқеаи сангпартоӣ») машҳур аст, 24 июни соли 1892 оғоз ёфт. Сараввал он бо норозигӣ ба муқобили бойҳои ноинсоф, амалдорони ришватхӯр ва судхӯрон, оқсақоли шаҳр, ки ҳокимиятро



**Ҳуҷуми ошӯбгарон ба ҳокимияти шаҳр.**

сӯиистеъмол мекард, сар шуд. Шӯришгаронро асосан мардикорон ва ҳунарманд-косибон ташкил медоданд.

Дар бораи воқеаи мазкур, ки яке аз ҳамзамонон бо чашми худ дидааст, навишта буд: «Мақсади исёнгарон қатъ гардондани пастзаниҳо буд. Издиҳом ба қисми руснишини шаҳр, ба сарвари шаҳр С. Путинсев бо илтимоси чорабинӣ ба роҳ даромад. Издиҳом силоҳи тирпаррон ё дигар яроқ надошт, тахминан 400 нафарро ташкил медод».

Оқсақоли шаҳри кӯҳна Муҳаммад Ёқуб аз издиҳом тарсида, барои кӯмак ба назди сарвари шаҳр С. Путинсев рафта, пинҳон гашт. Халқ аз Путинсев талаб намуд, ки оқсақолро ба ихтиёри онҳо вогузорад. Полковник С. Путинсев ба ҷои гуфтушунид истифодаи қувваро беҳтар донист. Халқи косаи сабраш лабрезгашта баъди фаҳмидани фармони истифодаи қувва дуру дароз фикр накарда, ба ҳоким ҳуҷум намуд. Одамони онро торумор намуда, худашро лагадкӯб карданд. Ба хонаи оқсақоли Тошканд оташ заданд. С.Путинсев ва миршабҳои ӯро лагадкӯб карда, маҳкамаро ҳам чапаву роста намуданд. Барои пахши ошӯб полки казакҳо ва як рота аскарон даъват шуданд.

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| **Муҳаммад Ёқуб — ...** | **Полковник Путинсев — ...** |
| **Сабабҳои ошӯб – ...** | **Ошӯбгарон аз ... иборат буданд.** |

**Тадбирҳои минбаъда баъди пахши исён**

Бо усулҳои бешафқатона пахш кардани ҳаракатҳои норозиёна аз ҷониби маъмурияти кишвар, бераҳмона ҷазо додани иштирокдорони ошӯб афту андоми аслии ҳукумати истилогарро нишон дод. Ошӯби Тошканд маъмурияти мустамликавии Туркистонро ба ташвиш андохт. Вай ба ҳукумат бо таклифи зиёд кардани миқдори маъмурону политсия ва пурзӯр намудани ваколатҳои онҳо муроҷиат кард. Дар Санкт-Петербург илтимоси генерал-губернатори Туркистонро қонеъ гардонда, барои дар кишвар ҷорӣ кардани «ҳолати миршабӣ» рухсат дод. Ба мустамликадорон ваколатҳои калон дода шуданд. Генерал-губернатори Туркистон дар масканҳое, ки «муҳофизати пурзӯр»-ро

эълон карда буд, ҳуқуқро дар бораи манъи маҷлису гирдиҳамоиҳо, пӯшидани корхонаҳои савдову саноат, манъи нашри матбуот, бадарға кардану ҷарима андохтан ба шахси дилхоҳ ва дигар ҳуқуқро ба даст овард. Ҳокимият дар масканҳое, ки «муҳофизати фавқулодда» эълон гардиданд, ба дасти генерал-губернатор ва намояндаи ӯ таъингардида гузашт.

Ҳангоми пахши исён мустамликадорон дар роҳи манфиати худ аз поймол намудани урфу одатҳои халқӣ, эътиқоди динӣ, арзишҳои миллӣ рӯ нагардонданашонро нишон доданд. Умуман, дар ҳар қадам онҳо дар кишвар ҳоким ва истилогар буданро ба аҳолии таҳҷоӣ намоиш доданд.



**Кӯчаи шаҳри кӯҳнаи Тошканд. Асри XIX.**

*Худро озмуда бинед!*

**18 июни соли 1892 — ин ...**

**24 июни соли 1892 — ...**

**Ҳудудҳои «дар муҳофизати пурзӯр» — ...**

*Савол ва супоришҳо:*

1. Маҳдудсозии ҳуқуқҳои аҳолии маҳаллиро дар чӣ мебинед?
2. Сабабҳои оғози исёни Тошкандро гӯед ва ба арзишҳои миллӣ чӣ дохил шуданашро шарҳ диҳед.
3. Исён кай оғоз ёфт? Кадом рафтори мустамликачиён ва хизматкорони онҳо халқро ба шӯр овард?
4. Баъди пахши исён чӣ гуна тадбирҳо андешида шуданд?

## § 19. ШӮРИШИ АНДИҶОН

### Сабабҳои шӯриш

Дар нимаи дуюми асри XIX сохти мустамликадории дар Туркистон ба роҳ мондаи империяи Россия аҳолии таҳҷоиро аз ҳуқуқҳои сиёсӣ маҳрум сохт, арзишҳои миллӣ, диниро таҳқир намуд, иқтисодиёташро ба мақсади иқтисодии империя тобеъ кард, вазъияти моддӣ, зиндагонии халқро бад сохта, ба қашшоқшавӣ оварда расонд.

Мувофиқи «Низом дар бораи идоракунии кишвари Туркистон»-и соли 1886 сиёсату режими мустамликавӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ мустаҳкам гардид. Оқибат ҷабру зулм нисбати аҳолии кишвар пурзӯр шуд. Мақсади асосии «Низом» заминдориро ба манфиати

мустамликачиён мувофиқ гардондан буд. Баъди эълони «Низом» ҳангоми ба иҷро расондани чораву тадбирҳои амалӣ гардондани он хусусиятҳои миллӣ, динӣ ва маҳаллии аҳолии таҳҷоӣ ба инобат гирифта нашуд. Маъмурони подшоҳӣ заминҳои мансуб ба халқи маҳаллиро кашида гирифтанд, дар асоси он ба муҳоҷирони россиягӣ фонди замин таъсис ёфт. Сиёсати мазкур нисбати масъалаи замин нозук буд, алалхусус, дар водии Фарғона, ки аҳолиаш зич ҷойгир шуда, майдонҳои кишти обёришавандааш хеле кам буд, вазъияти аҳолии маҳаллиро хеле бад кард. Ба ҷуз ин водии Фарғона асосан ба ҳудуди тайёркунии ашёи хоми пахтаи империя табдил ёфт. Вусъати ҳаҷми пахтатайёркунӣ боиси кам шудани майдони кишти ғалладона, озуқаи чорво, чарогоҳ, афзудани нархи озуқаворӣ ва дигар маҳсулот гардид.

Соли 1891 ба вилояти Фарғона бештар кӯчонда овардани аҳолии Россия, ҷойгир сохтани онҳо вазъияти водиро, ки заминаш каму аҳолиаш зич ҷойгир гашта буд, боз ҳам бадтар намуд. Бешак, ин қабил саъю кӯшиши ҳукумати подшоҳӣ норозигии аҳолии таҳҷоиро боз ҳам пурзӯр кард.

Ҳукумати мустамликавӣ дар тамоми маҳалҳои кишвари Туркистон арзишҳои миллӣ ва динии аҳолии таҳҷоиро ба назар нагирифта, зидди онҳо сиёсат пеш бурд. Аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ мулкҳои вақфи кишвар кам гардид. Чораву тадбирҳо дар бобати аз байн бардоштани заминҳои мансуби мулки вақф боиси ба мулки давлатӣ табдил ёфтани қисми калони заминҳои вақф гардид. Он ба норозигии пешвоёни дин, ки дар ҳаёти кишвар, байни оммаи халқ нуфузи калон доштанд, мутасаддиёне, ки дар муассисаҳои динӣ ва масканҳои таълим фаъолият пеш мебурданд, сабаб шуд.

Ба ҷунбишҳои норозиёна сиёсати маъмурияти кишвар нисбати манфиатҳои аҳолии таҳҷоӣ боло гузоштани манфиатҳои империя, бад шудани шароити зиндагонии аҳолии таҳҷоӣ, зиёд будани намуди андозҳо, ришватхӯрии амалдорон ва сӯиистеъмол аз мансаб, душвор будани андозҳо ва ӯҳдадориҳо сабабгор буданд. Корҳои маориф, тиббиёт, ободонӣ бесару сомон монд, ба онҳо аз тарафи ҳукумат маблағ ҷудо нагардид. Ин қабил ҳолатҳои манфӣ нафрати халқҳои таҳҷоиро нисбати мустамликадорон пурзӯр гардонд, боиси сар задани исёну ошӯбҳо гардид.



**Шикастхӯрии ошӯбгарон.**

**!**

***Худро озмуда бинед!***

**Соли 1891 — ...** **Сабабҳои шӯриш — ...**

**Оғози шӯриш**

Яке аз ҷунбишҳои норозиёнае, ки охири асри XIX дар кишвари Туркистон ба амал омад, шӯриши Андиҷон буд, ки ба муқобили ҷабру зулми мустамликадорӣ халқи таҳҷой бархест. Он соли 1898 рӯй дод. Ба он Муҳаммад Алӣ (1846—1898) роҳбарӣ кард, ки дар байни аҳолии водӣ номи Дукчӣ Эшонро гирифта буд. Дукчӣ Эшон яке аз диндорони мутаассиб буд. Вай аз ҳолатҳои оддии физикавӣ истифода бурда, дар байни халқи содда мӯъҷизаҳо нишон дода буд. Аҳолӣ, ки ӯро «авлиё» мепиндошт, барои ба ошӯб сарварӣ кардан водор сохт. Фасли баҳори соли 1898 дар маҳалҳои мухталифи водӣ овозаҳо дар бораи сар задани шӯриш таҳти сарварии Муҳаммад Алӣ паҳн гардид. Аз ин воқеа ва маълумот дар бораи Дукчӣ Эшон маъмурони истилогар ҳам хабардар шуданд.

Ба оғози ҷунбиши ба муқобили ҷабру зулми мустамликадорон нигарондаи аҳолии таҳҷой бо намуди шӯриши ошкоро 17 майи соли 1898 Муҳаммад Алӣ бо одамони худ ба деҳаҳо расондани хабар оиди расидани вақти шӯриш сабаб гардид. Шаби ҳамон рӯз баробари аз тарафи шӯришгарон бурида партофтани симҳои телеграф дар Тоҷиккишлоқ шӯриш оғоз ёфт. Онҳо пристави Асакаи дар роҳ дучоромадаро куштанд. Шӯришгарон таҳти сарпарастии Дукчӣ Эшон ба ду гурӯҳ тақсим гардиданд, ба якеи он Зиёвуддин Махсум сарварӣ кард. Вақте ки шӯришгарон то деҳаи Қутчӣ рафта расиданд, сафашон аз 200 нафар зиёд гардид. Дар деҳаи Қӯйлӣ бошад, мингбошӣ Ғоибназар бо одамони худ ба онҳо ҳамроҳ шуд. Баъди он шӯришгарон ба казармаи ҳарбии Андиҷон ҳуҷум карданд.

Баъди бо ҳам бархӯрдани шӯришгарон ва қувваҳои ҳарбии маъмурияти мустамликавӣ азбаски қувваҳо ва силоҳу аслиҳа баробар набуд, шӯришгарон ақибнишинӣ карданд. Дар ин задухӯрд 22 ҷанговари казарма кушта, 22 нафар захмдор гашт. Аз шӯришгарон 11 нафар ҳалок ва 8 нафар захмӣ гашт. Дар натиҷаи тирпарронии



**Сарвари волост бо миршабҳо. Вилояти Фарғона. Охири асри XIX.**



**Дукчӣ Эшон дар ҳабсхона.**

беисти байни ҳарбиён ва шӯришгарон на танҳо шӯришгарон, балки вакилони аҳолии оддии шаҳр ҳам ҳалок гаштанд.

Баробари паҳн гардидани хабар дар бораи оғози шӯриш ҳукумати подшоҳӣ ба зудӣ чора андешид ва ба пахши он ҳаракат намуд. Шӯриш дар Андиҷон, алалхусус, шаҳри нав, ки асосан русҳо зиндагонӣ мекарданд, воҳимаро ба вуҷуд овард. Аз амалдорони истилогар сар карда то шаҳрвандони оддӣ ба саросема афтода, дар хонаи худ пинҳон шуданд. Ҳатто сарвари ноҳия, полковник Коншевский ҳам ба кӯча набаромада, бо воситаи телефон қувваҳои ҳарбиро даъват намуд. Қувваҳои ҳарбӣ дар бадали се соат ба Андиҷон расида, аҳолии таҳҷоии дар шаҳри нав дучоромадаро тирборон карданд. Оқибат садҳо одамони ба шӯришгарон алоқа надошта аз дасти мустамликадорон нобуд гаштанд.

***Худро озмуда бинед!***

**Муҳаммад Алӣ эшон — ...** **17 майи соли 1898 ...**

**Пахши исён**

Соли 1898 баъди шӯриш подшоҳ Николай II генерал-губернатори Туркистон А. Вревскийро аз вазифа озод карда, вазифаи ӯро муваққатан ба зиммаи губернатори ҳарбии вилояти Сирдарё Н. Королков гузошт. Н.Королков нисбат ба дигар вакилони маъмурият миллатгаро, шахси он қадар хушнакунандаи аҳолии таҳҷоӣ на фақат дар кишвар, балки дар доираи ҳукмронони империя ҳам шинохта мешуд. Ба зиммаи ӯ шахсан сарварӣ кардан ба экспедитсияи ҷазоро, ки барои несту нобуд кардани шӯришгарон таъин гардида буд, гузоштанд. Рӯзи 20 майи соли 1898 Н. Королков барои пешгирӣ накардани шӯриш губернатори ҳарбии вилояти Фарғона ва боз якчанд амалдоронро аз вазифаашон озод намуд.

Ҳукумати истилогар ҳаракат намуд, ки шӯришро тамоман пахш намуда, иштирокдорони онро бешафқатона ҷазо диҳад.

Баъди пахши ошӯб ду ҳазор нафар ҳабс гардиданд. Дар пеши назари халқ ошӯбгарон намоишкорона ҷазо дода шуданд. Дукчӣ Эшон ва ҳамсафони наздики ӯро ба дор овехтанд. Аз рӯи маълумотҳои манбаъҳо бармеоянд, ки 380 нафар ба ҷазои қатл маҳкум гардидаанд. Вале

маъмурияти империя аз боз ҳам ғазаболуд шудани халқ ҳаросиданд. Алалхусус вазири ҳарбӣ А.Н.Куропаткин ба генерал -губернатори нав таъингардидаи Туркистон С.М.Духовской баркқия фиристода, зиёд накардани шумораи қатлшавандагонро талабид. Дар он нишондод оид ба ҷазои ҳабс иваз намудани ҷазои қатл баён гардида буд. Аммо ҷазои қатл, ки ба 22 нафар дода шуда буд, бетағйир монд.

Дар шӯриши соли 1898 аҳолии таҳҷоӣ нишон дод, ки ҷони худро ба хатар гузошта, ба муқобили зулми истилогарон мубориза бурда метавонад. Онҳо ба даст силоҳ гирифта, барои ҳуқуқҳои поймолгашта, орзуву омолашон ҷанг карданд. Шӯриш беасар намонд. Он ба оммаи халқ роҳро барои озодӣ кушод, ҳазорон нафар одамонро ба муборизаи фаъолона ба муқобили ҷабру зулми мустамлика илҳом бахшид.

Шӯриши соли 1898 ҳарчанд торумор гардида бошад ҳам, муборизаи халқҳои таҳҷоиро барои озодӣ ва истиқлол боздошта натавонист. Дар ҳудудҳои мухталифи кишвар ҳаракатҳои норозиёна дар намудҳои гуногун давом карданд. Баъди як сол, яъне 20 июни соли 1899 дар водии Фарғона боз як шӯриш оғоз ёфт. Ба муқобили мустамлика дар тамоми ҳудудҳои кишвар мубориза давом кард. Кишвари Туркистон дар империяи Россия ба ҳудуди аз ҳама нооором, ҳаракатҳои беисти норозиёна ва шӯришҳо табдил ёфт.

**!** ***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| **Н. Королков ...** | **Каторга (Бадарға) ...** |
| **25 июни соли 1898 — ...** | **20 июни соли 1899 ...** |

**Хатоҳои шӯришгарон**

Шӯриши соли 1898 дар Андиҷон оғозёфта чун дигар ошӯбҳои маҳалҳои дигар аз тарафи қувваҳои ҳарбии ҳукумати мустамликавӣ пахш гардид. Азбаски таркиби шӯришгарон аз вакилони аҳолии оддӣ ташкил ёфта буд, онҳо на маҳорати ҳарбӣ доштанду на силоҳи зарурӣ. Бо ин аҳвол ба муқобили мустамликадорони хуб мусаллаҳгардида мубориза бурда, ғалаба ба даст овардани исёнгарон амри маҳол буд. Шӯриш оммаи васеи халқро ҷалб карда натавонист ва дар саросари кишвар паҳн ҳам нагардид.

Шӯришгарон бо ҳаракатҳои муқобили мустамликавӣ сараввал ба ҷабру зулм хотима гузоштанӣ буданд. Аз оғоз то анҷом азбаски шӯриш тартиб ва интизоми қатъӣ надошт, ба мақсади пешгузошта ноил нагардид. Аз рӯзҳои аввал шӯриш пароканда ва бидуни нақшаи пухта гузаштанаш аён гардид. Ҳама дар як вақт шӯриш набардоштанд.

Алалхусус, Чибил бӯлис, ки ба шӯришгарони Кетмонтеппа ва Кӯгарт сарварӣ мекард, ба ҷои ба Дукчӣ Эшон ба зудӣ ҳамроҳ шудан ба муқобили аҳолии руси гирду атроф мубориза бурда, ба хатогии тактикӣ роҳ гузошт. Баъзе табақаҳои аҳолӣ аз тарс, баъзеяшон аз нобоварӣ ба ғалабаи шӯриш ба ӯ ҳамроҳ нашуданд...

Ҳамин тавр, ба дараҷаи зарурӣ тайёрӣ надидани Дукчӣ Эшон, бехабарӣ аз соҳаи ҳарбӣ, кушоду равшан шӯриш бардоштани одамони хуб мусаллаҳнагардида ба мустамликачиён барои пахши шӯриш имконият дод. Ҳукумати мустамликавӣ, ки дар кишвар ҳукмрон буд, шӯришро пахш карда тавонист. Шӯриши Андиҷон на фақат маъмурияти кишвари Туркистон, балки ҳукумати империяи Россияро ҳам ба ташвиши калон гузошт. Баъди шӯриш тадбирҳои таҳти назорати қатъӣ гирифтани аҳолии ҳар як ҳудуди кайфияташ норозиёна андешида шуд. Ҳар як ҷунбиши норозиёна бешафқатона пахш гардид.

### *Худро озмуда бинед!*

**Чибил бӯлис — ...** **Сабабҳои мағлубияти шӯриш...**

### *Шарҳи истилоҳот:*

**Эшон** — унвони раҳнамои дин, ки дар байни диндорон обрӯ пайдо кардааст.

**Дукчӣ** (*форсии дук*) — қисми риштапечонии чарх. Дукчӣ — ҳунарманде, ки дук месозад.

**Казарма** — (*итолиёвии хонача, кулба*) — бинои махсусе, ки қисми ҳарбӣ ҷойгир аст.

**Каторга** — ҷои гузарондани ҷазо барои ҷиноят, ки меҳнаташ хеле сахт буд.

### *Савол ва супоришҳо:*

**1.** Сабабҳои сар задани шӯриши Андиҷонро гӯед.

**2.** Бешафқатона пахш кардани шӯришро дар кадом далелҳо дидан мумкин аст?

**3.** Чаро шӯриши Андиҷон мағлуб гардид?

**4.** Аҳамияти ошӯби мазкур аз чӣ иборат аст?

## § 20. АҲАМИЯТИ ҲАРАКАТҲОИ МИЛЛӢ-ОЗОДИХОҲӢ

**Хусусиятҳои умумии шӯришҳои охири асри XIX**

Дар нимаи дуюми асри XIX ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ нишон доданд, ки кишвари Туркистонро ҳукумати подшоҳӣ бо роҳи истилогарӣ забт намудааст. Ҳудудҳои истилогардида ба таркиби империя ба сифати мустамлика дохил карда шуда, дар ин ҷо манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва геосиёсии империя ба мадди аввал гузошта шудааст. Кишвар ба манбаи ашёи хоми арзон, ба бозори тайёри маҳсулоти дар Россия тайёршуда, аҳолии он ба қувваи кории арзон табдил ёфт.

Дар нимаи дуюми асри XIX ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии дар кишвари Туркистон пешбурда дар намудҳои гуногуни ошӯбҳои аҳолӣ акси худро ёфт. Сабаби ҳамаи он душвориҳои андозу ӯҳдадориҳо, ба маъмурони подшоҳӣ хоинона хизмат кардани вакилони идораҳои маҳаллӣ, ба муҳоҷирони Россия тақсим карда додани замини кишт, афзудани нархҳо, бад будани шароити зиндагонӣ барин ҳолатҳо буданд. Ба ғайр аз ин набудани хизмати тиббӣ ба аҳолӣ, ба манфиати танҳо империя хизмат кардани истеҳсолот ва технологияҳои нав боиси дар гирдиҳамоиҳои норозиёна ба таври оммавӣ иштирок намудани вакилони аҳолии таҳҷоӣ гардид. Ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии дар миёнаҳои асри XIX рухдода дар ҳудудҳои мухталифи кишвар дар вақтҳои гуногун бардавом сурат гирифтанд.

Дар нимаи дуюми асри XIX аксарияти ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии дар ҳудудҳои маълум ба амал омада бошанд ҳам, он дар саросари кишвар акси садо пайдо кард. Ҳар як исён барои дар дигар ҷойҳо сар задани норозигиҳо, ҳамчунин ба рӯҳияти одамон оиди мубориза ба муқобили мустамликачиён ва ба даст овардани озодӣ таъсири худро гузошт.

**Аҳамияти шӯриш**

Исёнҳо пахш гардида бошанд ҳам, аммо иштирокдорони он ба ҳудудҳои мухталифи кишвар гурехта, ҳаракатҳои худро идома доданд. Ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии дар нимаи дуюми асри XIX ба амал омада бо дар онҳо иштирок намудани вакилони тамоми халқҳои кишвар аҳамият дорад. Баробари ин дар шӯришҳо вакилони табақаҳои мухталиф, яъне деҳқонон, ҳунармандон, пешвоёни дин, оқсақолони деҳа, мингбошиҳо, қозиён ва ҳатто заминдорони калон, савдогарон иштирок намуданд.

Аз ин шӯришҳо ҳукумати подшоҳӣ хуб дарк намуд, ки аҳолии таҳҷоии кишвар аз роҳи мустақилӣ ва озодӣ барнамегардад, ҳар гуна ҷабру зулм, назорату ҷазои сахт онҳоро аз нияти некашон гардонда наметавонад.

Ҳукумати мустамликавӣ барои аз даст надодани кишвар зарурияти пеш бурдани сиёсати эҳтиёткоронаву ҷиддиро дарк карда, минбаъд барои сар назадани ошӯбҳо ҳаматарафа кор бурданро пеш гирифт.

Ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии нимаи дуюми асри XIX дар таърихи ватанамон ба сифати истиқлолияти миллӣ ва мубориза барои озодӣ мавқеи муҳим ишғол менамоянд. Ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ бо сарварии нафароне мисли Пӯлодхон, Қурбонҷон додхоҳ, Етимхон, Дарвешхон, Муҳаммад Алӣ эшон амалӣ шуд.

Дар ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии нимаи дуюми асри XIX муборизаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, динӣ ва озодии миллии аҳолии Туркистон якҷоя ба амал омад.

Алқисса, ҳаракати миллӣ-озодихоҳии нимаи дуюми асри XIX қатъи назар аз ҳолати иҷтимоӣ, мансубияти миллии аҳолии кишвар мақсади умумии тамоми онҳо барои истиқлолияти Ватан, озодии кишвару халқ буданашро намоиш медиҳад.

Ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар намуди миллӣ-озодихоҳӣ рух дод, зеро қувваи асосии ин исёнҳо оммаи васеи халқ буда, онҳо ба муқобили тартиботи мустамликачиён мардонавор мубориза бурданд. Онҳо фарзандони ҳақиқии фидоии кишвар буданро дар амал нишон доданд ва бо ҷасорати худ аз саҳифаҳои таърихи Ватан ҷои муносиб ёфтанд.

## *Худро озмуда бинед!*

**Дар шӯришҳо ... иштирок намуданд. Аҳамияти шӯришҳо — ...**
**Ҳудудҳое, ки аз ҳама бештар норозигиҳо ба амал омаданд — ...**

## *Савол ва супоришҳо:*

1. Шӯришҳо дар охири асри XIX дар кадом ҳудудҳои Туркистон васеъ паҳн гардиданд?
2. Дар бораи оқибат ва аҳамияти шӯришҳои охири асри XIX чиҳоро донистед?
3. Сабабҳои асосии сарзании ошӯбҳои охири асри XIX дар Туркистонро номбар кунед.
4. Ҷадвали зеринро пур кунед:

| Раҳбари шӯриш | Санаи шӯриш | Сабабҳои шӯриш | Оқибатҳои шӯриш |
|---|---|---|---|
| | | | |

# БОБИ V

# ҚАРОҚАЛПОҚҲО ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX — ИБТИДОИ АСРИ XX

## § 21. ҶОЙГИРШАВИИ ҲУДУДӢ ВА ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ ҚАРОҚАЛПОҚҲО ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX — ИБТИДОИ АСРИ XX

**Қароқалпоқҳо дар асри XIX**

Қароқалпоқҳо таърихан дар соҳилҳои Урал, баъд соҳилҳои Волга, сипас дар канорҳои Арал ва ҳавзаҳои поёноби Сирдарё ҳаёт ба сар бурдаанд. Барои бодиянишин шудани онҳо бисёр омилҳо сабаб шудаанд. Ниҳоят, аввали асри XIX дар ҳавзаи поёноби Амударё тарафҳои ҷануб ва ҷануби ғарбии Арал ба тарзи ҳаёти муқим гузаштанд. Қароқалпоқҳо гоҳ ба ҳуҷуми қазоқҳо, гоҳ туркманҳо дучор гардида, барои ба шаҳрвандии хонии Хева гузаштан маҷбур гаштанд. Онҳо заминҳои саҳроии калони поёноби Амударё ва шӯрхокеро, ки об намебаромад, бо меҳнати машаққатнок азхуд намуданд. Ба тарзи ҳаёти муқим гузашта, бо деҳқонӣ шуғл варзидан дар ҳаёти қароқалпоқҳо мавқеи асосиро ишғол намуд. Баробари ин чорводорӣ ҳам дар ҳаёти қароқалпоқҳо соҳаи асосӣ гардид.

Дар миёнаҳои асри XIX қароқалпоқҳо ба тасарруфи хонии Хева гузашта, дар заминҳои ҳар ду соҳили дарё ва резишгоҳи баҳри Арал зиндагонӣ кардаанд. Теъдоди онҳо ҳамон вақт тақрибан аз 100 ҳазор нафар зиёд набуд. Заминҳое, ки ба қароқалпоқҳо дода мешуданд, мулки давлатӣ буда, онҳо ба ин заминҳо андоз супурдаанд. Ҳар гуна ӯҳдадориҳоро ба иҷро расондаанд.

**Ҳаёти иҷтимоии қароқалпоқҳо**

Дар қароқалпоқҳо уруғҳо (авлод) ба ҷамоаи овул тақсим гардида, дар он ҳам истифодабарӣ аз замин ба тарзи ҷамоавӣ сурат мегирифт. Авлодҳо барои каналҳои обёришаванда масъул буданд. Азбаски чорво мулки хусусӣ буд, ба он тамғаи уруғ зада, дар чарогоҳҳои ҷамоавӣ мечаронданд. Ҳар як овули қароқалпоқҳо ба як авлод мансуб буд. Барои он ки идоракунии қароқалпоқҳо созгор бошад, Муҳаммад Раҳимхон II «улуси қароқалпоқ»-ро ташаккул дод ва тамоми ҷамоаҳои қароқалпоқ ба таркиби ин улус дохил шуданд. Идоракунии улус дар ихтиёри хон буд. Уруғҳо ва қабилаҳо ба гурӯҳҳои калон муттаҳид гардида, барои идоракунии онҳо амалдорони олии қаср — *оталиқ* ва *бегларбегӣ* (беки бекон) таъин шуданд. Барои идоракунии

баъзе вилоятҳо ҳокимон таъин гардида, одатан хешовандони наздики хон буданд.

Рӯҳониёни қароқалпоқ, эшонҳо, шахсони бонуфуз дар васояти алоҳидаи хонигарии Хева буданд. Дар байни қароқалпоқҳо ду намуди судҳо — суди қозиҳо ва суди бийҳо мавҷуд буд.

*Худро озмуда бинед!*

**Дар аввали асри XIX қароқалпоқҳо ...**
**Қароқалпоқҳо дар ... зиндагонӣ кардаанд.**
**Дар миёнаҳои асри XIX ...** **Ду намуди судҳо – ...**

**Хоҷагӣ ва машғулият**

Қароқалпоқҳо дар нимаи дуюми асри XIX муқим гардида, деҳқонӣ дар ҳаёти онҳо мавқеи асосиро ишғол намуд. Вале чорводорӣ ҳам яке аз соҳаҳои пешбар шуда монд. Ҳангоми пурҷӯшу хурӯш будани корҳои деҳқонӣ оилаҳои қароқалпоқҳо дар ҷои мусоиди киштзор манзили худро барқарор карда, меҳнат намудаанд. Дар чунин айём ба онҳо гурӯҳи роҳзанҳое нобаҳангом ҳуҷум меоварданд, ки бо зӯроварӣ сарват ҷамъ менамуданд. Қароқалпоқҳо аз бисёр молу мулк ва бисоти худ маҳрум мегаштанд. Дар чунин айём оқсақолони қароқалпоқ ба хони Хева бо илтимоси ҳимоя аз ин роҳзанҳо саворагони худро гусел мекарданд.

Дар ҳаёти қароқалпоқҳо моҳидорӣ ва шикор ҳам мавқеи муҳим дошт. Дар соҳилҳои Амударё, дар кӯлҳои наздику дури атрофи баҳри Арал моҳиҳо зиёд буданд, он барои бисёр оилаву авлодҳо манбаи асосии зиндагонӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳатто корвонҳои савдое, ки аз шарқ ба ғарб роҳ пеш мегирифтанд, моҳии намакзадаро ба миқдори зиёд аз ҳамин оилаҳои моҳидор гирифта мебурданд.



**Нақшу нигори қароқалпоқӣ**

Қароқалпоқҳо асосан бо тайёркунии маҳсулоти ба рӯзгор зарурӣ шуғл меварзиданд. Ашёи аз эҳтиёҷ зиёдатӣ ба бозор бароварда мешуд. Қароқалпоқҳо барои атрофи манзилгоҳи худро печонда гирифтан газвор, аз пашми шутур намадҳои гулдор мебофтанд. Дар санъати амалии халқии онҳо сохтани дарҳои кандакоришуда барои манзилгоҳ ва дигар асбобҳои рӯзгор, қолинбофӣ, санъати гулдӯзӣ ба дараҷаи баланд инкишоф ёфта буд. Он аз тараққӣ ёфтани соҳаҳои ҳунармандӣ, ки талабу эҳтиёҷи хоҷагӣ ва зиндагонии қароқалпоқҳоро қонеъ месохт, алалхусуси, дар боби азнавкоркарди чӯбу устухон устоёни гулдаст буданашонро нишон медод.

*Худро озмуда бинед!*

**Машғулияти қароқалпоқҳо — ...**
**Кишоварзӣ дар қароқалпоқҳо — ...**

**Муносибатҳои авлодӣ ва қабилавии қароқалпоқҳо**

Дар асри XIX ҳам дар баъзе овулҳои қароқалпоқҳо муносибатҳои қавмӣ (уруғӣ) мустаҳкам ҷой дошт. Аз таркиби авлодони қабилаҳои чинӣ — қипчоқ, манғиту кенагас иттиҳоди «чордаҳ авлод» — арис (уруғ) ташкил ёфт. Дар байни арисҳо аз ҳама калонаш «чордаҳ авлод» бошад, аз ҷиҳати нерӯи ҳарбӣ дар ҷои дуюм арис — қӯнғиротҳо меистоданд, ки шуллук ва ҷоунгурро муттаҳид сохта буданд. Дар онҳо замину об, маҳсулоти чорво аз они авлод ба ҳисоб рафта, ҳиссаи оқсақолони авлод, рӯҳониён ва бийҳо миқдори калонеро ташкил медод. Ин ҳолат дар нимаи дуюми асри XIX ҷараёни табақашавиро боз ҳам суръати баланд бахшид.

Идора кардани авлодҳои қароқалпоқ дар дасти бий ва оқсақолон буд. Бийҳои авлодро хони Хева таъин карда, дар хусуси ба ин мансаб тасдиқ гардиданаш ёрлиқ медод. Бийҳо ба аъзои авлоди зердасташ барои айби содиркардаашон ҷазо медод, ба одамони лоиқ донистааш тӯҳфаву ҳадя пешкаш менамуд. Ваколати бийҳое, ки ба боварии хони Хева сазовор мегардиданд, доманадор шуда, ба онҳо муруввати алоҳида зоҳир мегардид.



**Юртаи қароқалпоқҳо.**

Дар нимаи дуюми асри XIX ба мақсади идора кардани тамоми авлодони қароқалпоқӣ, ситондани андозҳо, ба тартиб андохтани корҳо оид ба ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ вазифаи *бекларбегӣ* таъин шуд. Барои идораи баъзе ноҳияҳо бошад, хон хешу ақрабо ва шахсони наздики худро ба ҳудудҳои поёноби Амударё ва ҳудудҳои соҳили Арал мефиристод. Бо мақсади мустаҳкам кардани асосҳои дини ислом ба байни халқи қароқалпоқ рӯҳониёни мусулмонро аз Хева фиристоданд. Ба зиммаи онҳо вазифаи ба мадрасаҳои Хева фиристодани ҷавонони соҳибистеъдод гузошта шуда буд.

**Урфу одатҳо ва тарзи зиндагонӣ**

Муносибатҳои авлодӣ хоси қароқалпоқҳо буда, таъсири он ба оила ва муносибатҳои хешутаборӣ ба назар мерасид. Ҳар як авлод барои мустаҳкам кардани қавми худ ҳаракат менамуд.

Ҳар як авлод маросими худро оид ба дафн дошта, қабристонашон ҳам алоҳида буд. Мувофиқи анъана ба қабристон авлиёи машҳур ё ки шахсони ба дарачаи пирӣ расидани ҳамин қавм дафн гаштаанд.

Дар маросимҳои тӯй иштироки тамоми аъзоёни авлод шарт буд. Умуман, қароқалпоқҳо то давраи дурударози гузаштан ба ҳаёти муқимӣ дар чараёни ташаккулёбӣ чун халқ арзишҳои ба худи хоси маънавию моддӣ ба вучуд овард анд. Тарзи ҳаёте ташаккул ёфт, ки асосашро меҳру оқибат, ғояҳои инсонпарварӣ ташкил медод. Дар достонҳои мухталиф, аз қабили «Қирққиз» ва дигар достонҳо, ки ба мулки маънавии халқҳои туркӣ табдил ёфта буд, мардиву нотарсӣ, садоқат ба Ватан, муҳаббати соф, ору номус устувор буд. Ғояҳои мазкур аз ҳаёти халқи қароқалпоқҳо мақоми муҳим пайдо намуд.

***Худро озмуда бинед!***

**«Чордаҳ авлод» — ...**

**Урфу одатҳо — ...**

**Бекларбегӣ — ...**

**Бийҳои авлодӣ — ...**

***Савол ва супоришҳо:***

1. Қароқалпоқҳо дар миёнаҳои асри XIX дар кадом ҳудуд зиндагонӣ кардаанд?
2. Дар нимаи дуюми асри XIX идоракунии авлодон чӣ тавр сурат гирифта буд?
3. Намудҳои машғулиятҳои асосии қароқалпоқҳоро номбар кунед.
4. Маросимҳои тӯю дафни қароқалпоқҳо чӣ тавр будааст?

## § 22. АНДОЗҲО ВА ӮҲДАДОРИҲО. ОШӮБҲОИ ХАЛҚӢ

**Намудҳои андоз ва ӯҳдадориҳо**

Қароқалпоқҳо ҳам чун шаҳрвандони хонии Хева андозҳои мавчудаи ҳамондавраи хониро супурда, ӯҳдадориҳоро ба чо овардаанд. Андози замин аз аҳолӣ–**солғут**, фоидаи рӯҳониён–андози **ушр** рӯёнда шудааст. Ҳангоми набардҳо қароқалпоқҳо ҳам андози **пули дег**-ро додаанд.

Ҳар як оилаи чорводор барои аз чил як ҳиссаи чорвояш ба тариқи андоз закот месупурд. Дар нимаи дуюми асри XIX аз аҳолӣ барои 40 чорвои калони шохдор 9 сӯм, 40 сар гӯсфанду буз 2 сӯму 50 тин закот гирифта шудааст.

Ғайр аз пардохти андозҳо қароқалпоқҳо ба ичро намудани ӯҳдадориҳои мухталиф мачбур буданд. Ӯҳдадории аз ҳама душвор ин буд:

аз ҳар як оила як нафар мард 12 рӯз ба корҳои кофтани ҷӯй сафарбар мегардид. Тамоми душвориҳои ӯҳдадориҳо ба зиммаи аъзои оддии авлод меафтод. Ҳангоми ҷангҳо ба хизмати ҳарбӣ чеғ задани аҳолӣ ҳам яке аз ӯҳдадории асосӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин айём ҳар як ҷамоа аз 1000 то 2000 аскар медод. Ҷамоаҳое, ки аскар намефиристоданд, андози иловагӣ медоданд. Ҳангоми сафарбарӣ аз ин ҷамоаҳо аз 180 ҳазор то 250 ҳазор сӯм пул ҷамъ кардаанд. Дар давоми ин набардҳо аз байни қароқалпоқҳо ҳам ҷанговарони баҳодур ба воя расида, онҳо аз илтифоти хон баҳравар гаштаанд.



**Ӯҳдадориҳои аҳолӣ.**

*Худро озмуда бинед!*

**Пули дег — ...   Ӯҳдадориҳо – ...   Солғут – ...**

## Шӯришҳои халқӣ

Дар охири ҳукмронии хони Хева Муҳаммад Аминхон (1845—1855) таҳдиди Россияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна пурзӯр гардид. Онҳо сарварони туркман ва бийҳои қароқалпоқро ба хони Хева муқобил гузошта, ба пароканда кардани хонигарӣ кӯшиданд. Боз байни хонии Хева ва аморати Бухоро низоъҳои ҳудудӣ ҳам буданд. Хони Хева чораҳои пурзӯр кардани мудофиаро дид. Он бошад, хароҷоти зиёдеро металабид. Ба мақсади пур кардани хазинаи холишуда миқдори андоз ба аҳолӣ афзуд. Россияи подшоҳӣ халқҳои ӯзбек, туркман, қирғиз, қазоқ ва қароқалпоқро ба ҳам муқобил гузошта, ҳатто сиёсати бо пули калон ба даст овардани дили сарварони авлодони туркман, қароқалпоқ, қирғиз, қазоқро пеш бурд.

Оқибат соли 1855 таҳти сарпарастии *Эрназарбий*, ки аз қабилаи *қӯлдовлии* қароқалпоқҳо буд, шӯриш сар зада, қароқалпоқҳо эълон намуданд, ки минбаъд онҳо ба хонии Хева итоат намекунанд. Эрназарбий Зарлиқро, ки сардори яке аз авлодони қазоқ ва таҳти таъсири империяи Россия буд, хон эълон кардани ва ба зери таъсири Россия гузаштанӣ буд. Империяи Россия ҳамин қабил шӯришу исёнҳоро на танҳо бо пулу маблағ таъмин кардааст, балки ба расондани кӯмаки ҳарбӣ ҳам кӯшидааст.



**Аҳолии бодиянишини хонии Хева. Асри XIX.**

Соли 1856 Сайид Муҳаммадхон ба тахти Хева нишаст. Ӯ барои пахши шӯриши Эрназарбий қӯшуни бисёре фиристод. Ясовулбошӣ *Муҳаммадниёз*, ки аз Хева фиристода шуд, барои торумори шӯриши Эрназарбий шурӯъ намуд. Инро Эрназарбий шунида, дар ҳисори Қазоқдарёи худаш сохта ҷойгир гашта, ба набарди мудофиавӣ тайёрӣ дид.

Шӯришгарон қӯшуни калони ба муҳосира гирифтаи онҳоро дида байнашон норозигӣ ба амал омада, Эрназарбийро парронданд. Гурӯҳҳое, ки Эрназарбийро дастгирӣ мекарданд, бо роҳҳои хуфиёна аз қалъа баромада, аз ҳисори Оқмасҷид паноҳ ёфтанд, ки русҳо соли 1853 истило карда буданд. Онҳо ба ҳукумати подшоҳӣ мурочиат карданд, ки қароқалпоқҳоро ба шаҳрвандии империяи Россия қабул кунад. Мурочиати баъзе оқсақолу бийҳоро, ки барои аз номи халқи қароқалпоқ ҳарф задан ҳуқуқ надоштанд, вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва ҳарбии Россия дастак карда, бо баҳонаи «тамоми қабилаҳои туркӣ ба Россия ҳамроҳ карда шудани худро пурсида мурочиат мекунанд, онҳо дар таркиби хонии Хева ва Қӯқанд буданро намехоҳанд» саъю қӯшиши худро хаспӯш карданд.

Солҳои 1858—1859 баъзе авлодони қароқалпоқ боз шӯриш бардоштанд. Шаҳри Қӯнғирот ба маркази шӯриш табдил ёфт. Хони Хева ба мақсади ҷазодиҳии бешафқатона ва торумори шӯришгарон қувваҳои ҷанговари туркманро бо сардории *Отамуродхон* сафарбар намуд. Оқибат шӯриш бешафқатона пахш гардида, маркази исён – шаҳри Қӯнғирот вайрон шуд.



**Бонуи қароқалпоқ.**

Бисёр қароқалпоқҳо ба таркиби империяи Россия ҳамроҳ нашуда, бо халқи хамхуну ҳамдили туркӣ – ӯзбекон якҷоя зиндагонӣ карданро хуб мефаҳмиданд.

Азбаски решаҳои ин халқҳо як буд, хоҳиши дар сарзамини ягонаи туркӣ ҳаёт ба сар бурдан устуворӣ дошт.

Баъди он ки хонии Хева ба вассали хукумати подшоҳӣ табдил ёфт, нисбати қароқалпоқҳои шӯъбаи Амударё ҷабру зулм пурзӯр гардид. Дар волостҳои Бийбозор ва Нукус ба муқобили

мустамликадорон тахти сарпарастии Бобо Гӯклан шӯриши халқӣ ранги ҷиддӣ гирифта, қариб даҳ сол (1881—1891) давом кард.

Азбаски вазъияти деҳқонон душвор гардид, соли 1900 дар волости Нукус ва бекигарии Қӯнғирот норозигиҳо ба амал омаданд. Онҳо аз ҷониби ҳукумати истилогар бешафқатона пахш гардиданд.

***Худро озмуда бинед!***

**Муҳаммад Аминхон ...** **Отамуродхон — ...** **Эрназарбий...**
**Маркази шӯриш — ...** **Зарлик — ...** **Бобо Гӯклан...**

***Савол ва супоришҳо:***

1. Қароқалпоқҳо кадом намудҳои андоз месупурданд?
2. Дар низоми андози хонигариҳои ӯзбек ва қароқалпоқҳо чӣ гуна монандӣ ҳаст?
3. Аҳамияти шӯриш тахти сарпарастии Эрназарбий дар чист?
4. Моҳияти шӯришҳо дар нимаи дуюми асри XIX аз чӣ иборат аст?

## § 23. ҚАРОҚАЛПОҚҲО ДАР ТАРКИБИ ГЕНЕРАЛ-ГУБЕРНАТОРИИ ТУРКИСТОН

**Тағйиротҳо дар ҳаёти қароқалпоқҳо баъди шартномаи Гандумиён**

Баъди аз тарафи хонҳои Хева маҳдуд сохтани ҳаёти бодиянишини қароқалпоқҳо дар фурсати кӯтоҳ онҳо дар хонигарӣ чанд ноҳияи нави кишоварзиро ташкил намуданд. Солҳои 70-уми асри XIX онҳо амалан ба ҳаёти муқимӣ гузаштанд. Қароқалпоқҳо заминҳои бекорхобидаи ҳар ду соҳили Амударёро азхуд намуда, шолӣ, гандум, ҷав ва пахта рӯёнданд. Соли 1868 яке аз рӯзномаҳои Россия чунин навишта буд: «Ҳунари асосӣ ва ягонаи ин халқ деҳқонист, ба шарофати меҳнатдӯстӣ заминҳои қароқалпоқ хуб обёрӣ мегардад ва дар ягон ҷо, ҳатто дар маҳале, ки бо кӯмаки чиғир об бароварда мешавад, камчинии об ба назар намерасад».

Баъди юриши истилогаронаи соли 1873-юми қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ ба хонии Хева ва имзои шартномаи Гандумиён заминҳои қароқалпоқии соҳили рости Амударё ба Россия ҳамроҳ карда шуданд. Дар ин ҷо шӯъбаи Амударё ташкил ёфт, ки ба таркиби вилояти Сирдарёи генерал-губернатории Туркистон медаромад. Қисми ками аҳолӣ, ки дар соҳили чапи Амударё мезист, дар таркиби хонии Хева монд.

Теъдоди қароқалпоқҳои шӯъбаи Амударё ба 70 ҳазор нафар расида,



**Шикори моҳӣ дар Арал.**

48,6 фоизи тамоми аҳолии ин минтақаро ташкил медод. Муҳоҷирони россиягӣ ҳазор нафар буда, дар шаҳракҳои Петро-Александровск (ҳозира Тӯрткӯл), Уралск ва деҳаи Нукус истиқомат мекарданд.

Аксарияти онҳо соли 1875 ба низоми нави дар бораи хизмати ҳарбӣ аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ қабулшуда сар нафуроварда, ба ин ҷо бадарғашуда казакҳои Урал буданд. Онҳо асосан бо шикори моҳӣ шуғл меварзиданд.

Дар ҳудуди хонии Хева теъдоди қароқалпоқҳо 3,8 фоиз, яъне қариб 25 ҳазор нафарро ташкил медод. Аз тарафи империяи Россия ҳамроҳ карда гирифтани ҳудудҳое, ки қароқалпоқҳо мезистанд, боиси пурзӯр гардидани зулму истибдод аз болои онҳо гардид.

70 фоизи зиёди қароқалпоқҳое, ки дар ҳар ду ҳудуд истиқомат мекарданд, деҳқонони безамин буда, онҳо зархарид ба ҳисоб мерафтанд.

Ҳамроҳ карда гирифтани ҳудудҳои қароқалпоқнишин аз тарафи империяи Россия ва ворид гардидани сармояи Россия муносибатҳои пуливу тиҷоратӣ ва судхӯриро шиддат бахшид. Дар соҳаҳои пахтатозакунӣ ва моҳидорӣ аввалин корхонаҳои саноатӣ пайдо шуданд. Дар онҳо вакилони аҳолии таҳҷоӣ ҳам кор мекарданд.

Солҳои 70-уми асри XIX дар маркази маъмурии қароқалпоқҳо — Чимбой муносибатҳои савдову тиҷорат ривоҷу равнақ ёфт. Аз ин рӯ, бозори шаҳр ба вуҷуд омад, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ аҳолии ноҳияҳоро муттаҳид месохт. Ҳунарманд ва деҳқонҳо рӯзи бозори қароқалпоқҳо маҳсулоти худро барои фурӯш ба Чимбой меоварданд.

***Худро озмуда бинед!***

**Шӯъбаи Амударё — ...** **Соли 1873 — ...** **Казакҳои Урал – ...**

**Тағйиротҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ**

Чимбой марказҳои асосии иқтисодии байни империяи Россия ва хонии Хеваро бо ҳам мепайваст. Дар ин ҷо бисёр дӯконҳо буда, дар назди бозор корвонсарой мавҷуд буд. Аввалин беморхона ва мактабҳо пайдо гардиданд. Аммо онҳо ба қадри кофӣ набуданд. Аз он ҷумла, соли 1914 дар маҳалҳои қароқалпоқнишин ҳамагӣ 200 нафар донишомӯз дар чор мактаби таҳсили умумӣ таҳсил мегирифтанд, ду беморхона ва пункти фелдшерии дорои се шифокор кор мекард.

Дар байни деҳқонон ва чорводорон заминдорону мулкдорони калон пайдо шуданд. Баъзе бийҳо ва юзбошиҳо, муллову эшонҳо то 15 ҳазор таноб (1 таноб 2500 метри мураббаъ) замин дошта бошанд, аз они деҳқонони оддӣ 1–2 танобро ташкил медод.

Табақабандии аҳолӣ дар қароқалпоқҳо мувофиқи миқдори чорвояшон ҳам муайян гардидааст. Мувофиқи маълумотҳо солҳои 1871—1872 аксарият аъзои авлод соҳиби чорвои худ набуданд, баъзе сарватмандон то ҳазор сар чорвои калони шохдор ва 1,5 ҳазор гӯсфанду барра доштанд.

Деҳқонони қашшоқу ба касодӣ дучоршуда ба заминдорони калон ва бойҳо мутеъ шуда монданд. Аъзои сарватманди ҷамоа ба сифати кӯмак ба ақрабои худ заминро бо шарти «жармши» — нисфи ҳосил ба ихтиёрашон медод. Деҳқонони безамину бечорво корҳои ниҳоят вазнинро ба ҷо меоварданд. Чорводорон ва заминдорони сарватманд барои аз чорвову заминашон истифода бурдан онҳоро ба кор кардан маҷбур менамуданд.

***Худро озмуда бинед!***

**Машғулиятҳояшон — ...** **«Жармши» — ...** **Чимбой — ...**

***Савол ва супоришҳо:***

1. Дар ҳаёту зиндагонии қароқалпоқҳо баъди истилои русҳо чӣ гуна тағйирот ба амал омад?
2. Муносибатҳои авлодӣ, қабилавии қароқалпоқҳо, низоми идора чӣ гуна буд?
3. Дар бораи муносибатҳои моливу пулии қароқалпоқҳо чиро дониста гирифтед?
4. Дар даври кадом хони Хева «Улуси қароқалпоқ» ташаккул ёфт?

# § 24. ФАРҲАНГИ ҚАРОҚАЛПОҚҲО ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX — ИБТИДОИ АСРИ XX

**Эҷодиёти шифоҳии халқ**

Халқи меҳнатдӯсти қароқалпоқ, ки аз пайи ҳаёти ором аз як манзил ба манзили дигар дар давоми асрҳо кӯчида мегашт, имконияти пурра нигоҳ доштани ёдгориҳои фарҳангии моддиро надошт.

Истеъдоди халқ дар эҷодиёти ғании назми шифоҳӣ ифода ёфтааст, ки дорои жанрҳои зиёд буд. Дар байни онҳо мақолҳо, ҳикматҳо, лапарҳо, сурудҳои насиҳатӣ — «аталар сӯзи» ба таври алоҳида ҷудо шуда меистоданд. Дар эҷодиёти шифоҳии халқи қароқалпоқ ба воситаи қаҳрамони ханда – симои Ӯмирбек лаққӣ разилӣ, бадӣ, душманӣ, золимӣ барин иллатҳои манфиро бо роҳи ҳаҷв фош намуда, меҳнатдӯстӣ, некӣ, қаҳрамониро мадҳ намудаанд. Эҷодиёти шифоҳии халқи қароқалпоқ бо мазмуни бикр ва мардумӣ доштан фарқ мекунад. Дараҷаи баланди маданияти маънавии халқ дар ӯланҳои мусиқӣ, достонҳои халқӣ, ки аз як авлод ба авлоди дигар рафта мерасанд, нигоҳ дошта шудаанд.

Дар байни халқ усулҳои достони фолклори қароқалпоқ машҳур буд. Достон асари шеърӣ дар бораи қаҳрамон буда, дар он ҷасорати бузурги баҳодурони мард дар роҳи бахту саодат ва фаровонии халқ мадҳ гардидааст. Дар байни онҳо достони «Қирққиз» («Чилдухтарон») ҷудо шуда меистад. Дар достон гуфта мешавад, ки духтари ҳукмдор Оллоёр — Гулоим аз падар замини ҳосилхези Муйелиро тӯҳфа мегирад. Дар ин ҷо Гулоим ва чил канизаки ӯ ҳисори мустаҳкаме барпо мекунанд. Душманон ба Саркӯб хуҷум оварда, падари Гулоимро ба қатл мерасонанд. Заминҳои Саркӯб тороҷ гардида, бисёрии саркӯбиҳоро асир гирифта мебаранд. Гулоим ва канизакҳои ӯ ба муқобили душман бархоста, қароқалпоқҳоро аз дасти душман озод мекунанд ва ба сарзаминашон озодиро бармегардонанд. Дар ин кор ба Гулоим ошиқи хоразмии ӯ баҳодур Арслон кӯмак мерасонад. Ғояи асосии достон эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва муҳаббати самимӣ ба Ватан ва халқи худ аст. Достони «Қирққиз» имрӯзҳо яке аз ганҷинаҳои эҷодиёти шифоҳии халқ ба ҳисоб меравад.



**Бахшии қароқалпоқ. Асри XIX**

***Худро озмуда бинед!***

**Ӯмирбек лаққӣ — ...**
**«Чилдухтарон» — ...**

**Гулоим — ...**
**Достонҳо — ...**

**Илму фан**

Охири асри XIX — ибтидои асри XX қароқалпоқҳо соҳиби чанд мадраса буда, аз ҳама калонашон мадрасаҳои Қорақум эшон ва Тош буданд. Мадрасаи Қорақум эшон дар миёнаи асри XIX сохта шудааст. Сараввал вазифаи масҷидро ба иҷро расондааст. Мадрасаи Тош соли 1841 аз тарафи ҳокими Манғит Хӯҷаниёз қад афрохтааст. Дар мадраса таълим дар ду марҳила буда, дар марҳилаи аввал грамматикаи забони арабӣ омӯзонда шавад, дар марҳилаи минбаъда донишҳои динӣ-ҳуқуқиро таълим медоданд.

Дар охирҳои асри XIX осори хаттии қароқалпоқҳо ба такомул шурӯъ кард. Номи шоирони қароқалпоқҳо аз қабили Кӯнхоҷа (1799—1880), Оташ Олшинбой (1788—1875), Аҷиниёз (1824—1878) машҳур гардид. Онҳо шахсони донишманд буда, тақдири худро бо тақдири халқашон пайвастаанд. Масалан, Кӯнхоҷа эҷодиёти худро ба инъикоси ҳаёти аҳли оддии овул, меҳнату зиндагонии онҳо бахшидааст. Вай тартиботи беадолатонаро сахт мазаммат намудааст.

Аҷиниёз Қасибой ӯғли (тахаллусаш Зевар) дар мактаби кӯҳнаи Мӯйноқ, баъд дар мадрасаи Шерғозихони Хева таҳсил намудааст. Дар байни зиёиёни қароқалпоқ аввалин шуда ба дараҷаи охунд (шахси донишманду босавод, сарояндаи пурмаҳорати достонҳои мардумӣ) расидааст. Забонҳои ӯзбекӣ, қазоқӣ, туркманиро хуб медонист. Дар достони «Бӯзатов»-и шоир ҳаёти халқи қароқалпоқ, алалхусус, воқеаҳое, ки боиси аз як маҳал ба маҳали дигар кӯч бастани онҳо мегардид, бо маҳорати баланд тасвир гардидааст. Аз мероси адабии Аҷиниёз то ба мо қариб 100 шеъру достон расида омадааст. Шеърҳои ӯ саршор аз ғояҳои ватанпарвариву инсонпарварианд. Достони ӯ «Қиз Менгеш билан айтишув» дар байни халқ машҳур буд. Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти ӯ нависандаи қароқалпоқ К. Султонов романи «Аҷиниёз»-ро навиштааст.



**Бердақ.**

Бердақ (1827—1900) шоири бузурги қароқалпоқ мебошад. Вай ба қабилаи қӯнғирот мансуб буда, дар соҳили Арал таваллуд ёфтааст. Дар мактаби овул, сипас дар мадрасаи Қорақум эшон таҳсил намудааст. Аз 20-солагӣ шеър навиштааст ва дар давоми ним аср дар мавзӯъҳои мухталиф ӯланҳоро бофтааст. Бердақ эҷодиёташро ба халқи худ бахшида, асарҳои абадзинда таълиф намуд. Яке аз шеърҳояш «Барои халқ» ном гирифтааст. Дар шеърҳои вай эҳсосоти сиёҳкунандаи зулм, зиндадилӣ устуворӣ дошт. Аз он ҷумла, достони «Аҳмақ подшоҳ» дорои қувваи бузурги таъсиргузорӣ буд. Дар мавзӯъҳои таърихӣ асарҳои шоир «Авлодон», «Омонгелди», «Ойдӯстбий», «Эрназарбий» иншо гардида, қаҳрамонҳои халқи худро бо фахр тараннум сохтааст.

Дар ибтидои асри XX анъанаҳои демократиро дар адабиёти қароқалпоқ вакилони авлоди нав Умар, Қулимбет, Сарибой, Қулмурот, Содиқ давом доданд.

## *Худро озмуда бинед!*

**Қӯнхоча – ...**
**Бердақ – ...**
**Зевар – ...**
**Мадрасаҳо – ...**

## *Ҷамъбаст мекунем!*

- Дар нимаи якуми асри XIX, дар зери ҳукмронии хони Хева ба ҳаёти муқим гузаштан;
- Машғулиятхои асосӣ: кишоварзӣ, моҳидорӣ, ҳунармандӣ;
- Соли 1873 — ташкили шӯъбаи Амударёи генерал-губернатории Туркистон, пеш рафтани муносибатҳои моливу пулӣ;
- Андозҳо ва ӯҳдадориҳо: закот, солғут, ушр; ҷӯйканӣ; навкарӣ;
- Бердақ, Қӯнхоча, Оташ Олшинбой, Аҷиниёз.

## *Савол ва супоришҳо:*

**1.** Кадом шаклҳои эҷодиёти шифоҳии халқии қароқалпоқҳо ривоҷ ёфта буд?
**2.** Мазмуни достони аз ҳама машҳури қароқалпоқҳо «Қирққиз»-ро гуфта диҳед.
**3.** Дар бораи эҷодиёти Аҷиниёз чиро медонед?
**4.** Достонҳои таърихии Бердақро номбар кунед.
**5.** Ҷадвали поёниро пур кунед:

| Ҳудуди истиқоматӣ | Андоз ва ӯҳдадориҳо | Шӯришҳо | Фарҳанг |
|---|---|---|---|
| | | | |

## БОБИ VI

## ҲАРАКАТИ ҶАДИДҲО ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ВА ФАРҲАНГИИ ТУРКИСТОН

**Дар натиҷаи омӯзиши боб инҳоро дониста мегиред:**

- сабабҳои пайдоиши ҳаракати ҷадидҳо;
- мақсад ва вазифаҳои ҷадидҳо;
- нақши намояндагони ҳаракати ҷадидҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Туркистон;
- натиҷаҳо ва аҳамияти ҳаракати маорифпарварон дар Туркистон.

### § 25. БА ВУҶУД ОМАДАНИ ҲАРАКАТИ ҶАДИДҲО

**Шароити пайдошавии ҳаракати ҷадидия дар Осиёи Миёна**

Забт гардидани хонигариҳои Осиёи Миёна аз тарафи империяи Россия, ба таназзул рӯ овардани ҳудуди мазкур, ақиб мондани он аз давлатҳои тараққиёфтаи ҷаҳон дар бисёр соҳаҳо ба ақибмонӣ, поймол гардидани арзишҳои миллӣ оварда расонд. Дар соҳаи маориф ҳам бо назардошти манфиатҳои империя сиёсате пеш бурда шуд, ки боиси дар гирдоби бесаводӣ мондани аҳолии таҳҷоӣ, дар ақибмондагӣ нигоҳ доштани онҳо гардид.

Дар Туркистон аксари аҳолӣ баробари ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ ба муқобили мустамликадорӣ нигоҳ доштану ғанӣ сохтани худшиносӣ, маданият ва маънавияти миллии худро ягон рӯз ҳам фаромӯш накард. Аз ҷиҳати ҳарбӣ дар Осиёи Миёна бартарият доштани империяи Россия барои мубориза ошкоро бурдани аҳолии таҳҷоӣ имконият намедод. Аз ин рӯ, одамоне, ки эҳсоси Ватан, миллат, халқро хуб дарк карда буданд, алалхусус, зиёиён, роҳи ба озодӣ мебурдаи халқро дар эҳёи маърифат донистанд. Онҳо чунин меҳисобиданд: халқро маърифатнок накарда, истиқлол ба даст намеояд. Зиёиён барои дар байни аҳолӣ паҳн кардани ғояҳои пешқадам низоми маорифро воситаи асосӣ меҳисобиданд. Ҳаракати зиёиёни миллии кишвар дар боби нав кардани ҷамъият ва ислоҳ кардани он бо номи ҷадидия ба майдон баромад.

*Дар хотир диред!*

**Аз нимаи дуюми асри XIX сар карда дар Туркистон ҳаракати маорифпарварӣ ба вуҷуд омад.**

## Ба вуҷуд омадани ҳаракати ҷадидия

Тағйироти ҳар як ҷамъият аз шароити таърихии давр намоён мегардад. Дар ин тағйиротҳо мақоми шахсони таърихӣ, алалхусус, зиёиён акс ёфта, ҳар яки онҳо ғояҳои хоси пешқадамро пеш мебаранд. Зиёиён барои дарёфти роҳҳои ҳаллу фасли муаммоҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷамъият ҳаракат мекунанд. Ҳамин ҷараён дар нимаи дуюми асри XIX дар Қрим, паси Қафқоз, Туркистон барин ҳудудҳое, ки ба таркиби империяи Россия дохил буданд, аморати Бухоро ва хонии Хева, ки ба протектората империяи Россия табдил ёфта буданд, рӯй дод. Дар нимаи дуюми асри XIX зиёиёни зери юғи мустамлика ҷунбишеро оғоз намуданд, ки ба маърифатнок кардани халқи худ ва баланд бардоштани дараҷаи инкишофи онҳо нигаронда шуда буд.

Маорифпарвари тотор-қрим Исмоил Ғаспиралӣ (1851–1914) асосгузори ҳаракати ҷадидизм мебошад, ки дар байни тамоми халқҳои туркизабон паҳн гардидааст. Вай донишҳои динӣ ва дунёвиро амиқ омӯхта, бо тараққиёти ҷаҳон ошно гардида, ҷанд забони хориҷӣ, фарҳанги халқҳои мухталифро аз бар намуд. Ӯ дар асоси дониши хеш дунёи Шарқу Ғарбро муқоиса карда, роҳҳои ба даст овардани тараққиёти халқҳои мусулмони туркиро ҷуст.

Исмоил Ғаспиралӣ соли 1884 дар шаҳри Боғчасарои Қрим ба аввалин мактаби ҷадидӣ асос гузошт. Вай дар асоси барномаи таълимии худаш таҳия намуда китоби дарсӣ навишт. Мувофиқи дастури мазкур дар бадали 40 рӯз 12 донишомӯз савод баровард. Усули мазкур «Усули савтия» — усули овози ҳарф, яъне бо номи «усули ҷадид» васеъ паҳн гардид.



Ҳавлии мактаби ҷадидӣ.

Соли 1888 китоби «Роҳбари муаллимин ё ки ҳамроҳи муаллимон» чоп гардид. Дар он низоми таълим, гузарондану ташкили дарс дар мактабҳои усулҳои нав, ҷиҳозонидани синфхонаҳо, ҷадвали дарс, таътилу имтиҳонот баён гардида буд.

Калимаи «ҷадид» аз забони арабӣ гирифта шуда, маъноаш «нав» аст. Ҷадидон чунин меҳисобиданд: Империяи Россия сараввал

низоми маорифи халқҳои дар зери мустамликааш будаоро бояд нав карда, соҳаи таълимашро ислоҳ намуда, ба ҷавонон баробари илмҳои динӣ фанҳои дунёвӣ ҳам омӯзонда шавад. Онҳо ғояи зарурати дар мактабу мадрасаҳои мусулмонӣ ба ҷавонон омӯзондани таълими динӣ, забонҳои арабӣ, форсӣ ва русӣ, тиббиёт, кимиёро пеш мебурданд.

**Паҳншавии ҳаракати ҷадидӣ дар Осиёи Миёна**

Қувваҳои тараққипарваре, ки истиқболи миллатро дар кишвари Туркистон фикр мекарданд, қариб дар байни ҳамаи табақаҳои аҳолӣ — ҳунарманд, деҳқон, савдогар, мулкдор, уламо буданд. Дар боби васеъ паҳн гардидани ғояи ҷадидӣ рӯзномаи «Тарҷимон» нақши калон дошт. Соли 1893 ба Тошканд, Самарқанд ва Бухоро ташриф овардани Исмоил Ғаспиралӣ ба васеъ паҳн гардидани ғояҳои маорифпарварӣ такон бахшид. Соли 1893 дар Бухоро аввалин мактаби усули нав ба фаъолият оғоз кард. Баъдтар ин қабил мактабҳо дар дигар ҳудудҳо ҳам сершумор гардиданд.

Ҷадидони Осиёи Миёна дар роҳи маорифпарварӣ баробари омӯзиши таҷрибаи зиёиёни қримӣ аз ғояҳои пешқадами тараққихоҳони дигар мамлакатҳо ҳам истифода бурданд. Синну соли иштирокдорони ҳаракати тараққихоҳони Осиёи Миёна аз вакилони ҳаракатҳои пешқадами мамлакатҳои дигар фарқ мекард. Соли 1910 аз ҳама хурдии онҳо Абдулҳамид Чӯлпон 13 сол, аз ҳама калонсолашон Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ 36 сол доштанд.



**Исмоил Ғаспиралӣ.**

Инкишофи ҳаракати тараққихоҳон дар ду марҳила сурат гирифтааст. Марҳилаи аввал ҳаракати ҷадидия, ки аз маорифпарварӣ оғоз ёфтааст, соли 1917 ба марҳилаи дуюми худ – ба ҳаракати намудаш сиёсӣ табдил ёфтааст.

Ҳаракати тараққипарварии миллии Осиёи Миёна мувофиқи хусусиятҳои ҳудудиаш ба ҷадидони Туркистон, Бухоро ва Хева тақсим мегардад. Таркиби асосии ҷадидони Туркистонро зиёиён ташкил карда, онҳо пешсафи мубориза ба муқобили сиёсати мустамликадории империяи Россия буданд. Онҳо ояндаи Туркистонро, ки ҳукумати подшоҳӣ онро ба сифати манбаи ашёи хом табдил дода буд, дар мустақилӣ, ба сифати давлати мутараққӣ диданро орзу менамуданд. Дар аввалҳои асри XX қувваҳои тараққипарвари ташаккулёфта ба талаби замон ҷавобгӯ набуданаш, низоми идораи давлат дараҷаи зиндагонии халқ паст буданаш ва зарурати тағйир додани онро амиқан дарк карданд.

Ҳаракати зиёиёни миллии Бухоро нисбати кишвари Туркистон дар шароити ниҳоят душвор ба вуҷуд омад. Таркиби он асосан аз зиёиён, дӯкондорони хурд, омӯзгорон, ҳунармандон, савдогарон иборат буд.

Ҷадидон бо як қатор талабҳо дар соҳаи иқтисод ва идора, аз он ҷумла, талаби кам кардани андозҳо ҳам ба майдон баромаданд. Ҳамчунин, ҷадидони Бухоро ба муқовимати баъзе муллоҳои мутаассиб, ба маҷрои куҳнагароён, ки навгонӣ ва ислоҳотро чашми дидан надоштанд, дучор омаданд. Аз соли 1910 эътиборан ҳаракати ҷадидия дар Бухоро ранги ташкилӣ пайдо намуда, ба сифати ташкилоти сиёсӣ ташаккул ёфт. Дар аввалҳои асри XX қувваҳои тараққиҳоҳони Бухоро ба вазъият танқидӣ муносибат карда, ба талаби замон ҷавобгӯ набудани, низоми дохилаи идораи давлат, ниҳоят паст будани дараҷаи зиндагонии халқи меҳнаткаш ва зарур будани тағйир додани низоми сиёсиву маъмуриро амиқан дарк намуданд.

Дар хонии Хева дар аввали асри XX ҷунбиши тараққипарварии ташаккулёфта дар шароити дигари таърихӣ ба вуҷуд омад. Ҳаракати ҷадидӣ дар хонии Хева аз ду маҷро иборат буда, ҷараёни рости он таҳти сарпарастии сарвазир Исломхоҷа хӯҷаинони корхонаҳои калони савдову тиҷорат ва вакилони сарватмандони бузургро муттаҳид сохт. Ҷараёни мазкур дар назди худ баробари дар мамлакат нигоҳ дошта мондани ҳокимияти хонӣ гузарондани ислоҳотро мақсад карда гузошт. Ҷараёни чап таҳти сарпарастии қозикалон Бобоохун Салимов вакилони сармоядорон, ҳунармандон ва намояндагони дигар табақаҳоро муттаҳид сохта буд. Онҳо ба воситаи ташкил кардани мактабҳои усули нав фаъолияти сиёсии оммаи халқро пурзӯр карданӣ буданд.

Паҳншавии ҳаракати маорифпарварӣ дар Туркистон ба муқобилияти ҳукумати мустамликавии ҳамон давр ва амалдорони ӯ, ҳамчунин, руҳониёни мутаассиб ва ҷоҳил дучор омад. Ба ин нигоҳ накарда ҷадидон дар соҳаи матбуот, ноширӣ ва театр фаъолияташонро давом доданд. Соли 1898 Салоҳиддин домулло дар шаҳри Қӯқанд мактаби дуюми ҷадидро кушод. Соли 1899 дар Андиҷон домулло Шамсиддин ва Тошканд Маннон қорӣ мактабҳои ҷадид кушода, барои бо усули нави таълим фаро гирифтани бисёр донишомӯзон муваффақ шуданд.

*Худро озмуда бинед!*

**Исмоил Ғаспиралӣ —** **Соли 1884 — ...** **Соли 1893 — ...**

*Дар хотир доред!*

**Соли 1893 дар Бухоро аввалин, соли 1898 дар шаҳри Қӯқанд мактаби дуюми ҷадидӣ дари худро боз намуд. Соли 1899 дар Андиҷон домулло Шамсиддин ва дар Тошканд Маннон қорӣ мактабҳои ҷадидро кушоданд.**

*Шарҳи истилоҳот:*

**Маориф** (*арабӣ*) — таълиму тарбия, ки ба баланд бардоштани дониш ва тафаккури инсон нигаронда шудааст.

**Ҷадид** (*арабӣ*) — маънои «нав»-ро дорад.

*Савол ва супоришҳо:*

1. Ҳаракати ҷадидӣ дар Туркистон кай ба вуҷуд омад?
2. Барои ташаккули ҳаракати ҷадидӣ чӣ гуна омилҳо асос шуданд?
3. Дар бораи Исмоил Ғаспиралӣ ва фаъолияти ӯ чиҳо медонед?
4. Мактабҳои ҷадидро киҳо ташкил кардаанд?

## § 26. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМАВИИ ҶАДИДҲО

**Ғояҳои асосии ҷадидҳо**

Тараққипарварони Осиёи Миёна дар бобати амалӣ гардондани ғояҳои худ барои бунёди ҷамъияти муттарақӣ ба мубориза ба муқобили мутаассибӣ, лоқайдӣ, ақибмонӣ аҳамияти калон додаанд. Онҳо дар боби амалӣ гардондани вазифаҳои мазкур чунин равишҳоро аз ҳама устувор пиндоштаанд: васеъ гардондани соҳаҳои усули мактабҳои нав дар кишвар, ба хориҷ ба таҳсил фиристодани ҷавонони қобилиятнок, ташкили ҷамъиятҳои мухталифи маърифатӣ, чопи рӯзномаву маҷаллаҳо, ташкили труппаҳои театрӣ, бо роҳи баланд бардоштани шуури иҷтимоиву сиёсӣ дар Туркистон сохтани давлати демократии миллӣ.

Самти аз ҳама муҳими фаъолияти зиёиёни пешқадам васеъ гардондани соҳаҳои мактабҳои тарзи усули нав буд. Мактабҳои мазкур на танҳо ба осону тез саводнок гардидани мактабхонони ин мактабҳо, балки барои ташаккулёбии ҷаҳонбинии нав хизмат мекарданд, ки аз фанатизм ва консерватизм орӣ буд.

Онҳо барои аз бар намудани комёбиҳои мадании ҳам Шарқ ва ҳам Ғарб ҳаракат намуданд, хонданд ва дигаронро ҳам ба он даъват карданд. Маорифпарварон ба хориҷ баромада, дараҷаи тараққиёти маданият ва таълимро дар мамлакатҳои мухталиф дида тавонистанд, онҳоро ба ҳам қиёс карданд, дар ин ҷавонони зеҳннок хоҳиши ба Туркистон овардани комёбиҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ба пайдо шуд. Оқибат дар маркази диққату эътибори ҷадидон дар навбати аввал вазифаи ислоҳсозии соҳаи таълим пайдо гардид.

Дар ҷараёни таълими мактабҳои усули нав андозаи Аврупо чун мизон қабул гардид. Дар қатори азбаркунии арифметика, таърих, ҷуғрофия, табиатшиносӣ ба омӯзиши асосҳои ислом ҳам эътибор калон гардид.

| **Мақсаду ғояҳои асосии ҷадидия** |
| --- |
| Озод кардани Туркистон аз ақибмондагии феодалии асримиёнагӣ, хурофот. |
| «Усули қадим»-ро инкор карда, ба роҳи тараққиёт баровардани кишвару халқ. |
| Бунёди давлати миллӣ |
| Сохтани ҷамъияти озоду фаровон бо усули идораи конститутсионӣ, парламентӣ |
| Ба забонҳои туркӣ додани мақоми давлатӣ |
| Воҳиди миллии пул ва ташкили қӯшуни миллӣ |

Ба вуҷуд овардани китобҳои дарсии нав масъалаи ниҳоят умда буд. Сараввал дар бисёр мактабҳои усули нави Туркистон китобҳои дарсӣ ва дастурҳое истифода шуд, ки дар Қазон ва Оренбург нашр гардида буданд.

Тошканд, Бухоро, Самарқанд, Андиҷон, Қӯқанд, Хева барин шаҳрҳо ба маркази ҳаракати ҷадидия табдил ёфтанд. Ҷамъият ва иттиҳодияҳои маданиву маърифатии дар ин шаҳрҳо кушодашуда боиси дар Туркистон васеъ паҳн гардидани ҷадидия гардид.

Ҷадидон дар нашрияҳои худ аз боби воқеаҳое, ки дар ҷаҳон ва ҳудуди Туркистон рӯй додаанд, маълумотҳо пешкаш карданд. Онҳо бо ин мазмуни ғояҳои худ ва зарур будани васеъ паҳн карданаро нишон доданд.

Маорифпарварон аҳамияти мактабҳои усули навро дар боби тайёркунии кадрҳои миллии Туркистон, таҳсили ҷавонон нишон доданд. Агар охири асри XX миқдори мактабҳои усули нав дар Осиёи Миёна ангуштшумор бошад, соли 1911 миқдорашон ба 63 адад, теъдоди донишомӯзон ба 4106 нафар расид. Соли 1910 танҳо дар худи Тошканд 24 мактаби ҷадидия фаъолият пеш бурда дар онҳо 1740 нафар бача таҳсили илм гирифта бошад, соли 1917 дар кишвар қариб 100 мактаби усули нав мавҷуд буд.



**Ҷадидони Туркистон**.

Аз нуқтаи назари тараққихоҳон масъалаи таълими занону духтарон мақоми алоҳида дошт. Ҷадидон таъкид мекарданд, ки ислом ба заноне, ки таҳсили илм карданианд, монеъгӣ нишон намедиҳад. Ислом илмомӯзиро ҳам ба мардон ва ҳам ба

занон фарз меҳисобад, ҷадидон ташаббускори якҷоя таҳсил кардани писарбачагону духтарбачагон буданд.

Фаъолияти асосии намояндагони ҳаракати ҷадидия дар кишвар аз маорифпарварӣ оғоз ёфта бошад ҳам, таъсири онҳо дар ҳаракати миллӣ-озодихоҳии халқҳои Туркистон ба сифати раҳнамои ғоявӣ аҳамияти муҳим дорад.

*Худро озмуда бинед!*

**Нашриҳои ҷадидон – ...**
**Марказҳои ҳаракати ҷадидӣ – ...**
**Мафкураи ҷадидон – ...**
**Мактабҳои ҷадидӣ – ...**

*Ҷамъбаст мекунем*

- Ғояи миллӣ барномаест, ки дар асоси эҳсоси ифтихору озодии миллӣ пешрафти маънавии миллатро тарбия менамояд.
- Ҷадидон ба сифати раҳнамоёни ғоявии ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ ба майдон баромаданд.

*Савол ва супоришҳо:*

1. Мафҳуми ғояи миллиро маънидод намоед.
2. Ғояи ҷадидҳо аз чӣ иборат аст?
3. Дар бораи фаъолияти матбуотии ҷадидон чиҳоро медонед?
4. Дар кадом шаҳрҳо ҳаракати ҷадидӣ инкишоф ёфта буд?

## § 27. НАМОЯНДАГОНИ ҲАРАКАТИ ҶАДИДИЯ ВА ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО

**Намояндагони бузурги ҳаракати ҷадидияи Туркистон**

Ибтидои асри XX дар шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Бухоро, водии Фарғона даҳҳо мактабҳои «усули ҷадидия» дари худро боз намуданд. Ҷадидон дар мактабҳо тарбия намудани ҷавонони донишманду маърифатнок, ба воситаи онҳо барои дар Туркистон барпо кардани давлати мустақил ғояи давлатдории миллиро пеш гузоштанд. Ибтидои асри XX дар Туркистон як насли томи зиёиёни ҷадид, намояндагоне ба вуҷуд омаданд, ки ба рушди соҳаҳои маънавиву маърифатии сохт, фарҳанги миллӣ  саҳми калон гузоштаанд. Онҳо Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Саидаҳмад Сиддиқӣ — Аҷзӣ дар Самарқанд, Мунаввар Қорӣ Абдурашидхонов, Абдулло Авлонӣ, Убайдуллохӯҷа Асаддулохӯҷаев дар Тошканд, Абдурауф Фитрат, Садриддин Айнӣ, Файзулло Хӯҷаев дар Бухоро, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Обидҷон Маҳмудов, Абдулҳамид Чӯлпон, Исломхон



**М.Беҳбудӣ.**



**Мунаввар қорӣ Абдурашидхонов.**

Ибрат дар водии Фарғона, Бобоохун Салимов, Полвонниёз Ҳоҷӣ Юсупов дар Хева ва дигарон буданд. Онҳо дар кишвари Туркистон асосгузорон ва роҳнамоёни ҳаракати ҷадидия ба ҳисоб меравbooking.

Хизмати Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ (1875–1919) дар боби муттаҳид сохтани ҷадидони Туркистон калон аст, ки ҳамчун «падари ҷадидони Осиёи Миёна», эътироф гардидааст. Вай 19 январи соли 1875 дар деҳаи Бахшитепаи наздики Самарқанд ба дунё омадааст. Ӯ сараввал дар мадрасаҳои Самарқанду Бухоро таҳсил гирифта, имом-хатиб, қозӣ шуда кор карда, сипас ба дараҷаи муфтӣ расидааст. Беҳбудӣ асосгузор ва раҳнамои ҳаракати ҷадидӣ дар Осиёи Миёна буд. Шахсест, ки ба инкишофи ҳаракати маорифпарварии Туркистон ҳиссаи калон гузоштааст. Бо ташаббуси Беҳбудӣ ба шарафи падари худ китобхона таҳти унвони «Китобхонаи Беҳбудия» ташкил гардид.

Мунаввар қорӣ Абдурашидхонов (1878—1931) арбоби маърифатноку сиёсӣ, ки барои озодии Туркистон, ояндаи миллат мубориза бурдааст, намояндаи бузурги ҳаракати ҷадидия буд. Аз соли 1904 эътиборан иштирокчии фаъоли ҳаракати иҷтимоиву сиёсӣ ва маърифиатии кишвар, ташаббускор ва амалиётгари кушодани мактабҳои ҷадидӣ, асосгузори рӯзнома ва маҷаллаҳои миллӣ, муҳаррир ва тарғиботгари театри ҷадид буд. Мунавварқорӣ барои мактабҳо китобҳои дарсии «Адиби аввал», «Адиби сонӣ», «Сатҳи Замин»-ро иншо кардааст.

Боз яке аз иштирокчиёни фаъоли ҳаракати саравval маданиву маърифӣ, сонитар ҳаракати инсонпарварии дорои хусусияти сиёсиву иҷтимоӣ Абдулло Авлонӣ соли 1878 дар Тошканд дар оилаи ҳунарманд дида ба дунё кушодааст. Ӯ дар мактаб ва мадраса таҳсили илм карда, ба шахси маърифатноки замони худ, соҳиби дониши амиқ мубаддал ёфт. Абдулло Авлонӣ ба инкишофи таълим, матбуот, соҳаҳои театри кишвар ҳиссаи калон гузошта, соли 1907 ба рӯзномаи «Шӯҳрат» асос гузошт. Барои мактаби усули нави ташкилкардааш китобҳои дарсиро таҳти унвонҳои «Муаллими аввал», «Муаллими сонӣ», «Гулистони туркӣ ё худ ахлоқ» иншо кард.

Беҳбудӣ, Мунавварқорӣ, Абдулло Авлонӣ барин дигар тараққихоҳони миллӣ ҳам фаъолияти маорифпарвариро пеш бурда, мактабҳои нав, ҷамъиятҳои хайрот, китобхона ва дӯконҳои китоб кушодаанд.

*Худро озмуда бинед!*

**Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ – ...**
**Абдулло Авлонӣ — ...**
**Мунавварқорӣ Абдурашидхонов – ...**
**Намояндагони ҷадидӣ – ...**

**Хусусиятҳои миллии ҳаракати ҷадидҳо дар Туркистон**

Намояндагони ҳаракати ҷадидияи Туркистон шахсони маърифатпарвар буданд. Маърифатпарварон ба маънои том паҳнкунандагони дониш ба ҳисоб мерафтанд. Маърифатпарварӣ ба маънои сиёсӣ бо пеш бурдани ғояҳои ба озодӣ баровардани халқ ва давлатдории миллӣ ифода меёбад. Маорифпарварони Туркистон ҷаҳолат, бесаводӣ, бемаданиятӣ, мутаассибӣ, ақидапарастии диниро сабаби аслии азобу уқубати инсон гӯён талқин менамуданд. Онҳо ба муқобили ҳокимияти мутлақи подшоҳӣ (абсолютизм) мубориза бурда, озодии сиёсӣ ва ҳуқуқҳои инсонро ҷонибдорӣ карданд.

Ҳаракатҳои маорифпарварӣ дар мамлакатҳои гуногун тарзи ба худ хос, дорои хусусиятҳои миллӣ доштанд. Аммо ҷиҳатҳои муштаракро ҳам доштанд. Ин ҷиҳатҳо дар фаъолияти ҷадидони Туркистон ҳам намоён гардид. Аз он ҷумла, бо роҳи аз тахти дил мубориза бурдан ба муқобили сохти мавҷуда, ба тамоми намудҳои соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳудудии он ва камбудиҳо, ташаккулу ҷонибдорӣ ва ҳимояи маориф, озодӣ, ҷиҳатҳои инсониву мадании ҳаёт, такомули меъёрҳои маънавиву ахлоқӣ, ҳимояи манфиатҳои фаровонии халқ рафтанд.



**Аъзои ҷамъияти «Тарбияи атфол».**



**Миркомил Мирмӯъминбоев бо дӯсти тоҷираш (аз рост).**

Ҷадидони Туркистон баробари истифода бурдан аз мероси гузаштагон, яъне осори Алишери Навоӣ, Мирзо Бедил ва Бобораҳим Машраб ғояҳои демокративу тараққипарварии Туркистонро давом доданд. Дар байни комёбиҳои аз ҳама назарраси ба дастовардаи зиёиёни пешқадами Туркистон ба вуҷуд овардани низоми таълими халқии аз мафкураи ҳукмрон мустақил ва асос гузоштан ба матбуоти миллӣ буд. Ин дар навбати худ ҳамчун воситаи муҳим дар боби паҳн гардидани ғояҳои пешқадам гардид.

Сармоядорони тараққихоҳи Туркистон барои ҷавононро дар хориҷ таҳсил карда, дорои касбу кори зарурӣ шудан, ҷавононеро, ки ба халқ хизмати фоидаовар мерасонанд ва ҷадидонеро ҷонибдорӣ кардаанд, ки ба онҳо ғамхор буданд. Миркомил Мирмӯъминбоеви андиҷонӣ аз ҳисоби худ ба ҳамин кор ба миқдори калон маблағ ҷудо кардааст. Соли 1910 дар Бухоро мударрис Ҳоҷӣ Рафӣ, Мирзо Абдувоҳид, Ҳамидхӯҷа Меҳрӣ, Усмонхӯҷа ва Муҳаммаддин махдум барин шахсон ҷамъияти («Тарбияи атфол»)-ро ташкил намуда, соли 1911-ум 15 нафар, соли 1912-юм 30 нафар донишҷӯро ба Туркия барои таҳсил фиристодаанд.

### *Худро озмуда бинед!*

**Маорифпарварон – ...**
**М.Мирмӯъминбоев –...**
**«Тарбияи атфол» — ...**
**Абсолютизм — ...**

### *Ҷамъбаст мекунем!*

► Беҳбудӣ, Мунавварқорӣ — маорифпарварони бузурги ҷадидия.
► Ҷадидони Туркистон муқобили яккаҳукмронии подшоҳ буданд.
► Ҷадидон тарафдорони ба хориҷ ба таҳсил фиристодани ҷавонон буданд.

### *Шарҳи истилоҳот:*

**Сензура** (*лотинӣ*) — ба мақсади маҳдуд сохтани маълумотҳои номаъқул ё зарарнок оид ба сохти мавҷудаи ба ҳокимият ҷорӣ кардани назорат аз болои матбуот.

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Намояндагони ҳаракати ҷадидияро номбар кунед.
2. Дар бораи фаъолияти намояндагони ҳаракати ҷадидия чиро донистед?
3. Зиёиёни тараққихоҳ чӣ гуна китобҳои дарсиро таълиф намудаанд?
4. Мақсади ҷамъияти «Тарбияи атфол» чӣ буд?

# § 28. ТАЪСИРИ ҲАРАКАТИ ҶАДИДИЯ БА ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ВА ФАРҲАНГИИ ТУРКИСТОН

**Ҷадидон ва дини ислом**

Дар мафкураи ҷадидон дини ислом дар роҳи камоли маънавии шахс ва тараққиёти ҷамъият аҳамияти калон дошт. Онҳо вазифаи мазкурро ҳал накарда, илоҷи ба иҷро расондани муаммоҳои дигар набуданашро дарк карда буданд. Бо ҳамин мақсад соли 1909 Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ, соли 1910 Абдулло Авлонӣ, соли 1915 Абдурауф писари Абдураҳим Фитрат оид ба таърихи ислом асарҳо навиштанд. Дар асарҳои мазкур, ки як хел унвон доштанд, онҳо пайдошавии ислом, марҳилаҳои аз ҳама муҳими паҳншавии онро маънидод сохта, ҳамчунин, ба нодуруст талқин гардидани ақидаҳои ислом зид баромаданд.

Ба қатори чораву тадбирҳое, ки тараққихоҳони Туркистон дар навбати аввал амалӣ гардонданд, дуруст талқин кардани меъёрҳои дини ислом, оятҳои Қуръон, ҳадисҳо, ҳукмҳои шариат, ислоҳи низоми таълим, ба талабҳои замон ҷавобгӯ кардани он буданд.



А. Фитрат.

Тараққихоҳони миллӣ вакилони рӯҳониёни мусулмонеро сиёҳ намуданд, ки нисбати илму фан муносибати манфӣ доштанд. Тараққихоҳон аз тарафи дини ислом ҳар як марду зани мусулмон илм омӯхтанаш, ба зиммаи он чун қарз гузошта шудани масъалаи мазкурро васеъ тарғиб карданд.

Ҷадидон қувваи асосии раҳнамои пешрафт илму фан ва фаровонӣ, ҳамчун мубориза ба ҷаҳолатро воситаи ягона меҳисобиданд. Ба фикри онҳо барои мусулмони ҳақиқӣ шудан баробари илмҳои динӣ, донишҳои дунявӣ, алалхусус, математика, физика, кимиё, тиббиёт, таърих ва дигар фанҳоро донистан зарур аст. Онро дар асоси Қуръони муқаддас ва ҳадисҳо тасдиқ намуданд.

Ғояҳои ҷадидон оид ба ислом набояд ба хулосае оварад, ки онҳо барои тағйир додани таълимоти асосии ислом саъю кӯшиш намудаанд. Онҳо дар фаъолияти худ ҳам Қуръон, ҳам умуман таълимоти тамоми исломро дуруст эзоҳ додаанд. Ҳамаи онҳо

ба дини ислом ва анъанаҳои мусулмонӣ содиқ буданд. Онҳо ба урфу одатҳое, ки ба ислом осеб мерасонанд, ҳолатҳои манфие, ки ба ривоҷу тараққиёти ҷамъият халал мерасонад, муқобил баромаданд. Ҷадидон ба он ҳаракат карданд, ки ақидаҳои кӯҳна ва ҷоҳилӣ дар ҷаҳонбинии одамон барҳам хӯрад, ғояҳои тараққихоҳ бедор гарданд.

*Дар хотир доред!*



**Ҷадидон бар зидди анъана ва одатҳое буданд, ки ба ислом осеб, ба тамоми ҳолати намудҳои манфие, ки ба ривоҷи ҷамъият халал мерасонанд, норозигии худро баён сохтанд.**

**Фаъолияти тараққихоҳон дар соҳаи иҷтимоиву иқтисодии Туркистон**

Ҷадидон дар бобати тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар ҳам дорои ақидаҳои худ буданд. Тараққихоҳон дар давоми фаъолияти худ аз ҳаёти иҷтимоӣ, тарзи ҳаёт, касбу кор, шарту шароити халқҳои кишвар хабардор шуда, вазъияти онҳо сол то сол вазнин гардиданашро дарк кардаанд. Ба фикри онҳо мустақилияти иқтисодии мамлакатро таъмин накарда, ба озодии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ расидан аз имкон берун аст. Барои ин, дар навбати аввал, замин, боигариҳои зеризаминӣ, рӯизаминӣ, обро мулки умумии халқҳои Туркистон гуфта эълон кардан, кадрҳои миллии ба тараққиёти тамоми соҳаҳо қодирро тайёр кардан, заводу фабрикаҳоро сохта, маҳсулот дар худи кишвар истеҳсол гардиданаш зарур аст.

Ҷадидон бисёр ҷавононро дар давлатҳои хориҷии ривоҷёфта, аз он ҷумла, дар Германия хонондан, онҳо дар он ҷо таҳсил намуда, барои кишвару миллат хизмат карданашон барин ғояҳоро пеш гузоштанд.



**Донишомӯзони мактаби усули нав (дар марказ Абдуқодир Шакурӣ).**

Яке аз тараққихоҳони Туркистон Асадуллохӯҷа Убайдуллохӯҷа аз маҳаллаи «Қорёғди»-и Тошканд дар Россия дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ таҳсил гирифта, аввалин адвокати ӯзбеки соҳиби маълумоти олӣ гашт. Вай бо нависандаи бузурги рус Лев Толстой мукотиба дошт.

*Дар хотир доред!*

**Тараққихоҳон тайёр кардани кадрҳои миллии ба ривоҷёбии тамоми соҳаҳо қодир, сохтани заводу фабрикаҳо, истеҳсоли маҳсулот дар худи кишварро зарур меҳисобиданд.**

*Худро озмуда бинед!*

**Асарҳои оид ба таърихи дини ислом – ...**
**Ғояҳои ҷадидон оид ба дини ислом – ...**
**Аввалин адвокати ӯзбек – ...**
**Абдурауф писари Абдураҳим – ...**

**Ба ҳаракати сиёсӣ табдил ёфтани ҷадидия**

Тараққихоҳони Туркистон дар ибтидои асри XX ҷараёнҳои сиёсиеро, ки дар дунё рух доданд, бо диққати том мушоҳида карданд. Дар ин давр барномаҳои ҳизбҳои сиёсии хориҷиро таҳлил карданд. Дар чунин вазъият тараққихоҳон бо назардошти сулҳпарварӣ, таҳаммулкории халқи ӯзбек барои ҳаллу фасли тамоми муаммоҳо бо роҳи осоиш кӯшиданд. Чунки онҳо муқобили задухӯрдҳои хунин ва ҷангу ҷидол буданд.

Дар арафаи воқеаҳои февралии соли 1917 ҷадидони Туркистон ба ҳаракати пурзӯри сиёсӣ табдил ёфтанд. Агар баъди Ҷанги якуми ҷаҳон ҷадидон барои монархияи парламентӣ мубориза бурда бошанд, баъди воқеаҳои февралӣ онҳо талабҳои ниҳоят доманадор, минҷумла, як қатор талабҳои сиёсиро пеш гузоштанд. Аз он ҷумла, васеъ кардани ҳудудҳои аҳолии таҳҷоӣ, гузарондани ислоҳот оид ба идоракунии кишвар, ҷудо кардани ҷой ба Думаи давлатӣ бо назардошти нуфуси аҳолии таҳҷоӣ, таъмини озодии матбуоти миллӣ.

Аввали моҳи марти соли 1917 ҷадидон дар Тошканд ташкилоти ягона – «Шӯрои марказии мусулмон»-ро таъсис карда, ташкилотҳои халқпарвареро муттаҳид сохтанд, ки соҳиби барномаи ягона буданд. Ба анҷумани таъсисии он 350 вакил омада иштирок намуд. Дар байнашон озариҳо, тоторҳо, туркманҳо, бошқирдҳо барин вакилони дигар халқҳои мусулмон ҳам буданд. Вакилон дар анҷуман номи давлати оянда Туркистон, ба таркиби он аморати Бухоро ва хонии Хева, генерал-губернатории Туркистон дохил шуданашро маъқул донистанд. Республикаи мазкури мухтор 72 рӯз умр дида, аз ҷониби ҳокимияти шӯравӣ торумор карда шуд. Оқибат ҷадидон ба таъқибот ва солҳои 1937–1938 ба табъид дучор гаштанд.

### *Худро озмуда бинед!*

**«Шӯрои марказии мусулмон» – ...** **Мухторияти Туркистон – ...**

### *Шарҳи истилоҳот:*

**Делегат** — (*лотинии фиристодашуда*) — вакиле, ки аз ҷониби ҷамоа ваколатдор карда интихоб ё худ таъин гардидааст.
**Федератсия** — (*лотинии мустаҳкамшавӣ бо роҳи иттифоқ*) — бо роҳи дар доираи муайян мустақилии сиёсии худро маҳдуд сохта муттаҳидшавии давлатҳо.
**Автономия** (*юнонии қонун*) — мухторият, ҳуқуқи мустақилона амалӣ гардидани ҳокимияти давлатӣ дар ягон ҳудуд.

### *Ҷамъбаст мекунем!*

- Фаъол гардидани ҳаракати ҷадидҳо дар зери таъсири ҷараёнҳои сиёсӣ дар Россия.
- Мухторияти Туркистон эълон гардид, ки марказаш Қӯқанд буд.

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Ҷадидон дар бораи дини ислом чӣ ақида доштанд?
2. Ҳизби аввалини сиёсии ҷадидӣ чӣ ном дошт ва дар назди иштирокдорони он чӣ гуна вазифа гузошта шуда буд?
3. Дар бораи рӯзнома ва маҷаллаҳое ки ғояҳои ҷадидонро дар худ акс кунонда буданд, чиро дониста гирифтед?
4. Ҳиссаи калони тараққихоҳои дар бобати таълими ҷавонон аз чӣ иборат буд?
5. Ҳаракати ҷадидон ба шуури аҳолии Туркистон чӣ гуна таъсир гузошт?

## БОБИ VII

# ТУРКИСТОН ВА ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОН

**Дар натиҷаи омӯзиши боби мазкур аз хусуси масъалаҳои зерин дониста мегиред:**

- Оғози Ҷанги якуми ҷаҳон ва иштироки Россия дар он, таъсири манфии он ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии Россияву Туркистон ва тарзи зиндагонии аҳолӣ;
- Сафарбаркунии аҳолии Туркистон ба сифати мардикор ба Ҷанги якуми ҷаҳон ва муносибати аҳолии таҳҷоӣ ба он;
- Оғози шӯриши соли 1916, сабабҳо ва оқибатҳои он;
- Исёни Ҷиззах, иштироки занони Туркистон дар шӯриш;
- Аз тарафи ҳукумати мустамликавӣ бешафқатона пахш гардидани шӯриши соли 1916;
- Дар барои аҳамияти шӯриши соли 1916 дар Туркистон дониста мегиред.

## § 29. ОҒОЗИ ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОН ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТУРКИСТОН

**Таъсири Ҷанги якуми ҷаҳон ба Туркистон**

Дар ибтидои асри XX муносибатҳои давлатҳои бузурги ҷаҳон оид ба мустамликадорӣ ранги ҷиддӣ гирифт. Дар Ҷанги якуми ҷаҳон Россия аз тарафи Антанта — иттифоқи иборат аз давлатҳои Россия, Англия ва Фаронса истода дар задухӯрдҳо иштирок намуд. Иштироки империяи Россия дар Ҷанги якуми ҷаҳон вазъияти онро аз ҷиҳати иқтисодӣ табоҳ гардонд. Мамлакати мазкур, ки аз тараққиёти соҳаи илму техникаи давлатҳои Аврупои Ғарбӣ хеле қафо монда буд, ба туфайли ҷанг ба аҳволи ночорӣ афтод. Оқибат ҳукумати подшоҳӣ барои аз мустамликаҳои худ, минҷумла, кишвари Туркистон бисёр фоида гирифтан, бештар азхудкунии сарватҳои табиии он кӯшид. Ҳаракат намуд, ки аз аҳолии таҳҷоӣ чун қувваи кории арзон истифода барад.

Ба туфайли ҷанг Россия сафарбарии умумиро эълон намуд. Он ба мустамликаҳои Россия, аз ҷумла, кишвари Туркистон ҳам дахл дошт. Мувофиқи он аз кишвари Туркистон ба ҷанг вакилони аз 19 то 43-солаи қисми аврупоии вакилони аҳолӣ даъват шуданд. Ин вақти даъват ба давраи ҳосилғундорӣ рост омад ва оилаи вакилони миллати рус ва аврупоӣ, ки аз губернияҳои Россия кӯчонда оварда шуда буданду

мардон қувваи асосии корро ташкил медоданд, гарон афтод. Он маънои бепарастор монондани оиларо дошту вазъияти оилаҳоеро бад сохт, ки мардонашон ба хизмати ҳарбӣ даъват шуда буданд.

Бар асари эълон гардидани «Ҳолати фавқулоддаи муҳофизат» дар соли 1914 дар Туркистон назорат ва чораҳои ҷазои ҳукумати мустамликавиро аз болои аҳолии таҳҷоӣ пурзӯр гардонд. Онҳое, ки муқобили эълон гардидани сафарбарии умумии аҳолии Туркистон ба ҷанг буданд, ба тартиботи «Ҳолати фавқулодда» риоя накарданд. Ниҳоят, кумитаи махсус созмон ёфта, ба ин қабил «ноқобилон» то 50 сӯм ҷарима меандохтанд ва ё 3 моҳ онҳо ба ҳабс фиристода мешуданд. Шароити зиндагонии аҳолӣ бад гашта, хӯрокворӣ ва дигар маҳсулот намерасид – нарху наво афзуда буд, ки ба сар задани ошӯбҳо сабабгор шуд. Дар давоми ҷанг хоҷагии қишлоқ вайрон шуд, майдонҳои кишт ихтисор гардиданд, дар деҳот қувваи корӣ намерасид. Дар роҳи оҳан бетартибӣ ҳукмрон гардида, дар амал бошад, он бори даври ҳарбиро интиқол мекард. Робитаҳои кулли хоҷагӣ беҷо шуда буд. Заифии иқтисодиёти Россия барои ҷанг ва ҳаракатҳои ҳарбии дорои чунин вусъат аён гардид. Молияи давлат ба инқироз рӯй овард. Хароҷот барои рушди маориф, маданият коҳиш ёфт ва воми хурд тақрибан аз байн рафт. Танҳо дар як соли ҷанг миқдори андоз 50 фоиз зиёд шуд.

Модомки, бо мақсади сарпур кардани ҷойҳои талафот ва афзоиши хароҷоти ҳарбиро пӯшондан ҷустуҷӯи маблағи иловагӣ ба миён омад, ҳукумати подшоҳӣ аз роҳи барои худ хеле одатӣ ва саҳлтарин, яъне аз ҷодаи талош кардани кишварҳои мустамликаи худ, барои ҷанг кардан қисми калони сарфу хароҷоти худро ба гардани мустамликаҳои худ, аз ҷумла, ба зиммаи кишвари Туркистон гузоштан пеш рафт.

Бо оғоз аз соли 1915 дар Туркистон нархи давлатии тағйирнаёбандаи пахта ҷорӣ гардид, дар шароити афзоиши умумии нархҳо нархи мазкур хароҷоти ҳосилрӯёнии пахтакоронро намепӯшонд.

**Эълони сафарбарӣ ба мардикорӣ**

Дар набардгоҳҳо барқарор кардани харобаҳо, сохтани иншоотҳои мудофиавӣ, тайёркунии озуқа ва силоҳ ба ҷанг ва онро ба маҳалҳо расонда додан муаммо гардид. Роҳбарӣ ба ин корҳо ва ташкил кардани он аз изаш баромад. Барои ҳаллу фасли муаммои мазкур қувваи иловаи корӣ ва барои дар ақибгоҳ кор кардан одамони зиёде зарур шуданд. Бо назардошти чунин вазъият ҳукумати мавҷуда қарор дод, ки аз вакилони аҳолии таҳҷоии мустамликаҳо сафарбаршудагонро дар ақибгоҳи фронт истифода барад. 25 июни соли 1916 императори Россия Николайи II (1894—1917) фармонро бо таклифи Сарфармондеҳ ва вазири ҳарбӣ қабул кард ва барои хизмат дар ақибгоҳ аз Туркистон, Сибир ва Қафқоз сафарбаркунии мардони аз 19 то 43-сола оғоз ёфт.

*Худро озмуда бинед!*

**Антанта — ...** **«Ҳолати муҳофизати фавқулодда» — ...**
**25 июни соли 1916 – ...**

*Савол ва супоришҳо:*

1. Ҷанги якуми ҷаҳон барои Россия чӣ гуна аҳамият дошт?
2. Ҷанги якуми ҷаҳон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолии Туркистон чӣ гуна таъсир расонд?
3. Моҳияти «Ҳолати муҳофизати фавқулодда»-ро дар Туркистон фаҳмонда диҳед.
4. Мазмуни фармони Николайи II аз 25 июни соли 1916-ро маънидод кунед.

## § 30. ОҒОЗИ ШӮРИШИ СОЛИ 1916 ДАР ТУРКИСТОН

**Сабабҳои саршавии шӯриш**

Мувофиқи фармони император Николайи II дар бораи гирифтани аҳолӣ ба мардикорӣ барои хизмат дар ақибгоҳи фронт аз вилояти Сирдарёи кишвари Туркистон 87 ҳазор, аз Самарқанд 38 ҳазор, аз Фарғона 50 ҳазор нафар мардикор фиристодан ба нақша гирифта шуд. Миқдори муайянгардида байни вилоятҳо тақсим гардид. Мувофиқи он, барои аз вилояти Фарғона ҷамъ овардани мардикорони муайяншуда аз ҳар панҷ хонадони вилоят якеашро гирифтан рост омад. Халқ аз ин сахт норозӣ буд. Мардони Туркистон оилаи худро партофта рафтанашон маънои ба гуруснагӣ маҳкум кардани онҳо буд. Алалхусус, сафарбар гардидани аҳолии деҳот кишоварзиро ба инқироз овард. Ҳангоми таҳияи рӯйхати мардикорон вакилони маъмурияти маҳаллӣ ба беадолатӣ роҳ гузоштанд. Вакилони хонадонҳои сарватманд якчанд мардро ташкил диҳанд ҳам, ба ивази ришват ба рӯйхат дохил нашуданд. Аммо аз оилаҳои камбағал якто мард бошад ҳам, ба рӯйхат дохил мегардид. Ин ноҳақӣ боиси норозигии оммаи халқ гардид. Дар байни аҳолии таҳҷоӣ ба муқобили мардикоргирӣ шӯришҳои оммавӣ оғоз ёфт. Соли 1916 ҳолатҳои калтаккӯб, пеш кардани вакилони идораҳои маҳаллӣ, ки рӯйхати мардикоргириро тартиб медоданд, ба амал омад.

Дар намоишҳои норозиён вакилони деҳқонон, савдогарони хурд, коргарон ва дигар табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ иштирок намуданд. Ҳаракатҳои оммавии зидди мардикоргирӣ ҳукумати мустамликавӣ,

маъмурони кишвар ва вилоятро ба ташвиш овард. Алалхусус, губернатори вилояти Фарғона А. Гиппиус барои пешгирӣ намудани ошӯбҳои халқӣ ҳаракат намуд. Вай дар бораи бисёр будани одамони дорои кайфияти норозӣ, шароити душвори бар асари ҷанг ба амал омада маълумот дода, чораҳои пешгирии онро таъкид намуд. Лекин ҳокимияти марказӣ бонги хавотир ва маълумоти А. Гиппиусро ичро накарда, ба таъхир андохта, муқобили фармони подшоҳ пиндошта, ӯро аз вазифаи губернаторӣ сабукдӯш намуд.

4 июли соли 1916 дар шаҳри Хуҷанд гирдиҳамоии норозиёнаи аҳолии бисёрнафара ба амал омад. Онҳо аз мардикорӣ сар тофтанд. 5 июл дар деҳаи Ургути Самарқанд, баъдтар дар Сиёб, Маҳалла, Хӯҷа Аҳрор, Ангор, 7 июл дар Даҳбед норозигиҳо ба амал омаданд. Намоишгарон сарварони вилоят, оқсақолонеро, ки вакилони идораи маҳаллӣ буданд, пеш карда, калтаккӯб намуда, рӯйхатҳои тартибдодаашонро дарронда партофтанд.

**Паҳншавии ошӯб дар саросари Туркистон**

Ошӯбҳо ба муқобили мардикорӣ дар давоми якчанд рӯз саросари кишварро фаро гирифт. Вазъият дар маҳалҳо шиддатнок гардид. Намоишгарон аз тарафи ҳукумати мустамликавӣ бо зӯрӣ пароканда карда шуда, муқобилиятнишондиҳандагон ҷазои сахт гирифтанд. Дар Тошканд ҳам норозигиҳо оғоз ёфта, 11 июл аҳолии сершумор дар назди идораи политсияи Бешёғоч ҷамъ омад. Яке аз фаъолони намоишгарон Ризвонбибӣ Аҳмадҷонова ба политсия рӯ оварда, чунин хитоб кардааст: «Моро кушед ҳам писаронамонро ба шумоён намедиҳем!» Политсия тир кушода, ӯро захмдор намуд. Баъди аз силоҳ паррондан халқ ба идора зада даромада, коркунони политсияро калтаккӯб намуданд. Қувваҳои ҳарбии ба кӯмак омада намоишгаронро тирборон кард. Оқибат 11 нафар ҳалок шуданд, 15 нафар захмдор гашт. Шӯриш бо ёрии қувваҳои ҳарбӣ ба душворӣ пахш гардид. Шаҳр ба ҳолати ҳарбӣ афтод, дар ҳама ҷо посбонон рӯзу шаб посбонӣ карда, назорат ва санҷиш пурзӯр гашт. Баъди ин воқеаҳо шӯриш ба деҳаҳои атрофи шаҳри Тошканд кӯчид. Сипас бо водии Фарғона гузашта, доманадор гашт. Дар ин ҷо ҳам аҳолии таҳҷоӣ аз вакилони маъмурият саркашӣ намуданд.

Моҳи июл шӯриш дар уездҳои Кӯқанд, Риштон, Марғелон, Андиҷон, Намангони вилояти Фарғона ранги оммавӣ гирифт. Аз он ҷумла, 9 июл баъди хондани фармони подшоҳ одамони бо таёқ, санг, каланд ва дигар ашё мусаллаҳ аз мардикорӣ сар тофта ба намоиш баромаданд. Ба онҳо политсия ва қувваҳои ҳарбиро муқобил гузоштанд. Ҳангоми пароканда намудани намоишгарон 3 кас парронда, 12 нафар захмдор гашт.

10 июл дар Марғелони кӯҳна тахминан 25 ҳазор нафар норозигии худро баён карда, дар атрофи бозор ҷамъ шуданд. Шӯришгарон бекор кардани мардикоргириро талаб карда, ба идораи маъмурияти маҳаллӣ зӯран даромаданд. Онҳо вакилони маъмурияти маҳаллиро бо калтак кӯфта, ба хонаву биноҳои маъмурӣ оташ заданд. 2 миршаб аз тарафи намоишгарон кушта шуда, чанд оқсақол аз зарби калтак захм гирифтанд. Маъмурияти вилоят аз пурзӯр гардидани намоиш ба ҳарос афтода, полки ҷазодиҳиро фиристод. Онҳо шӯришгаронро тирборон карда, 63 касро паррониданд ва бисёриҳо захмдор гаштанд.




**Шӯриши Тошканд. Соли 1916.**

Дар Шаҳрихон ҳам аз шӯришгарон 16 нафар кушта, бисёриҳо захмдор гаштанд. 11 июл шӯриш дар Намангон ранги ҷиддӣ гирифт. Ба муқобили 1500 нафар шӯришгароне, ки дар мавзеи Лаббайтоғ ҷамъ омада буданд, ротаи хуб мусаллаҳгардида сафарбар гашта, исён пароканда гардид. Дар байни политсия ва қувваи ҳарбии ҳукумати мустамликавию ошӯбгарон ҷанги беамон давом карда, бисёрии ошӯбгарони бесилоҳ кушта шуда, захмдор гаштанд. Дар байни онҳо будани занону бачагон сиёсати бешафқатонаи мустамликадоронро боз як маротиба фош кард.

*Дар хотир доред!*

**Мувофиқи фармони подшоҳ аз вилояти Сирдарёи кишвари Туркистон фиристодани 87 ҳазор, аз Самарқанд 38 ҳазор, аз Фарғона 50 ҳазор нафар мардикор муайян гардид.**

*Савол ва супоришҳо:*

1. Сабаби оғози ошӯбҳо дар чист?
2. Ошӯбгарон асосан ба кадом чараён муқобил баромаданд?
3. Аввалин ошӯбҳо дар Туркистон соли 1916 дар куҷо оғоз ёфтанд?
4. Иштирокдорони шӯришро асосан намояндагони кадом табақа ташкил медод?

## § 31. ШӮРИШИ ҶИЗЗАХ

**Оғози шӯриш**

Фармони империяи Россия аз соли 1916 дар бораи мардикоргирӣ дар саросари кишвари Туркистон паҳн гардида, исёнҳои муқобили он ба ҳаракати миллӣ-озодихоҳии аҳолии таҳҷоӣ табдил ёфт. Дар байни онҳо ошӯби Ҷиззах ҳам буд, ки ба майдони мубориза қаҳрамонона барои озодшавӣ аз зулми мустамлика ва истисморгарӣ мубаддал гардид.

Аҳолии Ҷиззах асосан бо донпарварӣ шуғл меварзид. Дода шудани заминҳои онҳо ба дасти русҳои муҳоҷир, зиёд шудани андозҳо аҳволашонро бад гардонд. Сафарбар гардидани мардикорҳои аз 19 то 43-сола ба ақибгоҳи фронт дар Ҷиззах  ҳам чун тамоми кишвар боиси афзудани норозигиҳо аз ҷабру зулм, беадолатӣ шуда, ба ошӯби халқӣ оварда расонд. Мувофиқи рӯйхат аз уезди Ҷиззахи вилояти Самарқанд мебоист 11 ҳазор нафар мардикор гирифта мешуд. 3 июли соли 1916 баробари эълони фармон дар байни халқ норозигӣ авҷ гирифт. 5 июл ошӯбҳо сар шуданд. Аҳолӣ беэътибор донистани фармон, қатъ гардондани тартибдиҳии рӯйхатро талаб намуданд. Ба ошӯби Ҷиззах Назирхӯҷа эшон ва Абдураҳмон ҷевачӣ сарварӣ карданд.

Аҳолии Ҷиззах ба мақсади бардоштани ошӯб ба муқобили мардикорӣ ба дигар шаҳрҳо, аз ҷумла, Тошканду Самарқанд ва деҳоти атрофи худ вакилонашонро фиристоданд. 13 июл дар шаҳри Ҷиззах ҳунармандон таҳти сарварии Даминкулол ба назди оқсақол Мирзоёр Худоёров бо талаби гирифтани рӯйхати мардикорон рафтанд. Аз рӯйхати оқсақол маълум гардид, ки он асосан аз оилаи камбағалон иборат аст. Баъди он издиҳом аз ин рӯйхати нохолис норозигии худро баён карда, аз оқсақол талаб карданд, ки онро ба дасти онҳо супорад. Оқсақол рӯйхатро надода, одамонро дашном дод. Он норозигии оммаро ба вуҷуд овард.

Исёнгарони бо каланду таёққо мусаллаҳ ба қисми нави шаҳри Ҷиззах роҳ пеш гирифтанд. Сарвари уезд ба мақсади пахши исён бо ёваронаш расида омад. Вале онҳоро аз роҳашон боздошта натавонистанд. Ин вақт ба сафи исёнгарон бисёр аҳолии шаҳр ва атрофаш ҳамроҳ гашта буд. Назирхӯҷа эшон сарвари исёнгарон гардид.

Иштирокчиёни ошӯби Ҷиззах ба маҳалҳои ҳарбӣ, ичтимоӣ ва ғайра,  ба маъмурияти истилогарон ҳуҷум оварданд. Шӯришгарон 13 июл истгоҳи роҳи оҳанро ишғол намуданд, симҳои алоқаро канда,

роҳи оҳан ва кӯпрукҳоро вайрон сохтанд. 14 июл Абдураҳмон ҷевачӣ бо вакилони аз маҳалҳои мухталиф омада машварат гузаронд. Онҳо 21 июл барои дар маҳали Куябошии 12 фарсах дур аз Ҷиззах ҷамъ гаштан қарор доданд. Барои ба маҳалҳои атроф расони дани ин хабар вакилон фиристода шуданд. Аз ин ҳукумати подшоҳӣ бохабар гашта, таҳти сарварии полковник Иванов нерӯҳои ҳарбиро фиристод. 18 июл дар Туркистон ҳолати ҳарбӣ эълон гардид.

**Пахши шӯриш**

Аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ чораву тадбирҳои пахши шӯриш ва ҷазодиҳии иштирокдорони он андешида шуд. Ба Ҷиззах таҳти сарварии полковник Иванов 13-то ротаи сарбозон, 2-то қисми артиллерия, дастаи казакҳо, қисми сапёрон, ҷамъ дуним ҳазор нафар қувваи ҳарбиро фиристоданд. Онҳо шаҳри Ҷиззахро бо тӯпу пулемётҳо тирборон карданд. Қӯшуни мустамликачиён сараввал ба Ҷиззах, сипас ба Зомину Сангзор ҳаракат намуд. Қӯшун исёнгарони бесилоҳро бераҳмона тирборон кард. Абдураҳмон ҷевачии сиҳатмонда бо 600 нафар одами худ 20–21 июл ба муқобили қувваҳои ҳарбӣ таҳти сарпарастии полковник Афанасев ҷангид. Ба мустамликадорон қувваҳои ҳарбӣ таҳти сарпарастии полковник Иванов ба кӯмак расида омаду шӯришгарон ба ақибнишинӣ маҷбур шуданд ва мағлуб гаштанд. Роҳбарону фаъолони шӯриш Абдураҳмон ҷевачӣ, Назирхӯҷа эшон, бародарон Тӯрақул ва Эшонқул Тӯрабековҳо, Қосим Ҳоҷӣ эшон асир гирифта, ба ҷазои қатл ҳукм гардиданд. Қӯшуни ҷазои мустамликадорон шӯришгаронро бешафқатона ҷазо дод. Деҳоти исёнфарогирифтаро оташ заданд. Хонаҳо хокистар гашт. Аъзои оилаи онҳоро ҳам ҷазо доданд. Аз ин ҷазо муйсафедон, занон, ҳатто бачагон бенасиб намонданд.

Ба Ҷиззах 26–27 июл дастаҳои иловагии ҷазодиҳӣ расида омада, ҷазодиҳиро пурзӯр намуданд. 3 ҳазор нафар шӯришгарон ҳабс гардиданд. Сарваронашон ба ҷазои қатл, ҳабсу бадарға гирифтор шуданд. Аҳолии таҳҷоие, ки дар шӯриш иштирок карда, ба исёнгарон хайрхоҳӣ зоҳир намуда, барои дастгирӣ кардани онҳо ба ҳукумати мустамликавӣ кӯмак нарасонданд, аз ҷои зисташон ба дашт пеш карда шуданд.



**Вайрон кардани роҳи оҳан аз тарафи исёнгарон.**

*Шарҳи истилоҳот:*

**Чевачӣ** (*чева — силоҳ*) — сарвари силоҳу яроқхона.
**Пулемёт** (*русии паррондани тир*) — силоҳи автоматии тез тирпаррон.

*Савол ва супоришҳо:*

1. Исёни Ҷиззах дар чӣ гуна ҳолат оғоз ёфт?
2. Сарварони шӯриш киҳо буданд ва кадом роҳро пеш гирифтанд?
3. Пахши ошӯби Ҷиззах ва оқибати он дар шумо чӣ гуна эҳсосотро бедор сохт?
4. Сабаби шикастхӯрии шӯришгарон дар чист?

## § 32. АҲАМИЯТ ВА ОҚИБАТҲОИ ВОҚЕАҲОИ СОЛИ 1916 ДАР ТУРКИСТОН

**Сабабҳо ва оқибатҳои шикастхӯрии шӯриш**

Шӯриш аз ҷиҳати характери худ миллӣ-озодихоҳӣ буд, зеро қувваи ба ҳаракатоварандаи он оммаи халқ мебошад. Онҳо барои ҳаққу ҳуқуқи поймолгардидаашон, дину диёнаташон ба даст силоҳ гирифта, муборизаи беамон бурданд. Шӯришгарон фарзандони ҳақиқии фидоии Ватан буданро дар амал исбот намуданд. Бо ҷасорати бемисли худ аз саҳифаҳои таърихи Ватан ҷои муносиб ёфтанд. Яке аз амалдорони рус оид ба шӯриш «Ба ҷабҳаҳои ҷанг боз як фронти Туркистон ҳамроҳ шуд» гӯён ба вазъияти кишвар баҳо додааст.

Шӯришгарон ба муқобили ҳукумати мустамликавӣ бо силоҳи оддӣ ҷангиданд. Ба ҷуз ин, аксари онҳо деҳқонон, ҳунармандон ва одамони аз соҳаи ҳарбӣ тамоман бехабар буданд ва сабабгори шикастхӯрии он гардиданд. Онҳо дар минтақаҳои мухталифи Туркистон, шароити гуногун ба муқобили мустамликадорон мубориза бурданд. Баробари ин бехабарӣ аз тактика ва стратегия, аҳлона ва якҷоя ҳаракат накардани шӯришгарон онҳоро ночор сохт.

Шӯриш барои оммаи халқ бисёр маҳрумиятҳо овард. **Аввало**, деҳаҳои атрофи Ҷиззах, маскани шӯришгарон оташ зада, оқибат бисёр аҳолӣ бе хонаву ҷой монд. **Дувум**, шӯриш дар фасли тобистон ба амал омада, киштзор, маҳсулоти кишоварзӣ нобуд

гардид. Оқибат аҳолии Туркистон аз як қисми захираи озуқаворӣ, ки барои зимистони солҳои 1916—1917 ҷамъ меовард, маҳрум гашт. **Сеюм**, ҳангоми шӯриш бисёр аҳолӣ қурбон гашт.

Дар Ҷанги якуми ҷаҳон иштирок намудани Россия, шӯришҳои кишвари Туркистон ба тарзи зиндагонии халқ таъсири манфӣ расонд. Аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ ба мардикорӣ сафарбар кардани аҳолии Туркистон қисми зиёди аҳолии таҳҷоиро бепарастор мононд. Оқибат камчинии хӯрокворӣ, боло рафтани нарх зиндагониро душвор гардонд. Барои ҳамин шӯришҳои соли 1916-уми аҳолӣ, ки ба муқобили мардикоргирӣ пеш бурда шуд, дар натиҷаи таъсири манфии сиёсати асосаш ҷабру зулми мустамликавӣ ва оқибатҳои ҷанг содир гашт.

**Аҳамияти шӯриш**

Шӯриши соли 1916 аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ бешафқатона пахш гардид. Шӯришгарон ба муқобили политсия ва нерӯҳои ҳарбии ҳукумати мустамликавӣ мардонавор мубориза бурданд. Ҳарчанд иштирокдорони шӯриш ва роҳбарони он аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ ҷазои сахт гирифта, қурбону захмдор гардидани бисёр шӯришгарон рух дода бошад ҳам, ба муқобили мардикоргирӣ нигарондашуда, ҳаракати дорои характери миллӣ-озодихоҳии аҳолии Туркистон бар зидди мустамлика ба ҳисоб мерафт. Дар айни вақт дар шӯриш тамоми табақаҳои оммаи васеи халқи Туркистон, аз он ҷумла мӯйсафедон, занон ҳам иштирок намуданд.

Шӯришҳои соли 1916 ҳукумати мустамликавиро сахт саросема кард. Ошӯбҳои мазкур нишон дод, ки халқҳои Туркистон ба поймол кардани ҳуқуқҳояшон роҳ намегузоранд. Шӯриш нишон дод, ки рӯҳияи аҳолии таҳҷоӣ дар бобати мубориза барои озодӣ ва истиқлол ва ҳукумати мустамликавӣ бедор аст.

Ҳукумати подшоҳӣ барои андешидани баъзе чораҳо, додани сабукиҳо ва муросо кардан маҷбур гардид.

**!** *Худро озмуда бинед!*

**Ҷанги якуми ҷаҳон ... оғоз ёфт ва дар он ... давлат иштирок намуд.**
**Ҳангоми Ҷанги якуми ҷаҳон вакилони аҳолии ... ба мардикорӣ гирифта шуданд.**
**Шӯриши Ҷиззах соли ... шурӯъ шуд.**

## *Ҷамъбаст мекунем!*

- Иштироки Россия дар Ҷанги якуми ҷаҳон ба мустамликаҳои он, аз ҷумла, кишвари Туркистон таъсири манфии худро гузошт.
- Сафарбаркунии аҳолии Туркистон аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ ба мардикорӣ боиси бисёр ҳаракатҳои норозиёнаи аҳолии таҳҷоӣ гардид.
- Шӯриши соли 1916 аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ бо кӯмаки қувваи ҳарбӣ пахш гардид.
- Иштирокдорони шӯриш аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ бераҳмона ҷазо дода шуданд.

## *Савол ва супоришҳо:*

1. Сабабҳои шикастхӯрии шӯришгарон дар чист?
2. Шӯриши соли 1916 ба чӣ гуна оқибатҳо оварда расонд?
3. Шӯриши халқии соли 1916 ба шӯришҳои охири асри XIX чӣ гуна монандӣ дошт?
4. Ҳукумати мустамликавӣ ба шӯриши соли 1916 чӣ гуна муносибат зоҳир намуд?

# БОБИ VIII

# АМОРАТИ БУХОРО ВА ХОНИИ ХЕВА ДАР ОХИРИ АСРИ XIX — ИБТИДОИ АСРИ XX

**Дар натиҷаи омӯзиши боби мазкур инҳоро дониста мегиред:**

- дар бораи низоми идораи аморати Бухоро дар охири асри XIX — ибтидои асри XX;
- дар бораи рушди ҳунармандӣ, савдои дохилӣ ва берунӣ;
- дар бораи нақшаву фаъолияти ҳаракати «ҷавонбухориён»;
- дар бораи сарнагун шудани аморати Бухоро дар соли 1920;
- дар бораи низоми сиёсии хонии Хева;
- дар бораи ҳаракатҳои «ҷавонхевагиён» оид ба гузарондани ислоҳот дар мамлакат;
- сабабҳои сарнагунёбии хонии Хева.

## § 33. СОХТИ ДАВЛАТДОРӢ ВА ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ АМОРАТИ БУХОРО

**Вазъияти иҷтимоӣ-сиёсии аморати Бухоро**

Шартномаи соли 1868 бо Россия тақдири аморати Бухороро ба куллӣ тағйир дод. Вай аз мустақилияти сиёсӣ маҳрум гардид. Вассали Россия гашт. Ҳарчанд аз мустақилии сиёсӣ маҳрум гашта бошад ҳам, амири Бухоро ҳокимияти номаҳдуди худро дар боби назорат аз болои шаҳрвандонаш нигоҳ дошт. Барои бевосита назорат кардани фаъолияти аморати Бухоро соли 1885 бо фармони империяи Россия «Агентии сиёсии императори Россия» (1886—1917) ташкил ёфта, он иҷро гардидани шартномаи соли 1868 ва фаъолияти сиёсии амирро назорат намудааст.

Охири асри XIX ҳудуди аморати Бухоро азбаски ба таркиби империяи Россия гузашт, ихтисор гардид. Аҳолиаш дар атрофи 2 миллион нафар буда, машғулияти асосии онҳо ҳунармандӣ, деҳқонӣ ва чорводорӣ буд. Ба ғайр аз пойтахт Бухоро боз Чорҷӯ, Китоб, Шаҳрисабз, Деҳнав барин шаҳрҳо марказҳои калони савдо ва ҳунармандии аморат ба ҳисоб мерафтанд.

Амалдори олии идоракунии корҳои давлатӣ *қушбегӣ* буда, ҷамъоварии андозро назорат карда, ба таркиби амалдорони маъмурӣ



**Қушбегии Бухоро. Ибтидои асри XIX.**

роҳбарӣ намуда, бо бекҳои маҳаллӣ мукотиба менамуд. Қушбегӣ ҳар рӯз ба амир дар бораи вазъияти аморат шахсан маълумот медод. Тамоми амалдорон аз тарафи қушбегӣ, фақат амалдорони олӣ аз ҷониби амир ба вазифа таъин мегардиданд.

Корҳои хазина ва ғун доштани закотро *девонбегӣ* ба ҷо меовард ва аз ҷиҳати аҳамияту мавқеи лавозим баъди қушбегӣ меистод. Корҳоро дар низоми судӣ, нотариалӣ, муассисаҳои таълимӣ *рӯҳониён* ба ҷо оварда, *қозикалон* ба корҳои диниву судӣ роҳбарӣ мекардааст.

Назорати иҷрои қонунҳо, амалҳои динӣ, мезонҳои ахлоқ дар маҳалҳо, назорати тарозу ва дигар андозаҳоро *раис* ба ӯҳда дошт. Раис ба қозикалон тобеъ, дар назди раиси калон, худи амир ва қозикалон барои маълумот додан шахси масъул буд. Ҳар се амалдори олӣ — қушбегӣ, девонбегӣ ва қозикалон бояд мудом дар Бухоро мешуданд. Бекҳои аморат ва молу мулки онҳоро аскарон ҳимоя менамуданд.

Маъмурияти маҳаллӣ — аз аминҳо, оқсақолон, ҳамчунин, вакилони бекиҳо ва рӯҳониён иборат буда, онҳо фармонҳои амирро бечуну чаро иҷро менамуданд. Тамоми аморати Бухоро ба бекигариҳо тақсим шуда буд. Бекҳоро амир худаш шахсан ба кор таъин ва аз кор озод менамуд. Дар атрофи бекҳо пайвандон ва ё ки гурӯҳи калони мансабдороне ҷамъ омада буданд, ки шахсони наздикашонро ташкил медоданд.

Амир барои ҳимояи давлат ихтиёриёни мардумӣ ва қӯшунҳои саракардашуда, яъне лашкари хос дошт. Ба лашкар *тӯпчибошӣ* роҳбарӣ мекард. Аммо охири асри XIX лашкари амир аз деҳқонҳои фаврӣ ҷамъшаванда, таълими бад гирифта, бо силоҳи содда таъмингардида иборат буд. Мақсади асосии ин гуна лашкар дар вақти зарурӣ — сафкашӣ дар назди Арк буд. Тартиби лашкар амалан аз аввали асри XIX ислоҳ нагардида, кори ҳарбӣ бадсифат ва силоҳи қӯшун ниҳоят ба дараҷаи қафомонда буд.

Мансабдорон ва хизматчиёне, ки қисми зиёди даромади мамлакатро ба манфиатҳои шахсӣ сарф мекарданд, дар бораи равнақу тараққиёти давлат на ҳамеша ғамхорӣ зоҳир менамуданд. Сарфу хароҷоти зарурии аморат ба зиммаи мансабдорони ба якдигар пайванд не, балки ба гардани халқи оддӣ меафтод.

*Худро озмуда бинед!*

**Агентии сиёсии императори Россия — ...** **Қушбегӣ — ...**
**Тӯпчибошӣ — ...** **Девонбегӣ — ...** **Вазъияти лашкар – ...**

*Дар хотир доред!*

**Маъмурияти маҳаллӣ аз аминҳо, оқсақолон, вакилони бекигариҳо ва рӯҳониён иборат буда, фармонҳои амирро бояд бечуну чаро иҷро менамуданд.**

**Андоз ва ӯхдадориҳо. Ошӯбҳои халқӣ**

Аксарияти деҳқонони аморат зиндагии факирона доштанд. Зеро замин ва воситаҳои коркарди замин дар дасти амир ва амалдорони ӯ буд. Мансабдорони давлат барои таъминоти моддӣ маблағҳои зарурирo беҳуда харҷ мекарданд. Амир Абдулаҳад ҳар сол ба Петербург ба ҳузури император бо туҳфаҳои калон мерафт. Ҳамчунин ҳангоми сафар ба Қрим тӯҳфаҳои гаронбаҳо ва саройро харидорӣ менамуд. Ин одат сарфу хароҷоти зиёдеро талаб мекарду он ба дӯши аҳолии оддӣ бори гароне буд.

Андозҳои асосии аморати Бухороро деҳқонон месупурданд, ки қариб 90 фоизи аҳолиро ташкил медоданд. Барои пардохти ин андозҳо онҳо бар ивази ҳаққи ночиз дар заминҳои тоҷирон, судхӯрон ва заминдорони калон маҷбур буданд кор кунанд. Оқибат халқ ба ҷабру зулми вазнин номуросоии худро баён сохта, ба намоиш баромад. Ҳарчанд ин намоишҳо аҳён-аҳён, пароканда гузашта бошад ҳам, он чун услуби идоракунии аморат кӯҳна шуданашро нишон медод. Баробари ин аксарият деҳқонон аз бисёрии андоз касод гардида, аз деҳот ба шаҳр омада маҷбуран чоряккор мешуданд.



**Ташрифи амири Бухоро ба Петербург.**

Дар аморат аз азал **хироҷ ва закот** андозҳои асосӣ бошад ҳам, андозу хироҷе, ки аз замин гирифта мешуд, дар баъзе вилоятҳо ба 40—50 фоизи ҳосил расид. Миқдори мазкур ба зиёда аз нисфи даромади солонаи аморат баробар буд. Баробари хироҷ **кафсан, доруғаи**



**Абдулаҳадхон дар ҳузури император.**

**музд**, яъне барои ба ҳисоб гирифтани хирман ба мансабдор ба сифати музди иловагӣ ситонда мешуд. Барои даромад аз боғҳо ва полизҳо андози алоҳида — **танобона** меситонданд.

Деҳқонон аз кашида гирифтани заминҳои худ аз тарафи ходимони маъмурият, ришватхӯрии ҳокимиятҳои маҳаллӣ ва судӣ ҷабру ситам медиданд. Одатан, агар деҳқон барои пардохти андоз пул надошта бошад, молу мулкашро кашида мегирифтанд. Ба муқобили бенавоӣ, қашшоқӣ, сӯиистеъмоли мансабдорон аз ваколати худ деҳқонон норозигии худро маҷбур буданд бо исёнбардорӣ ифода кардан. Дар оқибати он яке аз калонтарин ошӯб дар аморат соли 1885 дар бекигарии Балҷувон (Тоҷикистони имрӯза) таҳти сарварии шахси шуҷоатманду халқпарвар Восеъ ба амал омад. Баъди солҳои паси ҳам гуруснагӣ деҳқонони балҷувонӣ соли 1885 бори аввал ҳосили фаровон бардоштанд. Андозгирандагон талаб карданд, ки андози хироҷро на танҳо барои ҳамин сол, балки ҳамчунин барои солҳои пешинаи беҳосилӣ низ супоранд. Деҳқонон онро амри ноодилона ва ғоратгарона пиндошта, аз пардохти он сар тофтанд. Дар атрофи Восеъ ҳазорҳо деҳқононе ҷамъ омаданд, ки онҳоро худсарии мансабдорон ва зулми иҷтимоӣ ба муборизаи мусаллаҳона маҷбур карда буд.

Охирҳои моҳи июли соли 1885 задухӯрди деҳқонон ва лашкари амир Музаффар ба вуқӯъ омад. Дастаҳои хуб тайёрнагардида ва бо силоҳи меҳнат мусаллаҳгардида ба кӯча баромада мағлуб гаштанд. Ҳамаи роҳбарони шӯриш, аз он ҷумла, Восеъ қатл гардиданд. Шӯриши дигари калони деҳқонӣ дар бекии Кӯлоб соли 1888 ба амал омада, бо кӯмаки қӯшунҳои сарҳадбони Помир пахш гашт. Моҳи майи соли 1889 дар бекии Калиф ҳам шӯриш бархост.

***Худро озмуда бинед!***

**Кафсан — ...**
**Танобона — ...**
**Доруғаи музд — ...**
**Восеъ...**

*Дар хотир доред!*

**Соли 1885 дар Балҷувон, соли 1888 дар бекии Кӯлоб, моҳи майи соли 1889 дар бекии Калиф деҳқонон шӯриш бардоштанд.**

### Ҳунармандӣ

Дар ин давр яке аз соҳаҳои асосии истеҳсолоти ҳунармандӣ тайёркунии қолин ва намадҳо буд. Талаб ба қолинҳои Бухоро дар хориҷ калон буд ва тоҷирони аморат онро ба миқдори зиёд ба хориҷ, минҷумла, Россия бурда мефурӯхтанд. Ба ғайр аз ин, дар бозорҳои Шарқи Миёна, Туркистон ҳам қолинҳои Бухоро харидоргир буданд. Дар бозорҳои дохила ва беруна риштаву газвор, чарм, зардӯзӣ, ашёҳои кандакории нуқрагину тиллогин, истеҳсолоти рангубор ва собунпазӣ шӯҳрати калон доштанд. Ашёҳои тиллогину нуқрагини устоёни Бухоро махсусан шӯҳрати калон доштанд.

Қариб дар ҳамаи шаҳрҳои аморати Бухоро заргарони моҳири дорои устохонаҳои худ кор мекарданд. Тамоми маҳсулоти тайёркардаи онҳо бо нақшҳои нозуки ба худ хос оро дода мешуд. Бозори маҳсулоти кулолгарии Бухоро ҳам чаққон, кулолгарӣ дар тамоми шаҳрҳои аморат паҳн гардида буд.



**Ҳунармандони ресмонрес. Ибтидои асри XIX.**

Дар аморати Бухоро аз азал ҳунармандии ба худ хос мавҷуд буд. Даромади асосии ҳунармандон барои пардохтҳои андози беҳисоб харҷ мегардид. Аз ин рӯ, онҳо барои такмилдиҳӣ ва ривоҷ додани устохона ва корхонаҳои худӣ соҳиби маблағҳои иловагӣ набуданд.

### Муносибатҳои тиҷоратӣ

Охири асри XIX аморати Бухоро бо Россия, Афғонистон, Ҳиндустон, Эрон ва Қафқоз муносибатҳои тиҷоратӣ дошт. Идора ва анборҳои фирмаҳои Россия дар Бухоро, Чорҷӯ, Карки, Тирмиз ва Коғон (Бухорои нав) амал мекарданд. Байни Россия ва аморати Бухоро муовизаи мол сол то сол вусъат меёфт.

Ҳудуди Бухоро, ки барои тиҷорати транзитӣ аҳамияти калон дошт, ба он даромади калон меовард. Россия ба воситаи Бухоро ба Афғонистон ба миқдори зиёд моҳут, чинниворӣ, махмал, чит, гӯгирд ва карасин содир менамуд.

Соли 1887 аз ҳудуди аморат аввалин хатти роҳи оҳан кашида шуд. 15 километр дуртар аз Бухоро сохтмони истгоҳи Бухорои нав оғоз ёфт. Дар ин ҷо қасри амир ва қароргоҳи Агентии сиёсии Россия сохта шуданд. Акнун Бухоро ба воситаи роҳи оҳан бо Тошканд, Оренбург ва Маскав пайваст гардид. Соли 1888 дар ҳудуди аморати Бухоро маҳалҳои русӣ пайдо шуданд. Шӯъбаи Бонки давлатии Россия дар Бухорои нав дари худро боз намуд. Ғайр аз ин дуто заводи пахтатозакунӣ, меҳмонхонаи услуби аврупоӣ сохта шуданд. Дар Бухорои кӯҳна хонаи қушбегӣ ва қароргоҳи Агентии сиёсии Россия аввалин шуда бо хати телефонӣ бо ҳам пайваст гардиданд.

### *Шарҳи истилоҳот:*

**Стихиявӣ** — ҳаракати номуташаккилона, дуруст ташкил нагардида.

**Корҳои нотариалӣ** (*лот. — китоб*) — корҳои тасдиқкунии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо.

### *Ҷамъбаст мекунем!*

► Шартномаи соли 1868-и байни аморати Бухоро ва Россия;
► Савдову тиҷорат бо Россия, Афғонистон, Ҳиндустону Эрон;
► Соли 1887 — сохтмони роҳи оҳан ба воситаи аморати Бухоро;
► Амир Музаффар — афзудани андоз, пурзӯршавии зулм ва шӯриши Восеъ;

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Шартномаи соли 1868 байни аморати Бухоро ва Россия барои инкишофи минбаъдаи мамлакат чӣ гуна таъсир гузошт?
2. Ба зиммаи қушбегӣ, девонбегӣ, қозикалон барин мансабдорони аморати Бухоро чӣ гуна вазифаҳо гузошта шуда буданд?
3. Сабабҳои шӯриши Восеъ аз чӣ иборат аст?
4. Ба фикри Шумо аҳолии шӯришбардошта ба кадом хатоиҳо роҳ гузоштаанд?
5. Охири асри XIX — ибтидои асри XX дар аморати Бухоро ба ривоҷи муносибатҳои моливу пулӣ чӣ гуна омилҳо таъсир расонданд?

## § 34. ФАЪОЛИЯТИ ҶАВОНБУХОРИЁН ВА САРНАГУНШАВИИ АМОРАТИ БУХОРО

**Ҷавонбухороиён**

Дар аввалҳои асри XX дар ҳаёти иҷтимоии Бухоро ду қувваи ба ҳам муқобил пайдо гардид. Якумӣ – номи ҷавонбухороиёнро гирифт, ки мақсадашон дар асоси демократӣ аз нав сохтани ҳаёти сиёсии Бухоро, тараққӣ додани иқтисодиёти он, барои ба сафи мамлакатҳои пешқадам баровардани Бухоро аз таҳти дил мубориза мебурданд. Дуюмӣ – мутаассибони динӣ, вакилони тоифаи душмани ҳар гуна навигарӣ ва ислоҳотҳо буданд.

Ҷавонбухороиён ба сифати ҳаракати сиёсӣ аз соли 1910 фаъолият нишон доданд. Онҳо намояндагони бузурги тараққихоҳони Бухоро (Абдулвоҳид Бурҳонов, Абдурауф Фитрат, Садриддин Айнӣ, Файзулло Хӯҷаев, Усмон Хӯҷа, Абдуқодир Муҳиддинов, Мусоҷон Сайидҷонов ва дигарон) буда, барои аз ҳукмдории мустабиди амирӣ халос кардани Бухоро, ба роҳ мондани низоми республика ҳаракат мекарданд. Ҷавонбухороиён дар Бухоро мактабҳои усули навро ташкил намуданд. Ба ин мактабҳо китобҳои дарсӣ ва барномаҳои мухталифи таълимӣ навиштанд. Рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва «Турон» рӯи чопро диданд. Рӯзномаҳои мазкур баробари халқро аз ҷаҳолат бедор сохтан ва даъват ба маърифатнокӣ ғояҳои милливу озодӣ ва мустақилиро пеш гузоштанд.

**Ислоҳоти Амир Олимхон**

Баъди Амир Абдулаҳад ба тахти Бухоро писари ӯ Сайид Олимхон (1910—1920) нишаст. Соли 1893 падараш ӯро ба Петербург ба таҳсил фиристод, дар ин ҷо давоми 3 сол корҳои ҳарбӣ ва асосҳои идораи давлатиро омӯхт. Сайид Олимхон ба тахти аморат нишаста, ба тағйирёбии асосҳои давлат ва низоми динӣ тараддуд надид. Аммо воқеаҳои Россия ва ҷунбишҳои мухолифати худи аморат барои дидани чораву тадбир ва қонеъ гардондани талабҳои «ҷавонбухороиён» (ҷадидон) оид ба демократиконии мамлакат ва гузарондани ислоҳот маҷбур сохт.



**Ҷавонии Амир Олимхон**

Инқилоби феврали соли 1917 дар Россия ва ҷоннокшавии ҳаёти сиёсии Бухоро амирро водор сохт ба мақсади пешгирии такроршавии инқилоби рус баъзе ислоҳотҳоро амалӣ гардонад. Баҳори соли 1917 қозикалон дар қабулхонаи амир дар бораи дар мамлакат гузарондани ислоҳот ваъда дод. Вай фармони амирро хонда дод, ки ба асосҳои сохти мавҷуда дахл надошту ба



**Амири Бухоро Олимхон.**

беҳтар шудани аҳволи халқ он қадар мусоидат наменамуд.

Дар фармон сухан дар бораи корҳои суди одилона, фароҳам овардани барқарорӣ оид ба ситондани хироҷ, закот ва дигар андозҳо мерафт. Ба тараққиёти саноат ва тиҷорат эътибор нигаронда шуда буд. Ба мансабдорон барои иҷрои вазифаашон гирифтани ҳаққи иловагӣ манъ гардид. Барои ин аз тарафи давлат маоши қатъӣ ҷорӣ шуд: «Сипас аз тарафи мо, — гуфта шуда буд дар фармон, — инчунин ба амри шариат дар мамлакат чораву тадбирҳои нафъбахш андешида мешаванд».

Ҳамчунин, амир ваъда дод, ки хазинаи давлатиро аз хазинаи худ ҷудо ташкил медиҳад, буҷетро аз ҳисоби аниқи даромад ва хароҷоти давлатӣ муқаррар менамояд. Дар фармон кушодани чопхона, озодкунии маҳбусон ҳам ваъда дода шуда буд. Ба ҳамин мақсад интихоби одамони «дорои ақл ва хиради соф» — сокинони пойтахт ва ташкили «ассамблея» (маҷлис) ҳам пешбинӣ гардид.

Фармон дар асоси ваъдаҳои калони ҷумлаҳояш ҳамабоб таҳия гардида бошад ҳам, он боиси ошӯбҳои ҷадидон гашт. Сарварони «ҷавонбухороиён» (ба мақсади амалӣ гардондани фармон кумита ташкил ёфта, он кумитаи «ҷавонбухороиён» номида мешуд) дар бобати амалӣ гардондани ислоҳот ба фикри ягона омада натавонистанд. Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ, Муллохон ӯғлӣ, Мирзо Ғулом бо ҳаракатҳои дурандешона фармонро ҷонибдорӣ карда бошанд, тарафдорони қисми радикалӣ, ки дар байни онҳо Файзулло Хӯҷаев, Абдурауф Фитрат ва Усмон Хӯҷа буданд, даъват намуданд, ки ба зудӣ намоиш ташкил карда, талаботи гузарондани ислоҳотҳои чуқуртар ба миён гузошта шавад.

8 апрели соли 1917 ҷадидон дар Кирка ва Бухоро намоиш ташкил намуданд. Дар Бухоро 150 нафар ҷамъ омада, ба он Файзулло Хӯҷаев ва Абдурауф Фитрат роҳбарӣ намуданд. Дар лавҳа шиорҳо баробари навиштаҷоти «Зинда бод, Амир!», инчунин, даъватҳои дорои мазмуни дигар мисли «Ҳуррият, Адолат, Мусовот» ҷой доштанд. Намоишгарон вақте ки то Арк расиданд, навкарони амир оид ба боздоштани онҳо фармон гирифт. Қӯшуни амир, ки аз 200 пиёдагард ва 300 сарбози савора иборат буд, намоишгаронро пароканда карда, ба ҳабс гирифт. Ба ҷуз ин остонаи Аркро 7 ҳазор нафар муллобачагон ишғол намуданд, ки муқобили ислоҳот буданд. Муллоҳо таҳдид намуданд, ки ҳар як шахси ба Арк наздикшавандаро мекушанд. Ба сӯйи намоишгарон санг

партофта, онҳоро лагадкӯб карда, дашном додан гирифтанд. Беш аз 30 нафар намоишгар ба ҳабс гирифта шуд. Бисёриҳо ҷароҳати бадан гирифтанд. Дигар намоишгарони халосшуда аз шаҳр гурехта ҷонро амон нигоҳ доштанд.

Воқеаҳои Бухоро ҷадидонро водор сохт, ки каме ҳушёртар шаванд. Сайид Олимхон, ки ба сифати амири маърифатпарвар намоён гардида буд, дар байни халқ ҳурматашро аз даст дод.

***Худро озмуда бинед!***

**Ҷадидон ё ки таркиби ҳизби ҷавонбухороиён ё худ нақшаҳои иншонагардида – ...**

**Ҷавонбухороиён — ...**
**Мувофиқи фармон ...**

## Вожгуншавии аморати Бухоро

Ҷадидони амонмонда соли 1917 ба Туркистон, ки болшевикон ишғол карда буданд, гурехтанд. Моҳи январи соли 1920 қисми чапи ҷавонбухороиёни дар Тошканд масканёфта таҳти роҳбарии Файзулло Хӯҷаев «Бюрои марказии ҷавонбухороиён»-и инқилобгар дар Туркистон»ро ташкил доданд. Вале ташкилоти мазкур қувваҳои бонуфузи сиёсиро дар худ таҷассум нагардонда буд. Ташкилоти мазкур ба воситаи муборизаи мустамликадорон барои тамоман забт намудани Осиёи Миёна ва ба таркиби давлати нав ҳамроҳ кардани табдил ёфтанд, ки зери дасти болшевикон қарор дошт.



**Файзулло Хӯҷаев.**

«Ҷавонбухороиён» таҳти сарварии Файзулло Хӯҷаев ва саъю кӯшиши якҷояи болшевикон боиси тайёркунии табаддулот дар давлати Бухоро гардид. Корҳоро дар бобати пароканда кардани лашкари амир ба иҷро расонданд. Дар байни аҳолии таҳҷоӣ корҳои пурзӯри ташвиқотӣ бурданд. Ба ҳамин мақсад маҷаллаи «Тонг» («Субҳ») ва рӯзномаи «Учқун» («Шарора»)-ро чоп карданд.

«Ҷавонбухороиён» ба ҳозиркунии асосҳои сиёсӣ ва ташвиқотии аз тахт маҳрум кардани амир шурӯъ намуданд. Бо ташаббуси онҳо 29 августи соли 1920 дар Ҷорҷӯ исён ташкил гардид. Дар ин ҷо кумитаи муваққатии инқилобӣ созмон дода шуд, ки он аз ҳукумати Россия кӯмак пурсида, бо илтимоснома муроҷиат кард. Давлати шӯравӣ қисмҳои калони ҳарбии хуб мусаллаҳгардида ва бо авиатсияи хуб таъмингардидаи ба даҳшатоварандаи аҳолии таҳҷоиро ба Бухоро партофт. Қӯшуни амир қариб, ки муқобилият нишон дода натавонист. Амир Сайид Олимхон бо аҳли оила ва амалдору аъёнҳои девонаш ба ҷониби Афғонистон гурехт.

2 сентябри соли 1920 армияи болшевикон ба Бухоро даромад. 6 октябр ташкил гардидани Республикаи Шӯравии Халқии Бухоро ва таъсис ёфтани Шӯрои нозирони халқ–ҳукумати аввалин тахти сарварии Файзулло Хӯҷаев эълон гардид.

### *Худро озмуда бинед!*

**29 августи соли 1920-...**
**Кумитаи муваққатии инқилобӣ- – ...**
**2 сентябри соли 1920- –...**
**Ф. Хӯҷаев- – ...**

### *Ҳуҷҷати таърихӣ*

***Дар бораи хазинаи Аморати Бухоро***

Сарвати аз тарафи сарвазири аморати Бухоро – қушбегӣ Мирзо Насрулло шахсан номнависгардида аз инҳо иборат буд: Тиллои Бухоро 1 148 380 дона, тиллои рус — 4 365 100 дона, тиллои гамбурги ҳоли ёмбидошта — 17 дона, нукра — 45 тонна, нуқраи рус — 22 тоннаву 160 кг, тангаи Бухоро — 62834780 дона, тангаи мисини Бухоро — 13 тонна, тилломайда — 1 тонна, булӯри калон — 3483 карат, булӯри ба ашёҳо дӯхташуда — 968 карат, сангҳои қиматбаҳо — 8617 карат будааст. Аксияҳои бонкҳои саноатии русӣ дар дасти Олимхон буда, 33 миллион сӯмро ташкил медод. Дар хазинаи ӯ ба андозаи 100 миллион сӯм пули империяи Россия ҳам буданаш қайд гардидааст.

### *Ҷамъбаст мекунем!*

- Фаъолияти «ҷавонбухороиён»;
- Соли 1910 ба тахт Сайид Олимхон нишаст;
- Саъю кӯшиши ислоҳотхоҳӣ, намоишҳо;
- 29 августи соли 1920 исёни Чорҷӯй ташкил гардид;
- Аморати Бухоро сарнагун шуда, соли 1920 РШХБ ташкил ёфт.

### *Шарҳи истилоҳот:*

**Мутаассиб** (*арабии фидоитарин*) — ба дин сахт руҷӯъ намуда, ба қоидаҳои он кӯр-кӯрона амалкунанда.
**Радикал** (*лотинии қатъан*) — тарафдори чораҳои сахту ҷиддӣ.
**Муваққат** (*арабӣ*) — муваққатан, ҳукумати ба муддати муайян ташкилёфта.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Дар бораи фаъолияти «ҷавонбухороиён» чиро дониста гирифтед?
2. Амир Сайид Олимхон дар давлати худ ба кадом мақсад барои гузарондани ислоҳот кӯшид?
3. Барномаи ҷадидҳо аз ислоҳоти пешбиникардаи Олимхон бо чияш фарқ мекард?
4. Сабабҳои сарнагуншавии аморати Бухороро номбар кунед.

## § § 35-36. СОХТИ ДАВЛАТДОРӢ ВА ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ХОНИИ ХЕВА ДАР ОХИРИ АСРИ XIX — ИБТИДОИ АСРИ XX

**Сохти иҷтимоӣ-сиёсии хонигарӣ**

Ҳукумати подшоҳӣ хонигарии Хеваро ҳамчун ҳудуди вассали худ таҳти назорат қарор дода буд. Тағйироти ҷузъиро дар сиёсати дохилӣ ва берунӣ хони Хева бо розигии генерал-губернатори Туркистон ба амал мебаровард. Барои назорати фаъолияти хон Шӯрои (девони) иборат аз 7 нафар таъсис ёфта буд, ки чор нафарашро намояндаи ҳукумати подшоҳӣ ташкил медод.

Амударё аввал дар тасарруфи хонии Хева буд. Мувофиқи шартномаи Гандумиён ҳудуди соҳили рости он ба ихтиёри империяи Россия гузашта, шӯъбаи Амударёи генерал-губернатории Туркистон созмон ёфт. Сардори он дар айни вақт ба сифати намояндаи империяи Россия дар хонии Хева фаъолияти хонро дар бобати идораи мамлакат таҳти назорати худ қарор дода буд. Хонӣ дорои таърихи ҳазорсолаҳо буда, аз тарафи намояндагони авлоди туркиён – *сулолаи қӯнғиротиён* ҳамчун монархия идора гардида, дар бобати рушди фарҳанги халқи ӯзбек нақши калоне бозидааст. Қабилаи қӯнғирот дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунин дар соҳаи ҳарбӣ такягоҳи асосии хон буд.



**Сарвазири хонии Хева.**

Хон ҳокимияти номаҳдуди маъмурӣ-судӣ ва ҳарбиро дошт. Вай мамлакатро бо мадади мансабдорони авлоди қӯнғирот, аъёнҳои сарой ва рӯҳониёни олӣ идора мекард. Ҳокимияти хонигарӣ аз манфиати халқ дида, манфиати амалдорони доираи тангро бештар ба назар гирифта, кор пеш мебурд.

Лашкари хонии Хева воситаи мубориза барои пахши муқовимати халқ ва нигоҳ доштани якпорчагии давлат буд. Қӯшуни мазкур номуттаҳид, интизоми ҳарбияш суст, бо силоҳи оддӣ мусаллаҳ гашта буд. Қӯшуни мунтазами хон аз 1,5 ҳазор нафар иборат буда, онро ясовулбошӣ сарварӣ мекард. Ҳангоми ҳаракатҳои ҳарбӣ лашкари мардумӣ аз шаҳр, деҳот ва овулҳо ва сипоҳиёни савораи туркман сафарбар мегардиданд.

Хонигарӣ аз ҷиҳати маъмурӣ ба 18 бекӣ ва 2 ноибӣ тақсим гашта буд. Калонтарини онҳо Ҳазорасп, Урганч, Қиёт, Урганчи кӯҳна, Хӯҷайлӣ, Қӯнғирот ба ҳисоб мерафтанд. Ба ҳар яки он бек ё ҳоким роҳбарӣ мекард, ки аз тарафи хон таъин мегардид. Хонӣ ду вилояти хурдро дошт, ки онро ноибони хон идора мекарданд. Шаҳри Хева ва гирду атрофи он бевосита дар ихтиёри хон буд. Шахсони мансабдори дастгоҳи мавҷудаи идора аз ҳисоби андози деҳқон ва ҳунармандон зиндагӣ мекарданд.

*Меҳтар* (Сарвазир) ва *девонбегӣ* (мутасаддии девонхона) амалдори олӣ ва мушовири аз ҳама наздики хон ба ҳисоб мерафтанд. Барои хурдтарин гуноҳ нисбати ҳокимият ҳокимияти судӣ ҷазои ҳукми қатлро истифода мебурд.

Рӯҳониёни дини ислом ба ҳаёти иҷтимоиву сиёсии мамлакат таъсири калон доштанд. Хева баъд аз Бухоро аз марказҳои дини ислом буд. Дар шаҳр беш аз 60 масҷид дахмаи авлиёҳо, ки ба қадамҷои диндорон табдил ёфта буд, беш аз 160 масҷид амал мекард. Дар мамлакат қариб 1,5 ҳазор мактаб фаъолият дошт. Баъзе хатмкунандагони ин мактабҳо ба муассисаҳои таълими олӣ (мадраса) дохил шуда, 10 сол таълим мегирифтанд. Дар онҳо фанҳои асосӣ грамматикаи забони арабӣ, ҳуқуқ ва фалсафаи ислом, ҳамчунин, ба таври илова фанҳои арифметика ва геометрия омӯзонда мешуданд. Толибони мадрасаҳо баробари супурдани имтиҳонот метавонистанд мансабҳои холимондаи қозӣ, имом ё ки дигар мансаби нуфузнокро ишғол намоянд.

*Дар хотир доред!*



**Хони Хева мамлакатро бо такя ба дастгирии мансабдорони ашрофи қӯнғирот, мансабдорони дарборӣ ва руҳониёна олӣ идора менамуд.**

*Худро озмуда бинед!*

**Ясовулбошӣ — ...** **Меҳтар — ...** **Қӯнғиротҳо — ...**



**Нармкунии замин. Ибтидои асри XIX.**

### Заминдорӣ

Замин омили ягонаи боигарии давлатист. Сарвати мазкур ба ивази меҳнати деҳқонон ба даст меомад. Меҳнати деҳқонон барои баланд бардоштан ҳосилнокии замин ва равнақи истеҳсолот нигаронда шуд. Дар ин бора дар хонии Хева ҳам деҳқонон соҳибкор буданд, соҳаи асосии кишоварзии хонигарӣ рӯёндани ғалладона буда, асосан шолӣ, ҷуворӣ, ҳамчунин ҷав бештар руёнда мешуд. Солҳои 90-уми асри XIX барои инкишофи муносибатҳои савдову тиҷорат бо Россия тахассусонидан барои пахтакорӣ хеле суръат пайдо намуд.

Қисми асосии заминҳо ба хон ва мансабдорони ӯ тааллуқ дошт. Хонҳои Хева ба мансабдорону аъёнҳои худ ҳамчун дастмузд аз ҳисоби заминҳои давлат эҳсонҳо кардаанд. Ба ғайр аз ин хон ва мансабдоронаш, хешони ӯ низ аз андоз озод гаштаанд.

Қисми калони заминҳои хонигарӣ дар тасарруфи муассисаҳои динӣ буда, 40 фоизи тамоми заминҳои обёришавандаи хонигарӣ мулки масҷидҳо ба ҳисоб мерафтанд. Алалхусус, 64 масҷид ва мадраса дар чоряки охирини асри XIX беш аз 205 ҳазор таноб заминро соҳибӣ мекарданд. Ин ҳурмату эҳтироми хонҳоро нисбати диндорон ифода мекард. Алалхусус заминҳои вақф ва дар охири асри XIX қариб 4 ҳазор оилаи рӯҳониён аз тамоми андозҳо озод карда шуданд.

### Андоз ва ӯҳдадориҳо

Дар натиҷаи баъди соли 1873 ба тасарруфи Россия гузаштани қисми калони заминҳои ҳосилдор ҳукумати хонигарӣ эҳтиёҷи ба сарфу хароҷот доштаи худро аз ҳисоби ҷорӣ намудани андозҳои нав ё ки афзун гардондани пештарааш пурра гардонд. Дар хонигарии Хева то

25 намуди андоз, доимӣ ва фавқулодда, ӯҳдадориҳои гуногун мавҷуд буд. Деҳқонон **солғут** — андози замин, **закот**, **чӯбпулӣ** — андози истифодаи чарогоҳ, **ӯтов** — андози манзил барин андозҳоро месупурданд.

Деҳқонон ба ғайр аз ин андозҳо маҷбур буданд, ки ӯҳдадориҳои гуногунро ба иҷро расонанд. Дар байни онҳо таъмири низоми обёрӣ, барпои объектҳои нав аз ҳама вазнинтарин ба ҳисоб мерафт. Ҳар сол деҳқонони Хева ба тозакунии каналҳо, бунёду аз нав сохтани тамбаҳо, таъмири сарбанду кӯпрукҳо мебаромаданд. Барои иҷрои ин корҳо деҳқонон бо олоти меҳнат ва ғизои худ меомаданд. Шахсоне, ки дар ин чорабиниҳо иштирок намекарданд, ба хазина ба миқдори муайян маблағ супурданашон шарт буд. Қосиди эълонкунандаи фармони хон ба фоидаи худ **«афанакпулӣ»** ҷамъ меовард, назоратчӣ ва мутасаддии кор барои ба фоидаи худ ситондани маблағ ҳаракат мекард.

Деҳқонон ҳарчанд қариб 90 фоизи аҳолиро ташкил диҳанд ҳам, соҳиби 5 фоизи заминҳои обёришаванда буданд. Деҳқонони безамин ва камзамин дар заминҳои заминдорони калон ва вақф ба сифати иҷорагар кор мекарданд. Деҳқонон аз ҳисоби ҳиссабайъ ё ки ҳиссаи баробари ҳосил меҳнат намудаанд. Баъди анҷоми корҳо одатан 40—50 фоизи ҳосил ба соҳиби замин дода мешуд. Онҳое, ки барои нисфи ҳосил кор мекарданд, **яримчиҳо** меномиданд. Деҳқононе, ки на замин, на асбобу ускуна, на чорвои корӣ доштанд, маҷбур буданд ба ҳар гуна шарт розӣ шуда кор кунанд. Деҳқонони қарздор бо мақсади адо кардани қарзи худ барои муддати муайян беподош кор кардан маҷбур буданд.

Ҳамин тавр, миқдори деҳқонони безамин сол то сол меафзуд. Онҳо ҳар чӣ бештар ба хон, бек ва мансабдорон мутеъ мегардиданд. Ҳамаи он ба вазъияти умумии иқтисодӣ ва иҷтимоии хонии Хева таъсири манфӣ расонд.



Посбонҳои хонигарии Хева. Оғози асри XX

***Худро озмуда бинед!***

**Солғут — ...** **Чӯбпулӣ – ...**
**Афанакпулӣ – ...** **Деҳқонони қарздор...**

**Инкишофи саноат**

Дар охири асри XIX–ибтидои асри XX дар хонии Хева ҳунармандии хонаводагӣ ҳанӯз нигоҳ дошта шуда буд. Дар он ресмонресӣ, бофандагӣ, пойафзол, қолину намад ва ғайра омода карда мешуд. Қариб, ки дар ҳар як деҳа чармгар, мӯзадӯз, бӯзгар, рангуборчӣ, ҷувозгар ва дигарон фаъолият пеш мебурданд. Баъзе ҳунармандон аз ҳамдеҳаҳои худ фармоиш гирифта, кор мекарданд ва барои маҳсулоти тайёркардаашон дар шакли натуравӣ, маҳсулот ё пул дастмузд мегирифтанд. Баъзеи онҳо дар устохонаҳои бозорҳои маҳаллӣ бевосита меҳнат менамуданд.

Инкишофи муносибатҳои тиҷоратии хонии Хева бо Россия, Бухоро, даштҳои қазоқ, Қафқоз ва Эрон савдову тиҷорати дохиларо ҷоннок сохт. Ҷорӣ гардидани муносибатҳои бозаргонӣ дар дохили хонигарӣ боиси босуръат инкишоф ёфтани муносибатҳои моливу пулӣ мегардад. Нисбати деҳот босуръат тараққӣ ёфтани шаҳрҳо боиси ташкилёбии шаҳрҳои нав гардида, ҷараёни рушди кӯҳнаашонро такон доданд. Он аҳамият ва накши шаҳрҳоро дар ҳаёти иқтисодии мамлакат афзун гардонд. Дар ибтидои асри XX Хева, Урганҷи Нав, Қӯнғирот, Тошҳовуз, Гурлан барин шаҳрҳо ба марказҳои ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии хонӣ табдил ёфтанд. Боғот, Мӯйноқ, Тахта барин шаҳрҳои нав ба вуҷуд омаданд.

Дар шаҳрҳои мазкур идораҳои корхонаҳои маҳаллӣ ва муштарак бо Россия ҷойгир буд. Масалан, шаҳри Урганҷи нав ёздаҳ заводи пахтатозакунӣ (шаштояш аз они тадбиргарони таҳҷоӣ буд), заводи равған, заводи собунпазӣ ва чармгарӣ, якто осиёб дошт. Ба ҷуз ин дар Урганҷи нав шӯъбаҳои бонкҳои тиҷоратии Россия — Осиё ва Сибир, идораи почта-телеграф, ваколатхонаҳои ҷамъиятҳои комиссионӣ ва суғурта кор мекарданд. Дар Гурлан сармояи ҳам россиягиён ва ҳам соҳибкорони таҳҷоӣ ҷамъ омада буд. Дар шаҳр 10 идораи тоҷирони россиягии кашонда бурдани пахта ва 9 заводи пахтатозакунии тадбиргарони маҳаллӣ — бародарон Ризоевҳо, П.А. Мануилов, С. Махсум, С. Тоҷиниёзов, Т. Солиҷонов ва дигарон ҷойгир гашта буданд. Соли 1909 дар хонии Хева аллакай 81 корхонаи саноатӣ фаъолият пеш мебурд. Ташаккулёбии саноат солҳои 1910—1915 суръат пайдо карда, 40 корхонаи нави саноатӣ дари худро боз намуд, ки бо карасин ва нафт кор мекард.



**Маҳсулоти ҳунармандии Хоразм. Оғози асри XX**

*Дар хотир доред!*



**Мол ва маҳсулоти Россия ба бозорҳои Осиёи Миёна ба зудӣ дохил шуд. Дар натиҷаи он маҳсулоти маҳаллӣ ба касодӣ рӯ ниҳод.**

### Алоқаҳои тиҷоратӣ бо Россия

Дар ҷараёни ба мустамлика табдил додани кишвари Туркистон ҳамкории сармоявии империяи Россия ва маҳаллӣ ба вуҷуд омад. Фаъолияти тадбиргарони маҳаллӣ, даромади намояндагони сармояи миллӣ ба бозори Россия, маҳсулоти онҳо бевосита алоқаманд гардида буд. Онҳо бо мақсади рушди муносибатҳои бозаргонӣ байни ду давлат барои ташкил кардани иттиҳоди бонкҳои муштарак ҳаракат мекарданд. Соли 1909 бонки Россия—Осиё ва синдикати «А-Мета» созмон ёфтанд, ки маблағҳои Мадиёров-Баққоловро муттаҳид сохта буданд. Синдикат ҳар сол ба Россия 3 ҳазор тонна пахтаро ба содирот (экспорт) мебаровард ва дар боби хариди тухми юнучқа дар бозори Хева яккаҳукмронии худро ба роҳ монд. Капитали Россия дар вассали худ — хонии Хева манбаи зарурии ашёи хомро ба вуҷуд оварда тавонист. Дар ин ҷо арзон будани қувваи корӣ ва мувофиқи бандҳои шартномаи Гандумиён аз соли 1873 аз ҳисоби мавқеи монополистӣ дар бозори маҳаллӣ ба даст овардани даромад фаъолтар гардид.

Ба туфайли амалиёти сармояи рус имкониятҳои бозори дохилии хонии Хева васеъ гардид. Муносибатҳои моливу пулӣ бошиддат инкишоф ёфта, дар пояи он марказҳои нави тиҷоративу саноатӣ ташаккул ёфтанд. Савдогарони майда чой, маҳсулоти мануфактура, шакар, самовор барин маҳсулоти камчинро ҳатто ба деҳаҳои дурдаст бурда мефурӯхтанд. Якҷониба будани саноат ва суст инкишоф ёфтани он дар иқтисодиёти мамлакат ба нигоҳ доштани нисбати саҳми истеҳсоли ҳунармандӣ хонакории пешбар оварда расонд. Маҳсулоти ҳунармандони маҳаллӣ дар берун аз ҳудуди мамлакат ҳам баҳои баланд гирифтаанд. Чунки ин маҳсулот дар пояи қадимаи ҳунармандӣ тайёр мегардид.

***Худро озмуда бинед!***

**Солҳои 1910—1915 корхонаи саноатии... қад афрохт.**
**Савдогарони майда бо... машғул мегардиданд.** **А-Мета — ...**

**Ҳунармандӣ ва савдои дохилӣ**

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар баъзе ноҳияҳо ҷараёни тахассусонидани ҳунармандӣ ба ин ё он соҳа ба чашм бархӯрдааст. Устохонаҳои азнавкоркарди филиз дар шаҳрҳои Хева, Урганҷи нав, Чимбой, Ҳазорасп ҷойгир шуда буданд. Дар ин масканҳо каланд, дандони омоч, белкурак, табар, наъл, зарфҳо ва ғайра сохта шудаанд. Чармгарӣ дар Хева, Хонқо, Урганҷи нав, Хӯҷайлӣ ва дигар марказҳо инкишоф ёфт. Ҷувол ва ресмон дар Урганҷи нав тайёр гардидааст. Қолин, намад дар масканҳои ҳунармандии Порсу, Ализли, Урганҷи кӯҳна, Ғазовот бароварда мешуд. Қариб дар ҳамаи шаҳрҳои Осиёи Миёна бофандагӣ, тайёркунии зарфҳои сафолӣ ва заргарӣ ривоҷу равнақ ёфта буд.

Соли 1885 сохта шудани роҳи оҳани паси Каспий ва охири соли 1887 таъсиси флотилияи Амударё тобеъгии Хеваро ба Россия боз ҳам пурзӯр сохт. Аввал савдо бо роҳи хушкӣ ба воситаи роҳҳои корвонгузар амалӣ гардида бошад, акнун қисми зиёди борҳо ба воситаи роҳи оҳан ва пароход бо болооби Амударё кашонда мешуд. Ин қабил навгониҳо ба фоидаи империяи Россия хизмат карда, боиси ақиб мондани давлати ба он мустамлика ё ки вассал, баробари ин ба инқироз рӯ овардани як қатор соҳаҳои ҳунармандӣ оварда расонд. Зиёд гардидани воридоти молҳои саноатии нархашон арзони империяи Россия талаботро ба маҳсулоти корхонаҳои маҳаллӣ суст



**Қӯшдарвоза**

гардонд. Газворҳои маҳаллӣ, риштаҳо, ашёи кулолгарӣ, маҳсулоти аз чӯяну мис сохташуда ба камшавӣ рӯ оварданд.

Сиёсати давлат ба соҳаи иқтисодиёт ва истеҳсолоти ҳунармандӣ таъсири манфӣ расонд. Хонӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ ҳунармандонро ба ҳар гуна андоз кашидан гирифтанд. Соҳиби ҳар як устохонаи ҳунармандӣ ба мансабдорони хон тӯҳфаҳо доданашон, андозҳои ба даромад номувофиқро пардохтанашон лозим гардид. Оқибат ба инкишоф додани истеҳсоли худ ва ҷорӣ кардани технологияҳои нав ғайриқобил гардиданд.

Дар хонакорӣ иттиҳоди сеххои асримиёнагӣ нигоҳ дошта шуд Ҳунармандон мувофиқи касбу корашон ба ин иттиҳодияҳо муттаҳид гардида буданд. Ба он усто, халифа ва шогирд медаромад. Сарватманди вомдиҳанда ба сех сарварӣ мекард. Ҳунармандон қисми зиёди маблағи ба даст овардаашонро ба шарафи авлиё ва устозони маънавӣ хайру эҳсон мекарданд, бисёр андоз месупурданд. Аҳволи халифа ва шогирдон хеле бад гардида, рӯзи кории онҳо номаҳдуд буд. Халифа барои бунак (аванс)-и гирифтааш кор карда додан маҷбур буд. То пурра пардохтани бунак аз устохона намерафт.

### *Ҷамъбаст мекунем!*

- Соли 1909 дар хонии Хева 81 корхонаи саноатӣ кор мекард;
- Соли 1885 роҳи оҳани Каспий сохта ва охири соли 1887 флотилияи Амударё таъсис ёфт.
- Инкишофи хонакорӣ.

### *Шарҳи истилоҳот:*

**Синдикат** — (*юнонии якҷоя кор кардан*) — иттиҳоди корхонаҳои маҳсулоти якхела истехсолкунанда.
**Монополия** — (*юнонии танҳо фурӯхтан*) — ҳукмронӣ танҳо ба як соҳаи иқтисодиёт.
**Хонакорӣ** — ҳунармандии асосаш меҳнати дастӣ.

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Кадом омилҳо ба пешравии саноат таъсир расонданд?
2. Ба инкишофи муносибатҳои моливу пулӣ дар хонии Хева охири асри XIX ва ибтидои садаи XX чӣ гуна имконият фароҳам оварда шуд?
3. Рушди савдои дохилӣ ва беруниро муқоиса намоед. Кадоме аз онҳо беҳтар ривоҷ ёфта буд?
4. Бунёди роҳи оҳани Каспий тобеиятро ба Россия чӣ тавр пурзӯр сохт?
5. Дар охири асри XIX устохонаҳои ҳунармандӣ чӣ гуна намуд доштанд?
6. Ҳукумати подшоҳӣ фаъолияти хон ва маъмурияти онро чӣ тавр назорат мекард?
7. Дини ислом дар ҳаёти мамлакат чӣ гуна нақше мебозид?
8. Аҳолии хонии Хева кадом андозҳоро супурда, кадом ӯҳдадориҳои меҳнатиро ба иҷро расондааст?
9. Ба фикри Шумо охири асри XIX ба рушди иқтисодиёт ва фарҳанги хонии Хева садди асосӣ чӣ буд?

## § 37. САРНАГУНШАВИИ ХОНИИ ХЕВА

**Пурзӯр гардидани ҳаракатҳои мардумӣ**

Дар натиҷаи ҷабру зулми мухталиф норозигии деҳқонон боло рафта, ҳолатҳои аз ҷониби онҳо саркашӣ намудан аз додани андозҳо ва иҷрои ӯҳдадориҳо, ихтиёрдорӣ кардани заминҳои заминдорони калон, ба андозҷамъоварандагон ва дигар намояндагони маъмурияти хонигарӣ ҳуҷум оварданро бештар гардонд. Ҳаракатҳои деҳқонон баробари вайрон кардани хонаҳои заминдорон, мансабдорон, дарронда партофтани забонхатҳои қарздорӣ, пеш кардани андозҷамъоварандагон бо тарзи исёнҳои стихиявӣ рӯй медод. Баробари гузаштани вақту пурзӯр гардидани сӯиистеъмолии ҳокимияти хонӣ ва мансабдорони маҳаллӣ муташаккилӣ ва оммавишавии ҳаракатҳои деҳқонон ҳам боло мерафт. Солҳои 80-уми асри XIX дар ноҳияҳои Питнак, Ҳазорасп, Урганҷи нав, Айманқалъа, Урганҷи кӯҳна *иттифоқҳои деҳқонӣ* ба вуҷуд омада, мубориза хеле муташанниҷ гардид. Хон барои



**Хева. Сангдарвоза.**

мубориза ба муқобили онҳо нерӯи кофӣ надошт ва аз ин рӯ қӯшунҳои Россияи подшоҳиро барои кӯмак даъват намуд. Исёнҳо пахш гардида, сарварони ҳаракатҳои деҳқонон ба қатл расонда шуданд.

Аммо ҷунбишҳои деҳқонӣ қатъ нагардид. Соли 1902 таҳти сарпарастии *Матёқуб пишиқ* дар ноҳияҳои Хонқо, Ҳазорасп, Боғот деҳқонон исён бардоштанд. Хон боз ба қӯшунҳои империяи Россияи подшоҳӣ муроҷиат намуд. Чораҳои сахти ҷазо андешидашуда, исён торумор гардид. Сарварони он ба қатл расиданд.

Нафрат нисбати хон ва намояндагони мустамликадор, ки бинобар қашшоқӣ ва беҳимоягӣ зоҳир мешуданд, баромадҳои нави халқиро ба миён оварданд. Норозигии халқ характери оммавӣ гирифта, решаи чуқур давонд. Дар ибтидои асри XX бо сабабҳои ночизе исёнҳо рух додан гирифтанд. Дар баъзе ноҳияҳо деҳқонони косаи сабрашон лабрезгардида бо оилаҳои худ аз хонигарӣ ба таври оммавӣ кӯч бастан гирифтанд. Соли 1906 дар Урганҷи нав, Хонқо, Ҳазорасп деҳқонони мӯҳтоҷ худсарона заминҳои заминдорони калонро ишғол намуданд.

Солҳои 1910—1911 ба хонии Хева солҳои хушксолӣ ва беҳосилӣ гардид. Аҳолии хонии Хева ба гирдоби гуруснагӣ афтод. Барои сарпӯш кардани талафот маъмурияти хон ба кашида гирифтани ашёи имконпазир шурӯъ намуд. Андозҳо зиёд шуданд. Ба таври оммавӣ қашшоқшавии аҳолӣ дар деҳқонон ҳисси норозигиро бедор сохт. Солҳои 1910—1917 исёнҳои деҳқонон авҷ гирифт, лагадкӯб кардан, куштани заминдорон ва сарватмандон, оташ задани иморат, иншоотҳои хоҷагидорӣ, анборҳо, вайрон кардан

онҳо ба авҷи аъло расид. Соли 1912 дар Ҳазорасп ва Хонқо шӯриш шиддат гирифт. Деҳқонон ба ғасби замини заминдорони калон ва мансабдорони хонӣ шурӯъ карданд. Асфандиёрхон лашкари беҳтарини худро иборат аз 1000 нафар барои пахши исён сафарбар намуд. Аммо ғайричашмдошт дар байни Алиели ва Тошҳовуз аз тарафи исёнгарон торумор карда шуд. Қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ, ки ба мадади хон омада буданд, бо душворӣ исёнро пахш карданд.

*Дар хотир доред!*



**Соли 1912 шӯриш омили нави ҳаракатҳои норозиёнаи халқро намоиш дод, яъне шӯришгарон бо аслиҳаи оташфишон мусаллаҳ гардида, тактикаи пеш бурдани ҷангро аз бар намуданд.**

**Мубориза барои ислоҳот**

Исёнҳои халқӣ ба рушди ҳаракатҳои иҷтимоиву сиёсии хонӣ таъсири пурқувват расонд. Дар заминаи норозигии умумӣ ҳаракати ҷавонхевагиён ба вуҷуд омад, ки як намуди хевагии ҷадидизм ба ҳисоб мерафт.

Хусусияти фарққунандаи он аз ҷавонбухороиён дар ҳамин буд, ки дар он табақаҳои гуногуни аҳолӣ — деҳқонон, ҳунармандон, тоҷирон, намояндагони зиёиён иштирок доштанд. Сарварони ҳаракати ҷавонхевагиён Полвонниёз ҳоҷӣ Юсупов, Бобоохун Салимов, Бекҷон Раҳмонов, Назир Шоликоров, Ҷумъаниёз Султонмуродов тараққихоҳон буда, онҳо дар Хоразм соҳиби нуфузи калон буданд. Ҷавонхевагиён одамони донишманду фозили даври худ ба ҳисоб мерафтанд. Барои дар хонигарии Хева паҳн кардани маърифат ва гузарондани ислоҳотҳо ҷиддан ҳаракат намудаанд. Соли 1910 хон «Лоиҳаи ислоҳот»-ро кабул кард. Лоиҳа ба тартиб андохтани низоми идораро дар назар дошт. Девони хон нигоҳ дошта, танҳо мансабдорон ба таъминоти давлатӣ гузаштанашон пешбинӣ гардида, лоиҳа инчунин ғояи ташкил намудани мактабҳои нави миллиро ҳам дар бар гирифта буд. Таклифҳо аз ҷиҳати умумӣ ҳарчанд маҳдудиятҳо доштанд, онҳо ба воситаи ислоҳоти амиқ ба вуҷуд овардани пойдевори давлатдории Хеваро дар назар доштанд. Мактабҳои нави миллӣ мебоист сатҳи таълим ва фарҳангро баланд бардошта, авлоди нави зиёиёни хевагиро ташаккул медоданд. Онҳо барои тарбия

**Сарнагуншавии хонии Хева**

намудани эҳсосоти номуросорӣ ба ҳокимияти мустабиди хон хизмат менамуд.

Баъди вафоти Муҳаммад Раҳимхон II бо кӯмаки империяи Россия писари ӯ Асфандиёрхон (1910–1918) тахтро ишғол намуд. Мадади қувваҳои ҳарбии Петро-Александровски Россияро ҳис карда, хони нав корро аз пурзӯр намудани зулм ва пурра маҳв сохтани мухолифат оғоз кард. Соли 1913 вай яке аз роҳбарони ислоҳотхоҳон, сарвазири мамлакат Исломхӯҷаро дар азхудкунии маблағҳои давлатӣ айбдор ҳисобида, қатл намуд. Бо амри ӯ заминҳо аз нав чен карда шуд, дар асл мақсад аз ҷорӣ кардани андозҳои нав иборат буд. Деҳқонон ҷавобан ба он дар Манғиту Хӯҷайлӣ исён бардоштанд.

Империяи Россия, ки такягоҳи хон буд, ӯро муддати дароз ҷонибдорӣ карда натавонист. Пас аз воқеаҳои инқилоби февралии соли 1917 Асфандиёрхон аз такягоҳи асосии худ — империяи Россия маҳрум гардида, чанд муддат танҳо монд. Ҷавонхевагиён аз вазъияти созгор истифода бурдан қарор доданд ва барои ислоҳот тарғиботи кушоду равшанро оғоз намуданд. 5 апрели соли 1917 онҳо аз Асфандиёрхон имзо кардани манифестро дар бораи гузарондани ислоҳот талаб намуданд. Мувофиқи он ҳокимияти хон нигоҳ дошта шуда, ташкили монархияи конститутсионӣ баробари ташкили Маҷлис (палатаи депутатҳо) ва Шӯрои Нозирон (Шӯрои Вазирон) пешбинӣ гардида буд. Ҷавонхевагиён инчунин барои назорати сарфи маблағҳои давлатӣ вазорати молия барои тақсимоти об ислоҳ карда, ташкил намудани кумита оид ба мактабҳои усули нав дар тамоми ҳудуди хонӣ, сохтани шабакаҳои роҳҳои оҳан ва алоқаи почтаву телеграфро низ талаб карда буданд. Асфандиёрхон аз мадади қӯшунҳои империяи Россия маҳрум гардида, ба мақсади бо ҳар гуна роҳ нигоҳ доштани ҳокимият ва бурд кардан аз вақт ба манифест дар бораи амалӣ гардондани ислоҳот имзо гузошт.



**Муҳаммад Раҳимхон II**

26 апрели соли 1917 дар сессияи якуми Маҷлис 30 нафар депутати хевагӣ ва аз туркманҳо 7 намоянда иштирок намуданд. Маҷлис Шӯрои

Вазиронро интихоб кард. Аммо ду моҳ нагузашта нерӯҳои консервативӣ тахти сарварии хон табаддулоти ҳарбиро амалӣ гардонда, Маҷлисро пароканда намуданд. Раҳбарони «ҷавонхевагиён» ба ҳабс гирифта шуда, як қисмашонро парронданд.



Асфандиёрхон

Лекин ба ин воқеаҳо боз як нерӯ – сардори яке аз авлодони туркман Ҷунайдхон ҳамроҳ шуд. Моҳи январи соли 1918 ӯ бо лашкари 1,5 ҳазор нафараи худ Хева, сипас тамоми ноҳияҳои хониро ишғол намуд. Асфандиёрхон ба ном дар тахт монда, Ҷунайдхон дар хонӣ яккаҳокимии худ, яъне диктатураро ба роҳ монд. Мувофиқи амри ӯ Асфандиёрхон кушта шуда, ба ҷои вай Сайид Абдулло ба тахт нишаст.

Империяи Россия чун нақшаи Бухоро ба Хева низ «инқилоб» тайёр намуд. Петро-Александровск аз тарафи болшевикон ишғол гардида, ҳизби коммунистӣ таъсис ёфта, ба табаддулот тайёрӣ диданд. Табаддулот 2 феврали соли 1920 рӯй дод ва аз таърих номи «Инқилоби халқ»-ро гирифт. 27 апрел қурултойи 1-уми умумихоразмии намояндагони халқ ба ҷои хонии Хеваи 410 сол арзи ҳастӣ намуда, ташкил ёфтани Республикаи Шӯравии Халқии Хоразм (РШХХ)-ро эълон кард.

***Худро озмуда бинед!***

**Асфандиёрхон — ...**
**Қувваҳои консервативӣ — ...**
**Матёқуб пишиқ – ...**
**27 апрели соли 1920 — ...**
**Ислоҳотҳо ...**
**Соли 1912 – ...**
**Солҳои 1910–1911 – ...**

***Ҷамъбаст мекунем!***

- Соли 1902 шӯриши Матёқуб пишиқ торумор гардид.
- Соли 1910 хон «лоиҳаи ислоҳот»-ро эълон намуд.
- Апрели соли 1917 — сессияи якуми Маҷлис, Шӯрои Вазирон таъсис ёфт, баъди ду моҳ аз тарафи хон пароканда карда шуд.
- Январи соли 1918 — Ҷунайдхон Хеваро ишғол намуд.
- Октябри соли 1918 Асфандиёрхон кушта шуда, ба тахт Сайид Абдулло нишаст.
- 27 апрели соли 1920 — РШХХ эълон гардид.

## *Шарҳи истилоҳот:*

**Манифест** (*лотинӣ*) — ба муносибати воқеаи муҳим мурочиати хаттии ҳукумат, ҳуҷҷати ба қонун баробар.
**Консерватив** — (*лотинӣ*) — тарафдорони сохти кӯҳна, муқобилони ислоҳот ва тағйиротҳо.

## *Савол ва супоришҳо:*

1. Исёнҳои деҳқонон ба қисми боқимондаи аҳолии мамлакат чӣ гуна таъсир расонд?
2. Фарқи байни барномаҳои «ҷавонбухороиён» ва «ҷавонхевагиён»-ро номбар кунед.
3. Дар бораи хислатҳои шахсии Асфандиёрхон ба чӣ гуна хулоса омадед?
4. Сабабҳои сарнагун шудани хонии Хеваро номбар кунед.
5. Мувофиқи харита ҳолати геосиёсии Осиёи Миёнаро дар ибтидои аср XX тасвир намоед



**Осиёи Миёна дар аввали асри XX.**

## БОБИ IX

# ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ТУРКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУСТАМЛИКАДОРӢ

## § 38. НИЗОМИ ТАЪЛИМ. МАТБУОТ

**Муассисаҳои таълими анъанавӣ**

Дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар кишвари Туркистон низоми таълимие давом кард, ки дар давоми даврҳои дурударози таърихӣ ташаккул ёфта буд. Дар натиҷаи дар миёнаҳои асри XIX оғоз ёфтани юришҳои истилогарона дар низоми таълими анъанавии Туркистони ба мустамлика мубаддалгашта низ тағйирот рух дод. Чун дар дигар соҳаҳои кишвар дар соҳаи таълим ҳам сиёсате пеш бурда шуд, ки манфиати ҳукумати мустамликавиро акс мекунонд. Онро аввало, дар бо мақсади русикунонии аҳолии таҳҷоӣ кушодани мактабҳои русӣ-туземӣ ва теъдоди онҳоро бо суръати ниҳоят баланд зиёд кардан дидан мумкин аст.

То давраи мустамликавӣ дар Туркистон низоми таълими анъанавӣ дар асоси қоидаҳои дини ислом ташкил гардида, дар мактабу мадрасаҳо баробари таълими динӣ фанҳои дунёвӣ ҳам омӯзонда мешуданд. Мактабҳои таълими ибтидоӣ дар давоми 5–6 сол алифбои арабӣ, ҳарфҳо ва талаффузи онро меомӯзонд. Дар марҳилаи минбаъда китоби «Ҳафтяк» (Аз ҳафт як қисми Қуръони карим), ки аз сураву оятҳои Қуръон иборат буданд, аз бар мешуд. Баъд «Чор китоб», ки анъанаҳои мусулмонӣ, сипас китоби «Рисолаи азиза» — «Саботул оҷизин»-и Сӯфӣ Оллоёрро меомӯхтанд. Китобҳои мазкур аз тарафи донишмӯзон қориёна ёд карда мешудааст. Асари Сӯфӣ Оллоёр бо шеър иншо гардида, дар он дар бораи пайғамбарон, авлиё маълумотҳо акс ёфтаанд. Донишомӯзон на танҳо бо забони ӯзбекӣ китобҳо, балки девони шоири форсу тоҷик Ҳофиз ро ҳам меомӯхтаанд.



**Таълим дар мактабҳои анъанавӣ.**

Таълими олӣ дар мадрасаҳо дода шуда, дар онҳо мутахассисони соҳиби донишҳои диниву ҳуқуқиро тайёр кардаанд. Аз хатмкунандагони ма-

драса пурра аз худ кардани қоидаҳои ислом, аҳкоми шариат, шарҳи ояту сураҳои Қуръони Карим талаб гардидааст. Дар қозихонаҳо Қуръони Карим ёд шудааст. Занон алоҳида хононда, ба онҳо отунҳо аз боби Қуръони Карим, масъалаҳои оила, одобу ахлоқ ва тарбия сабақ додаанд. Дар давраи мустамлика мактабҳои кӯҳна нигоҳ дошта шудаанд, вале онҳо аз эътибори ҳукумат дур монда, ба онҳо ягон маблағ ҷудо нагардидааст.

***Худро озмуда бинед!***

**Низоми таълими анъанавӣ дар Туркистон...**
**Таълими олӣ — ...** **Таълими ибтидоӣ — ...**

**Мактабҳои русӣ-туземӣ**

Империяи Россия ба воситаи таълим додан ба фарзандони муҳоҷирони аз губернияҳои мухталиф ба Туркистон овардашуда тайёр кардани тарҷумонҳоро дар назар дошт, ки байни намояндагони маъмурият ва аҳолии таҳҷоӣ воситагарӣ карданашон мумкин буд. Ба офаридани низоми таълимие ҳаракат намуд, ки барои русикунонии аҳолии таҳҷоӣ ва васеъ паҳн кардани фарҳанги рус дар кишвар хизмат мекард. Ба иҷрои вазифаи мазкур генерал-губернатори Туркистон Г. Розенбах (1884—1889) аз таҳти дил кӯшид. Вай лоиҳаи ташкили мактабҳои ибтидоӣ, мактабҳои русӣ-туземиро (маҳаллиро) тартиб дод. Аввалин мактаби русӣ-туземӣ соли 1884 дар Тошканд дар хонаи Саидғанӣ Саидазимбой ташкил ёфт. Аз вай ибрат гирифта, дигар сарватмандон ҳам дар хонаашон мактаб кушоданд. Сараввал ба ин мактабҳо савдогарон ва тадбиргарони маҳаллӣ фарзандонашонро ба таҳсил доданд.

Соли 1911 теъдоди ин мактабҳо ба 89 расид. Аммо усули дараҷаи таълими онҳо нисбати ҳамин гуна мактабҳои худи Россия ниҳоят паст буд. Рӯзи таҳсил дар мактабҳои русӣ-туземӣ аз ду қисм иборат буда, машғулияти аввалро омӯзгори рус (хониш, ҳусни хат, ҳисоб), машғулияти қисми дуюмро омӯзгори таҳҷоӣ мегузаронд. Соли 1896 дар Тошканд аввалин гимназия дари худро боз намуда, дар он забонҳои замонавӣ ва донишҳои ба зиндагонии рӯзмарра зарурӣ омӯзонда шудаанд.

***Дар хотир доред!***



**Г. Розенбах лоиҳаи ташкили мактабҳои ибтидоӣ, мактабҳои русӣ-туземиро таҳия намуд. Дар ҳамин асос аввалин мактаби русӣ-туземӣ соли 1884 дар Тошканд, дар хонаи Саидғанӣ Саидазимбой ташкил гардид.**

**Мактабҳои усули нав**

Дар ин давр аз тарафи зиёиёни маҳаллии кишвар, намояндагони ҳаракати ҷадидӣ дар асоси фарҳанги миллӣ, эътиқоди динӣ, анъана ва одатҳои маҳаллӣ мактабҳо кушода шуданд. Дар ин мактабҳои ҷадидияи усули нав таърих, риёзиёт, география, забони модарӣ ҳам омӯзонда шудааст. Боз як фарқи мактабҳои усули нав аз мактабҳо ва мадрасаҳои динӣ он буд, ки дар онҳо на танҳо дину таърихи ислом, балки таърихи халқҳои туркӣ таълим дода мешуд. Дар Туркистон аввалин мактабҳои ҷадид дар Тошканд, Бухоро, Қӯқанд, Андиҷон, Хева барин шаҳрҳо кушода шуданд.



Садриддин Айнӣ.

Мактабҳои усули нави ҳаракати ҷадидӣ, фаъолияти намояндагони он ба ғояҳои умумимиллии аҳолии маҳаллӣ, ягонагии маънавии миллии халқи ӯзбек хизмат кард. Дар шуури донишомӯзони низоми таълими мактабҳои ҷадид муҳаббат ба Ватан, давлатдории миллӣ, фарҳанги миллӣ, дар назди ягонагии халқ ҳис кардани масъулият, барои равнақи диёр меҳнат кардан, мубориза бурдан барин ғояҳои даъваткунанда ҷойгир сохта мешуд.

Дар мактабҳои усули нави ҷадидӣ олимони номдори замон, адабиётшиносон, мусаввирон, шоирон, санъаткорон, мутахассисони соҳаи маориф ба камол расиданд. Аз он ҷумла академик-шоир Ғафур Ғулом, шоир ва драматург Уйғун, Ойбек барин арбобони давлативу фарҳангро нишон додан мумкин аст.

**Муборизаи империяи Россия бар зидди мактабҳои усули нав**

Таълими асосаш ғояи миллии мактабҳои усулҳои нави ҷадидӣ аз ҷониби империяи Россияи ҳукмрони кишвар ба назорат гирифта шуд. Маъмурият ҷунбиши ҷадидӣ ва низоми таълими онҳо ба мустамликадории дар кишвар амалигардидаистода қувваи ҳаракатдиҳандаи муқовимат буданашро ҳис карда, кушоду равшан ба он монеъгӣ нишон дод.

Фаъолияти ҷадидҳо таҳти таъқиби сахт қарор гирифт. Бо ҳар гуна восита ҳаракат намуданд, ки ба фаъолияти мактабҳои усули нав зарба зананд. Матбуоти дар кишвар интишоршавандаи маъмурият дар саҳифаҳои худ мактабҳои усулҳои навро танқид карда, дар бораи фаъолияти «вайронкорона»-и он мақолаҳо интишор ёфтанд. Сараввал истифодаи адабиёти турку форс манъ гардид.

Ба нашри китобҳои дарсӣ сензура ҷорӣ шуд. Дар муборизаи зидди ҷадидҳо ба империяи Россия рӯҳониёни диндори маҳаллии мутаассиб

кӯмак расонданд. Алалхусус, ба мактабҳои усули нав намояндагони маъмурият ва пешвоёни кӯтоҳандешаи динӣ муқобил баромаданд.

Бар асари мубориза ҳукумати подшоҳӣ бар зидди мактабҳои усули нав соли 1911 қариб 50 мактаби ҷадидӣ баста шуд. Дар мактабҳои ҷадидӣ таҳсил ба русӣ маҷбурӣ буд. Соли 1913 дар аморати Бухоро тамоми мактабҳои ҷадидӣ баста шуданд.

**Матбуот ва журналистика**

Аз соли 1870 нашрияи расмии генерал-губернатории Туркистон «Туркестанские ведомости» ва иловаи он ба забони ӯзбекӣ «Туркистон вилоятининг газети» мунтазам нашр гардид. Муҳаррири он тарғиботгари сохти мустамликадорӣ, олим ва журналист Н. Остроумов буд.

Таҳти муҳарририи Исмоил Обидов аввалин шумораи рӯзномаи ӯзбекии миллии «Тараққий» 27 июни соли 1906 чоп шуд ва ҳоло чун Рӯзи кормандони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ дар Ӯзбекистон таҷлил меёбад.

Намояндагони ҷунбиши ҷадидӣ баробари низоми таълим дар соҳаи матбуот ҳам корҳои бисёреро амалӣ гардонданд. Дар натиҷаи муборизаи империяи Россия ба муқобили таълим ва матбуоти маҳаллӣ соли 1906 таҳти муҳарририи Исмоил Обидов рӯзномаҳои «Тараққий», ҳамон сол таҳти муҳарририи Мунавварқорӣ рӯзномаи «Хуршед», солҳои 1907–1908 таҳти муҳарририи Абдулло Авлонӣ рӯзномаи «Шӯҳрат», Аҳмадҷон Бектемиров рӯзномаи «Осиё» чоп гардид. Солҳои 1913–1915 бо мавҷи нави маорифпарварон рӯзномаҳои «Самарқанд», «Садои Туркистон», «Садои Фарғона», «Эл байроғи», «Кенгаш», «Улуғ Туркистон», «Турон» соли 1917 бошад, воситаҳои ахборӣ оммавӣ, аз қабили «Ҳуррият», «Фарғона саҳифаси» рӯи чопро дид. Дар байни нашрияҳои ин давр рӯзномаҳои «Садои Туркистон», «Садои Фарғона» дар бобати худшиносии миллӣ хизмати калон карданд. Дар давоми ду соли фаъолияти он (1914—1915) мақолаҳои зиёде оид ба тараннуми озодиву равнақи миллат, сиёҳ кардани хурофот барин ақидапарастии кӯҳна аз тарафи зиёиёни миллӣ эълон гардид.

***Шарҳи истилоҳот:***

**Тузем** — халқи таҳҷоӣ, аҳолии маҳаллӣ.
**Матбуот** (*арабӣ*) — нашр; маҷмӯи рӯзнома, маҷалла ва китобҳо.
**Гимназия** — муассисаи таълимие, ки ба баъзе фанҳо тахассусонида шудааст ва аз рӯи онҳо мукаммал таълим медиҳад.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Таълим дар мадрасаҳои Туркистон то кадом вақт давом кардааст?
2. Дар байни таълими мактабҳои русӣ-туземӣ ва мактабҳои ҷадид чӣ гуна фарқият буд?
3. Маорифпарваронеро номбар кунед, ки ташаббускори ташкилкунии мактабҳои ҷадидӣ буданд?
4. Дар кишвари Туркистон кадом нашриёҳо ташкил гардида буд?

## § 39. ТАРАҚҚИЁТИ ИЛМУ ФАН ДАР ТУРКИСТОН

**Комёбиҳои илми таърих**

Охири асри XIX – ибтидои асри XX дар соҳаи илму фан комёбиҳои калон ба даст омаданд. Ҷадидон ба мақсади тарбиявӣ тадқиқотҳои соҳаи таърихро ривоҷ доданд. Ҷадидон таърихро ба ҷои ба сифати ивазкунии хонҳо, султонҳо ва амирон тасвир кардан бунёдкори ҳақиқии таърих халқ буданашро ба муштарӣ ошно сохтан гирифтанд.

Муаррих ва журналист Мулло Олим Махдум Ҳоҷӣ шарҳи пурраи таърихи Туркистонро дар асари худ «Таърихи Туркистон» инъикос намуд. Асари мазкур ба забони ӯзбекӣ аз нашр баромад. Дар он аз давраи қадим то аввалҳои асри XX солномаи дунёвии воқеаҳои Туркистон баён ёфта буд. Китоби мазкур ба сифати аввалин асари таърихӣ шӯҳрат пайдо кард.

Ҷадидон дар бобати тарбияи шахсони саводнок ва комил аҳамияти фанни таърихро баланд арзёбӣ карда буданд. Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ ба тамоми аҳолии Туркистон бо даъвати «дар дунёи ҳозира зиндагонӣ кардан, маърифатнок, комил ва одил шудан» мурочиат намуд. Боз як муаррихи номдори ин давр Муҳаммад Солеҳ буд. Ӯ баъди ҷустуҷӯйҳои 25-сола асари «Таърихи ҷадидаи Тошканд»-ро таълиф кард. Асар бо талқини муфассали қиёфаи шаҳри Тошканд дар асри XIX пурарзиш мебошад.



**Расадхонаи Улуғбек.**

Олими машҳури хоразмӣ Муҳаммад Юсуф Баёнӣ ҳам ба авлодон ду асари калони таърихиро мерос гузошт. Он «Таърихи Хоразм» ва «Шаҷараи Хоразмшоҳиён» унвон дошт.

Тадқиқотгарони рус ҳам барои рушри илми таърихи кишвар ҳиссаи таъсирнок гузоштанд. Яке аз онҳо шарқшинос ва бостоншинос В.Вяткин (1869—1932) буда, дар Самарқанд фаъолият бурдааст. В. Вяткин якҷоя бо муаррихон расадхонаи Улуғбекро ҷустуҷӯ намуд. Соли 1908 боқимондаҳои бинои расадхона ва як қисми асбобу ускунаи расадхонаро ёфт. Вай асарҳои худро бо унвони «Шоҳизинда», «Чӯпонато», «Қалъаи Афросиёб» таълиф кард. Муаллифи як қатор асарҳо аз омӯзиши забонҳои русиву ӯзбекӣ шуд.

Иштирокдорони маҳфили ҳаваскорони археология соли 1895 ба омӯзиши ёдгориҳои таърихии кишвар шурӯъ намуданд. Ҳарчанд корҳои бостоншиносӣ кам гузаронда шуда бошанд ҳам, онҳо бо дарёфти баъзе объектҳои бостоншиносӣ ва тавсифи ёдгориҳо шуғл варзида, ба пешрафти соҳа ҳиссаи муайян гузоштанд.

***Худро озмуда бинед!***

**Мулло Олим Махдум Ҳоҷӣ — ...**
**В. Вяткин – ...**
**Соли 1895 — ...**
**Муҳаммад Солеҳ – ...**
**Юсуф Баёнӣ...**

**Инкишофи фанҳои табиатшиносӣ**

Империяи Россия Осиёи Миёнаро як умр як қисми мамлакати худ ҳисобида, ба мақсади азхудкунии кишвар ба инкишофи илму фан низ ҳаракат намуд. Саравval соли 1867 харитаи асосии минтақа тартиб дода шуд. Барои ба харита фаро гирифтан ва омӯзиши иқлим истгоҳи (стансияи) метеорологии Тошканд ташкил ёфт. Азбаски мутахассисон намерасиданд, вақти тӯлонӣ имконияти ташаккул додани тадқиқотҳои илмии доманфарох фароҳам наомад. Танҳо солҳои 90-уми асри XIX ва ибтидои садаи XX тадқиқотҳои вобастаи азхудкунии боигариҳои табиии Осиёи Миёна авҷ гирифтанд. Зоолог ва сайёҳи машҳури рус Н.А. Северсов қаторкӯҳҳои Помирро омӯхта баромад. Ӯ дар давоми саёҳати худ оид ба ботаникаву минералҳо намунаҳоро ҷамъ овард. Тяншанро омӯхта, аз хусуси пиряххо, вулканҳо маълумотҳои шавқоварро ба даст овард. А.П. Федченко водии Фарғона ва Олой, водии Зарафшонро якҷоя бо Қизилкум омӯхта баромад.

Барои империя аҳамияти кишвар аз нуқтаи назари ҳарбӣ-сиёсӣ дар навбати аввал меистод. Соли 1871 ҷамъияти олимони Осиёи Миёна ташкил ёфт, аз сабаби набудани маблағ соли 1893 фаъолияти худро қатъ намуд.

Ҷамъияти кишоварзии Туркистон фаъолона кор пеш бурд. Маҷаллаи «Кишоварзии Туркистон», ки ҷамъият нашр мекард, усулҳои истеҳсолот,

обёрии замин, деҳқонӣ, истифодабарии заминро тарғиб намуд. Ҷамъияти кишоварзӣ бо назардошти манфиатҳои мустамликадорон оид ба рушди пахтакорӣ бо тадқиқотҳои илмӣ шуғл варзид. Аз навъи пахтаи Осиёи Миёна, ки ба шароити иқлими маҳаллӣ мувофиқ буд, ҳосили аввалинро гирифтанд.

Соли 1876 дар Тошканд осорхонаи (музейи) Туркистон (ҳозир Музейи давлатии таърихи Ӯзбекистон) ташкил ёфт. Соли 1870 дар Тошканд китобхонаи мардумии Туркистон кушода шуда, дар рушди илму фарҳанги Осиёи Миёна аҳамияти калон касб намуд. Қисми зиёди китобҳои онро асарҳои нодири доири таърих, табиат, этнографияи Туркистонро ташкил медод.

***Худро озмуда бинед!***

**Ҷамъияти олимони Осиёи Миёна — ...**
**Соли 1876 — ...**
**Соли 1870 — ...**
**Тадқиқотгарони рус —...**

**Адабиёт**

Дар ин давр як қатор намояндагони адабиёт ба камол расиданд. Яке аз онҳо шоири демократи ӯзбек Убайдулло Солеҳ ӯғли Завқӣ (1853—1921) буда, шеърҳои ҳаҷвии ӯ ба муқобили саъю кӯшиши маъмурони мустамликавӣ, ҳукмдорон ва рӯҳониён нигаронда шуда буд. Завқӣ барои шеърҳое, ки озодӣ ва ҳурриятро тарғиб мекарданд, ба зиндон партофта шуд.

Жанри анъанавии адабиёти Шарқ шеърият ба ҳисоб меравад. Дар Туркистон шакл ва мазмуни шеърият аз ҳамдигар фарқ карда, баъзан аз ҷараёни сӯфигӣ ва танқидӣ-реалистии ба якдигар зид иборат буд. Шоирон ва нависандагон дар эҷодиёти худ барои дарди халқ, муаммоҳои умдаи даврро акс кунондан мекӯшиданд. Дар байни онҳо Муқимӣ, Фурқат, Завқӣ, шоира Анбар отун, Аваз Ӯтар ӯғли, Аҳмади Дониш ва эҷоди дигаронро алоҳида нишон додан мумкин аст. Тараннуми ҳақиқат ва самимияти шеърҳо онҳоро ба шоирони машҳури мардумӣ табдил дод.


**Муқимӣ.**

Муҳаммад Аминхӯҷа Муқимӣ дар шаҳри Қӯқанд таваллуд ёфтааст. Муаллифи асарҳои ҳаҷвии «Интихобот», «Танобчиён», «Арзи аҳли

деҳаи Ҳапалак ба хон» ва ғайра, аввалин саёҳатномаҳои «Аз Қӯқанд то Фарғона, «Аз Қӯқанд то Исфара» мебошад.

Анбар отун ҳам чун Завқӣ бо шеърҳои озодидӯстӣ ва озодандешонааш шӯҳрат пайдо намудааст. Шоира дар шаҳри Қӯқанд зиндагонӣ намуда, дар бораи вазъияти беҳуқуқонаи занон дар оила ҳақиқати талхро ба қалам додааст. Ӯ азбаски занонро ба мубориза барои озодӣ ва баробарҳуқуқӣ даъват намуд, аз тарафи нерӯҳои мутаассиб калтаккӯб шуд ва дере нагузашта аз ҳаёт чашм пӯшид. Шеърҳои шоираи ӯзбек аз дили оммаи васеи халқ ҷо пайдо намуд. Дар асоси шеъри шоирони мазкур бисёр сурудҳо эҷод гардиданд.

Дар ибтидои асри XX дар адабиёти ӯзбек жанрҳои нав пайдо шуданд. Асарҳои насрӣ ҳам рӯи дунёро дид. Алалхусус, адабиёти ҷадид бо шиддат инкишоф ёфт. Дар адабиёти ин давр шароити душвор ва иллатҳои низоми мустамликадории мамлакат маҳкум шудааст.

***Худро озмуда бинед!***

**Анбар отун – ...** **Муқимӣ — ...** **Завқӣ — ...**

Дар адабиёти ҷадид соли 1910 Абдулло Қодирӣ аввалин асари насрии худро эълон намуд. Адиб бо ҳикояҳо, фелетонҳо ва песаҳои худ дар байни оммаи халқ шинохта шуд. Ҳикояи «Ҷувонбоз», песаи «Домоди бебахт» ва як қатор романҳои ӯро халқ бо меҳру муҳаббат мутолиа менамуд.

Эҷод бо наср барои халқ шакли адабиёти оммабобу фаҳмо буд. Аз ин рӯ, ҷадидон бо мақсади дар байни халқ паҳн кардани ғояҳои худ аз жанри наср фоида бурданашон бесабаб набуд. Ҷадидҳо ба сифати роҳи аз ҳама пурсамари наздикшавӣ ба халқ театри миллиро ташкил карданд. Солҳои 1911—1913 дар шаҳрҳои мухталифи Туркистон театрҳо созмон ёфтанд. Адибон барои онҳо песаҳо навиштанд. Нутқи аз забони модарӣ дар саҳна баёнгардида ва ҳаракатҳои актёрони театр барои оммаи халқ ба воситаи таъсири қудратнок табдил ёфт.



**Абдулло Қодирӣ.**

Солҳои 1911—1917 дар театрҳои ҷадид камаш 25 песа намоиш ёфта, онҳо дар байни

халқ ба асарҳои машҳур табдил ёфтанд. Дар ин вақт аксари песаҳо дар саҳнаҳои кушод гузошта шуда барои нахустин тамошабинҳои ӯзбек ба онҳои бисёр тамошогарон омаданд. Песаҳои барои нахустин тамошабинҳои ӯзбек ба саҳна гузоштаи ҷадидон дар онҳо ба мактабҳои тарбияи ахлоқӣ аввалин мубаддал гардид.

Аз тарафи роҳнамои ҷадидон Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ песаи аввалини машҳури комёбиовардаи «Падаркуш» ба саҳна гузошта шуд. Дар песаи мазкур қашшоқии маънавӣ ва руҷӯъ ба молу мулк, ки падарон ва фарзандонро нисбати якдигар ба мавҷудоти бешафқат табдил дода буд, сахт мазаммат гардид. Дар он ворид шудани одатҳои бегона боиси вайроншавии оила мегардид, ки нишон дода шуд. Дар асари «Тӯй», ки ба қалами Нусратулло Қудратулло мансуб аст, сабабгори фоҷиаи оилавию шахсӣ — баъзе урфу одатҳо ва анъанаҳо зери тозиёнаи танқид гирифта шуда буданд. Дар песа сарвари оила ба тӯйи суннатии серхароҷот пулаш нарасида, барои қарз гирифтан маҷбур шудан, дере нагузашта аз ӯҳдаи додани қарзи гирифтааш набаромада, ба ҳабс афтодани ӯ тасвир ёфтааст.

Ҳамин тавр, адабиёти дорои аҳамияти тарбиявӣ, аз ҷиҳати маънавӣ бой воситаи муҳими бедоркунии шуури ҳамагон гардид. Намояндагони номдори он ба рушди соҳа ҳиссаи калон гузоштанд.

### *Шарҳи истилоҳот:*

**Метеорология** (*юнонӣ*) — фан дар бораи атмосфераи Замин, хусусиятҳо ва чараёнҳои физикии он.

**Фелетон** (*фаронсавӣ*) — мақолаи танқидии рӯзнома ва маҷалла оид ба ҳодисаҳои манфие, ки дар зиндагонии рӯзмарра рух медиҳанд.

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Дар бораи рушди фанни таърих дар Туркистон чиҳоро дониста гирифтед?
2. Ҷамъияти олимони Осиёи Миёна, ки соли 1871 ташкил гардида буд, чаро ба тезӣ пӯшонда шуд?
3. Алломаҳоеро номбар кунед, ки дар соҳаи адабиёт эҷод кардаанд.
4. Дар бораи драмаҳои маорифпарварони ҷадидия чиҳоро дониста гирифтед?
5. Дар бораи фаъолияти намояндагони адабиёти ҷадидия нақл кунед.

## § 40. ТЕАТР ВА САНЪАТИ МУСИҚӢ

**Театри халқӣ дар Туркистон**

Театри халқӣ аз намуди қадимаи санъат буда, аз ҳама маҳбубтарин ба ҳисоб мерафт. Дар аморати Бухоро, хониҳои Хева ва Қӯқанд театр ҷои ба худ хос дошт. Аз он ҷумла, дар аморати Бухоро оид ба масхарабозӣ, лӯхтакбозӣ ва раққосӣ барин соҳаҳои санъат иттиҳодҳо ба вуҷуд омаданд. Дар театри анъанавии Хоразм бошад, ду силсилаи тамошоҳои бозии ханда ва хатарнок хуб ташаккул ёфт.

Театри халқӣ аз ҷиҳати шакл рангоранг ва ғанӣ буда, дар онҳо актёрони комики аз байни халқ баромада — ширинкорон, лӯхтакбозон, масхарабозон ва дигарон маҳорати хешро намоиш додаанд. Ана ҳамин театрҳо ва масхарабозон дар намоишҳо асосан бойҳои хасису чашмгурусна, муллоҳои чаласавод, бекҳои амалпарастро фош намудаанд. Тамошоҳои мазкур бисёр вақт аз ҳаҷв иборат буда, воқеаҳои муҳимро дар бар гирифтаанд. Ҳарчанд онҳо песаҳои хаттӣ набошанд ҳам, ба сифати маҳсули эҷодиёти шифоҳии халқ мавзӯъҳои ёдшуда ба саҳна гузошта шудаанд. Асарҳои саҳнавиро одатан худи санъаткорон эҷод кардаанд.

Дар нимаи дуюми асри XIX дар чандин шаҳрҳо ташкилотҳои театрҳои анъанавӣ ба вуҷуд омаданд. Машҳуртаринашон дар Қӯқанд Зокир эшон, дар Бухоро Тӯла масхара барин иттиҳодияҳо мебошад. Хусусан, театрҳои лӯхтак оммабоб буда, дар маркази мавзӯи онҳо образи Качал Полвон меистод.



**Аъзои гурӯҳи (труппаи) «Турон». Ибтидои асри XX.**

*Худро озмуда бинед!*

**Зокир эшон – ... Тӯла масхара – ... Театри анъанавии Хоразм – ...**

**Воридшавии театрҳои Аврупо ва рус ба Туркистон**

Баъди забти Осиёи Миёна аз тарафи империяи Россия ҳукумати мустамликавӣ бо назардошти мақсадҳои сиёсӣ барои ҳарчи зудтар паҳн кардани фарҳанги рус дар кишвар шуғл варзид. Дар ин бобат на танҳо низоми таълим, балки соҳаи театр ҳам мавқеи муҳим дошт.

Соли 1870 бо таклифи генерал-губернатори Туркистон театри Самара ба кишвар омада, барномаҳои худро давоми чанд рӯз намоиш дод. Соли 1910 ба Самарқанд ва Тошканд сафари ҳунарии дастаи актрисаи рус В.Ф. Комиссаржевская ташкил гардид.

Ин намоишномаҳои дар Туркистон пешкашгардида ба эҷоди санъаткорони маҳаллӣ таъсири худро гузошт. Маорифпарварони пешқадам ва ҷадидон барои тарғиби ғояҳои нави худ имкониятҳои калон доштани театрҳои драмавиро фаҳмиданд.

Солҳои 1910—1912 ба Туркистон бо сафари ҳунарӣ омадани труппаҳои тоторӣ ва озарӣ воқеаи калони фарҳангӣ гардид. Песаҳои мусиқии У. Гаҷибеков «Гӯрӯғлӣ», «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Аршин мол олон» дар байни мардум хуш пазируфта шуд. Он дар навбати худ ба рушди театри маҳаллӣ таъсири калон гузошт.



**Театри Колизей. Тошканд. Ибтидои асри XX.**

**!** *Худро озмуда бинед!*

**В.Ф.Комиссаржевская — ...**
**У.Гаҷибеков — ...** **Соли 1870 — ...**

**Бавуҷудоии театрҳои ҷадидия**

Дар ташаккули театри миллӣ мақоми ҷадидон калон аст. Нахустин Президент Ислом Каримов дар асари худ «Маънавияти волонерӯи мағлубнопазир» чунин иншо кардаст: «Ҳамин ки сухан дар бораи санъати театрӣ— қисми ҷудонопазири фарҳанги миллиамон меравад, фикри маорифпарвари бузург Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ «Театр ин ибратхона аст»-ро ба хотир овардан бамавқеъ аст».

Соли 1911 дар Туркистон аввалин асари саҳнавии миллии хаттӣ офарида шуд. «Падаркуш»-и Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ, «Маҳрамон»-и А.Самадов, «Мунозираи як фарангӣ ва як мударриси бухороӣ»-и Фитрат аз ҷумлаи онҳост. Дар байни онҳо алалхусус драмаи «Падаркуш»-и фидоии истиқлоли миллӣ Беҳбудӣ воқеаи ниҳоят муҳим гардид.



**Абдулло Авлонӣ.**

Театри аввалини миллии ӯзбек дар Туркистон таҳти роҳбарии ***Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ дар Самарқанд*** ташкил гардид. Асари аввалини дар ин труппа намоишдода ҳампесаи ӯ ***«Падаркуш»*** буд. Ба ташаккул ва рушди театри миллӣ маорифпарварони бузург Абдулло Авлонӣ ва намояндаи намоёни ҷунбиши ҷадидия Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ хизмати босазое намуданд. ***Аввали соли 1914 Абдулло Авлонӣ дар шаҳри Тошканд*** театреро бо унвони «Турон» ташкил намуда, асари аввалини ба саҳна гузоштааш песаи «Падаркуш» гардид. Соли 1915 сафари ҳунарии театр ба шаҳрҳои Туркистон бомуваффақият гузашт.



**Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ.**

***Соли 1916 дар шаҳри Қӯқанд*** таҳти роҳбарии Ҳамза театри ҳаваскорон ташкил ёфт. Спектакли аввалини намоишдодаи он песаи Ҳамза «Ҳаёти заҳролуд ё худ қурбониёни ишқ» ба ҳисоб меравад. Песаи мазкур ҳам дар ташаккули театри ӯзбек ва

ҳам барои ба вуҷуд омадани драматургияи ӯзбек аҳамияти муҳим касб менамояд. Театр ба ҳодисаи мазмунаш аниқ, дорои аҳамияти иҷтимоӣ табдил ёфт. Аз соли 1916 асосгузори Театри миллии ҳозира Маннон Уйғур ва актрисаи театри аввалини ӯзбек Маъсума Қориева ба санъат қадами аввалин гузоштанд. Ҳамин тавр, оҳиста-оҳиста теъдоди театрҳои миллӣ афзудан гирифтанд. Дар Андиҷон, Хева, Бухоро аввалин театрҳо ташкил ёфтанд. Дар ташкили театри шаҳри Бухоро хизматҳои Маннон Уйғур беқиёс мебошад.

Дар театрҳо мавзӯъҳои дахлдори муаммоҳои калони иҷтимоӣ ва ахлоқӣ рӯи саҳнаро диданд. Дар онҳо спектаклҳое, ки беадолатӣ, разолат, ғояҳои сиёҳкунандаи зулм, эътироз ва ҳисси норозиёнаро дар тамошогарон бармеангезанд, намоиш дода шуданд. Театри ӯзбек қисми ҷудонопазири фарҳанги миллии ӯзбек гардид. Спектаклҳои театр, иҷрогарии актёрони ба худ хосу истеъдоднок бепоён будани имкониятҳои эҷодии халқи ӯзбекро намоиш дод. Худойберган Девонов соли 1878 таваллуд шудааст. Аз бачагӣ бо ташнагияш ба илм ва истеъдоди эҷодии худ фарқ мекард. Ӯ забонҳои арабӣ, форсӣ ва туркиро омӯхтааст. Навраси завқманд ба омӯзиши забони немисӣ шурӯъ мекунад, ки дар оянда тақдири ӯро муайян намуд.

Сухан аз ин бора меравад, ки охири асри XIX ҳукмдори онвақтаи Хоразм Муҳаммад Раҳимхон II ба якчанд оилаи меннонитҳои немис барои зиндагӣ дар кишвар рухсат додааст. Худойбергани завқманд бори аввал дар дасти куҳансолтарини онҳо Вилгелм Пеннер ё ба гуфтаи одамони маҳаллӣ Панорбува дастгоҳи аксбардориро мебинад ва барои истифода аз он рухсат мепурсад. Панорбува баъдтар аз комёбиҳои шогирди худ хурсанд шуда, дастгоҳи аксбардорияшро ба ӯ ҳадя мекунад.



**Нахустин фотооператор ва кинои ӯзбек Худойберган Девонов (1878-1940).**

Ҳамин тавр, соли 1903 Худойберган Девонов манораҳои Хева ва ҳамватанонашро аксбардорӣ мекунад. Ӯ аввалҳо ба муқобилияти сахти уламои дин рӯбарӯ мешавад. Аммо аксбардорро Муҳаммад Раҳимхони II, ки ба ҳар гуна навигарӣ муштоқ буд, ба ҳимояи худ мегирад. Ӯ на танҳо шоҳ буд, балки ба сифати шоир ва оҳангсоз низ номаш дар таърих мондааст. Ҳукмдор ба Худойберган фармон медиҳад, ки суратҳои ӯро гирад, баъдҳо барои кор ба девони худ даъват месозад.

## Санъати мусиқӣ

Асарҳои мусиқии анъанавии халқӣ ва шифоҳӣ асрҳои аср боқӣ монданд. Дар санъати мусиқии халқӣ терма, суруд, лапар, ялла, ашӯла васеъ паҳн шуда буданд. Суруд, ялла ва лапарҳо дар якҷоягӣ бо рақсу бозиҳои шӯхиомез иҷро карда мешуданд. Термаҳо аксаран аз тарафи гӯяндагони халқӣ — бахшӣ ё шоирон иҷро карда шуда, мусиқии оҳангдорро дар худ муҷассам карда буданд. Ашӯла бошад, суруди лирикии фарогирандаи мусиқиву оҳанги мухталиф ба ҳисоб мерафт.

Ғазал ва шеърҳои шоирони мумтоз барои ашӯлаҳо ҳамчун матн хизмат кардаанд. Охири асри XIX ва ибтидои асри XX достонҳои «Гӯрӯғлӣ», «Алпомиш», «Кунтуғмиш», «Ғариб ва Шоҳсанам», «Ҳасан ва Далли», «Рустам ва Аваз», ки дар худи эҷодиёти мусиқии халқи ӯзбек ривоятҳои эпикии мазмуни лирикӣ-қаҳрамонӣ доштаро таҷассум гардонда буд, мавқеи алоҳидаро молик аст. Достонҳои мазкур аз ҷиҳати сохт шеъри чорқаторина, мусиқааш нисбатан оҳангдор буда, дар он нотаи мусиқӣ истифода нагардидааст.

Навозандагони мардумӣ аз устод-оҳангсозон таълим гирифтаанд. Мақомҳои мумтози дар тӯли бисёр асрҳо дар Шарқ васеъ паҳнгардида хазинаи бебаҳои анъанаҳои эҷодиёти даҳонакии мусиқии касбиро ташкил дод. Мақомҳо силсилаи асарҳои шифоҳиву навозандагӣ (яккахону асбобӣ) мебошанд.

Асбобҳои мусиқӣ ҳам бо рангорангии худ фарқ мекарданд. Дар ин бобат асбобҳои навозандагии ториву камончавӣ (ғижжак, қубуз,



**Асбобҳои мусиқӣ.**

сетор), тории мизробӣ (думбура, дутор, танбӯр, уд, рубоб), тории зарбӣ (чанг), нафасӣ-наӣ (най, сурнай), нафасии дамгирӣ (карнай), зарбии мембранӣ (доира, нағора, чиндовул) васеъ паҳн гардида буданд.

Дар маданияти мусиқии ҳамондавраи Туркистон баробари иҷрои яккахонӣ иҷрои ансамблӣ ҳам ривоҷ ёфта буд. Карнай, сурнай, нағора, яъне асбобу ускунаҳои бо овози баланд садодиҳанда дар идҳои анъанавӣ, тантанаҳои арӯсӣ, тамошоҳои оммавӣ ҷӯровоз шудаанд; асбобҳои каме сустсадодиҳанда — сурнай, дутор, ғижжак бошад, ба иҷрои камер (хона) ё ки консерт (давра) таъин гардида буданд.

Мактаби мақом ва мусиқии Хоразм дар даври хони Хева Муҳаммад Раҳимхон II (Фирӯз) хеле инкишоф ёфт. Фирӯз, ки хони маърифатноки даври худ буд, ба намояндагони санъаткорон имкониятҳои калонро фароҳам оварда, онҳоро ба зери ҳимояи худ гирифтааст. Ба ғайр аз ин, оид ба рушди мусиқӣ бевосита фармонҳоро имзо намудааст.

***Худро озмуда бинед!***

**Достонҳои мардумӣ — ...**
**Муҳаммад Раҳимхон II — ...**
**Мақомҳо – ...**

***Ҳуҷҷати таърихӣ***

«Мо — ҳоқони олии мамлакати Хоразм Муҳаммад Раҳимхони Сонӣ ба фармони зерин имзо гузоштем.
Мақомҳои Хоразм мулки дахлнопазири халқ гуфта эълон гардад. Ба фармони олии мазкур шахсоне, ки шак оварда, мақомҳоро паст мезананд ё ки онҳоро вайрон карда иҷро менамоянд, ба ҷазои сахт кашида шаванд!».

*Соли 1882.*

***Савол ва супоришҳо:***

1. Дар бораи театрҳои анъанавии мардумӣ чиҳоро дониста гирифтед?
2. Ба кишвари Туркистон театри рус кай дохил гардид?
3. Дар Кӯқанд аввалин театри ҳаваскорро кӣ созмон дод? Дар бораи ташкилкунандаи он чиҳоро медонед?
4. Охири асри XIX дар Туркистон кадом асбобҳои мусиқӣ мавҷуд буданд?
5. Дар бораи равнақи мақом ва мусиқии Хоразм нақши Муҳаммад Раҳимхон II аз чӣ иборат аст?

## § 41. МЕЪМОРӢ ВА САНЪАТИ ТАСВИРӢ

Охири асри XIX ва ибтидои асри XX таназзули умумии иқтисодӣ, набардҳои байниҳамдигарӣ, муборизаи хонии Хоразм ва аморати Бухоро ба муқобили гурӯҳҳои исёнкор, ҳамчунин, юришҳои ҳарбии империяи Россия на фақат ба рушди сиёсӣ ва иқтисодии Туркистон, балки ба тараққиёти фарҳангии он низ таъсири манфӣ расонд. Оқибатҳои он минбаъд ба рушди кишвар асорати калон гузошт. Ва ин асорат дар меъмории Туркистон низ осори худро боқӣ гузошт. Сарфи назар аз онҳо, дар меъмории миллии даври мазкур нотакрорӣ ва рангорангӣ, ҳамчунин меъмории анъанавӣ нигоҳ дошта шуда буд.

**Мактабҳои меъморӣ**

Охирҳои асри XIX меъмории Бухоро ва Хева баробари нигоҳ доштани анъанаҳои қадима бо рӯҳи замонавӣ ғанӣ гардид. Маҷмӯаи қасрҳо, мадраса, масҷидҳои ҷомеъ, шифохона барин биноҳои давлатӣ ва ҷамоатӣ, ҳамчунин манораҳо қад афрохтанд. Бунёдкорони он меъморони баркамоли даври худ буда, авлодони аҷдоди шарафманде буданд, ки дар бунёди биноҳои таърихии Бухоро ва Хева иштирок намуда, бинокорони шӯҳратманд сару сарвари ин корҳо буданд.



Манораи Исломхӯҷа.

Охири асри XIX ва ибтидои асри XX Облоқул ва Иброҳим Ҳафизовҳо, Мӯъминҷон Солиҳов, Ширин Муродов барин бисёр устоён ба камол расиданд, ки номашон на танҳо дар аморати Бухоро, балки дар хонии Хева, Туркистон ва Хуросон ҳам машҳур гардида буд. Дар ибтидои асри XX дар сохтмони Ситораи Моҳи Хоса меъморон ва устоёни номашон дар боло зикргардида фаъолона иштирок намуданд. Бо пардоздиҳии толори Оқсарои маҷ-

мӯаи махсус як гурӯҳ устоён тахти сарпарастии Устоширин Муродов иштирок намуданд.

Сарвари мактаби меъмории Хоразм Одина Муҳаммад Мурод бошад, дар корҳои пардоздиҳӣ ва ҷойгирсозии кошинҳои накшин, усто-кулолон Нурмуҳаммад, Абдуҷаббор, писари ӯ Сӯфимуҳаммад Ниёз ва Абдулло иштирок намудаанд, ки сирру асрори ин соҳаро хуб аз бар карда буданд. Онҳо аз лойи оддӣ асари зебои санъат офаридан ва аз гиёҳу растаниҳои табиат рангҳои нотакрор ба вуҷуд овардан мумкин буданашро дар амал исбот намуданд.

Ташаббускор ва васоятгари сохтмони манораи Исломхӯҷа (1908–1910), ки дар аввалҳои асри XX қад афрохтааст, инсони маърифатнок, сарвазири Асфандиёрхон Исломхӯҷа буд. Манораи бунёдкардаи ӯ ба ифтихори хевагиён табдил ёфт. Баробари ин Исломхӯҷа арбоби калони фарҳангӣ ва давлатии замони худ ба ҳисоб мерафт. Вай Хоразмро дар қатори давлатҳои аз ҳама мутараққӣ дидан мехост, барои ба дунёи беруна васл намудани ватани худ кӯшидааст, инсони саршор аз ғояҳои пешқадам буд.

Ҷиҳати эътиборноки мактаби меъмории Хоразм дар ҳамин аст, ки пештоқ, шифт, бурҷҳо бо диди нозук бо навиштаҷоти арабӣ, ки рамзи нафосат аст, оро дода шудааст. Хаттотони моҳир ин навиштаҷотро бо маҳорат ба нақшу нигори бино ҳамоҳанг месохтанд. Дар, дарвоза ва сутунҳо аз чӯб кандакорӣ гардида, бо нақшҳои кандакорӣ зеб дода, ба намуди умумии ин биноҳо махсусият ва ҷило бахшидаанд.

Дар водии Фарғона низ соҳаи ба худ хоси меъмории халқи ӯзбек мавҷуд буд. Аммо сарнагуншавии хонии Қӯқанд дар нимаи дуюми асри XIX ба меъмории миллии водӣ анъанаи сохтани биноҳоро бо услуби меъмории Аврупо ворид кунонд. Сарфи назар аз он, Масҷиди ҷомеи Андиҷон, ки охири асри XIX сохта шуда буд, намунаи аз ҳама олии меъмории миллӣ боқӣ монд.

***Дар хотир доред!***



**Ҷиҳати эътиборноки мактаби меъмории Хоразм дар ҳамин аст, ки пештоқҳо, шифтҳо, бурҷҳо бо диди нозук ва рамзи нафосат – хати арабӣ оро дода шуда, хаттотони моҳир навиштаҷотро бо маҳорати баланд ба нақшу нигори бино ҳамоҳанг месохтанд.**



**Ситораи Моҳи Хоса.**

*Худро озмуда бинед!*

**Манораи Исломхӯҷа – …**
**Устоширин Муродов – …**
**Масҷиди ҷомеи Андиҷон – …**
**Меъмории Хоразм – …**

## Сохтмони биноҳои услуби аврупоӣ

Дар ин давр ба кишвар анъанаҳои меъмории услуби аврупоӣ ворид гардид. Дар бунёдкориҳо баробари услубҳои анъанавии миллӣ услубҳои ба меъмории Аврупо хос якҷоя истифода гардиданд. Аз он ҷумла,баробари истифодаи пахса, кулӯх ва хишти хоми анъанавии меъмории халқӣ хишти чоркунҷа, фанер, тунука, оина барин ашёҳои бинокориро васеъ истифода бурданд.

Услубҳои ба меъмории аврупоӣ хосро дар сохтмони қасри тобистонаи амири Бухоро — Ситораи Моҳи Хоса, қасри Нуруллобой (1904—1912), ки аз тарафи хони Хева Муҳаммад Рахимхон II қад кашида буд, мушоҳида кардан мумкин аст. Дар сохтмонҳо ҳам анъанаҳои меъмории Ғарб ва Шарқ истифода гардидаанд. Дар шаҳру вилоятҳои калони Туркистони истилошуда барои аскарони рус сохтмони қалъаҳо, казармаҳо, барои амалдорони ҳарбии сиёсӣ, генералҳо ва генерал-губернаторҳо сохтмони қароргоҳҳои дорои намуди аврупоӣ оғоз ёфтанд. Дар қисми шаҳри нави Тошканд бинои маъмурии генерал-губернаторӣ ва дигар биноҳо қад афрохтанд. Онҳо аз ҷиҳати меъморӣ бо муҳит ва услуби Ғарб сохта шуда буданд.



**Ҳавлии Ситораи Моҳи Хоса.**

**Худро озмуда бинед!**

**Ситораи Моҳи Хоса – ...** **Қасри Нуруллобой – ...**

**Санъати тасвирӣ**

Санъати тасвирии Туркистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX асосан бо эҷодиёти мусаввирони миниатюранависи Самарқанд, Қӯқанд, Бухоро намоён гардид (Аҳмади Дониш, Абдулхолиқ махдум, С.Сиддиқов). Онҳо намунаҳои тараққикардаи анъанавии санъати тасвириро нигоҳ доштанд.

Дар ибтидои асри XX ба нақшҳои девории анъанавӣ манзараҳои пештар истифоданагардида — завраҷи шинокунанда, роҳҳои оҳан ва ҳайвонҳо тасвир ёфтан гирифтанд. Гузариш ба санъати тасвирии нав ба назар мерасад, ки анъанаҳои асринаи танҳо ба нақшу нигор ва баъзе рамзҳо иҷозатдиҳандаи санъати тасвирии диниву фалсафиро вайрон сохт.

Маҳорати мусаввирони ӯзбек дар санъати амалӣ, дар нақшу нигори масолеҳи сафолӣ, гулдӯзии либос, газворҳо ва ашёҳову анҷоми рӯзгор ифода меёбад. Диди воло, назокату нафосат дар расмҳои маҳсулот равшан ба чашм бармехӯрданд.

Маркази санъати нақши амалӣ Бухоро буд. Устоёни шаҳри мазкур на танҳо санъати бисёрасраро нигоҳ доштанд, балки ба рушди он ҳам муваффақ гардиданд. Ҳар як асари устоёни бухороӣ дорои хусусияти ба худ хос буда, нисбати маҳсулоти дигар шаҳрҳо фарқ карда меистод. Дар ин асарҳо тасаввури ғании хос ва маҳорати мукаммал асосан бо ҳамоҳангӣ пайдо кардани рангу нақшҳо акси худро пайдо карда буд.

***Дар хотир доред?***

**Дар ибтидои асри XX ба гулкориҳои анъанавии деворӣ сужетҳои тасвирии собиқ манъгардида – манзараҳо бо завракҳои шинокунанда, роҳҳои оҳан ва тасвири ҳайвонот роҳ меёбад.**

***Ҷамъбаст мекунем!***

- Ситораи Моҳи Хоса – қароргоҳи тобистонаи амири Бухоро;
- Қасри Нуруллобой — дар асоси анъанаҳои Шарқу Ғарб бунёд гардидааст;
- Меъмории дорои услуби ба худ хоси аморати Бухоро ва хонии Хева;
- Маркази санъати нақши амалӣ Бухоро буд.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX дар меъмории Туркистон кадом хусусияти хос ба назар расидааст?
2. Фарқи услубҳои мактабҳои меъмории Бухоро ва Хеваро гӯед.
3. Дар водии Фарғона аз кай анъанаҳои меъмории рус пурзӯр гардид?
4. Иншоотҳоеро номбар кунед, ки дар асоси услуби анъанаҳои Ғарбу Шарқ сохта шудаанд?
5. Дар санъати тасвирии Туркистон дар шароити мустамликавӣ чӣ гуна тағйиротҳо ба амал омаданд?

# ХУЛОСА

Душмании байниҳамдигарӣ дар байни се хон дар асри XVIII, маҳалгароӣ ва парокандагӣ барои истилогарон дар бобати забти кишварамон заминаи мусоид фароҳам овард. Оқибат дар нимаи дуюми асри XIX империяи Россия халқҳои Туркистонро ба зери асорати мустамлика даровард. Ҳукумати подшоҳӣ кишварро на танҳо аз ҷиҳати сиёсиву ҳудудӣ забт намуд, балки халқи озодипараст ва заҳматкашро барои аз ҷиҳати маънавиву рӯҳӣ ҳам мутеъ сохтан ҳаракат намуд. Низоми сиёсии аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ ҷоришуда чораву тадбирҳои дар кишвар қарор ёфтани ҳукмронии мустамликавӣ ва нест кардани давлати миллиро ба амал баровард.

Ин зиндагӣ як қонуни бешафқат дорад. Яъне, дар паллаи гардиши мураккаб ва ҳалкунандаи таърихӣ ҳар гуна миллат ва халқият тифоқиву якдилии худро ҳифз карда, дар роҳи манфиатҳои миллӣ бо қатъият истодагарӣ накунад, масъулият ва ҳушёрияшро аз даст диҳад, шубҳае нест, ки оқибат аз сарвати бузургтарин ва беқиёси худ, яъне истиқлолият ва озодӣ ҷудо гардад.

Дар ҳақиқат, истилои империяи Россия дар қатори бисёр сабабҳо дар натиҷаи дар ҳамон давр мавҷуд будани бесарусомонии ҳарбиву сиёсӣ, ояндаро дида натавонистани ҳукмдорони давлат, оҷизии маънавиву рӯҳӣ рӯй доданашро бисёр мисолҳои таърихӣ асоснок менамоянд. Ин ҳақиқати ба ҳамаамон талх, бахусус ба шумоён — авлоди наврас, ки ба ҳаёт бо умед ва боварӣ дохил мегардед, сабақ шуданаш лозим.

Саноати коркарди ашёи хоми пахта, саноати маъдани кӯҳӣ, саноати равған, наклиёти роҳи оҳан ва дигар соҳаҳо, ки дар солҳои мустамлика бунёд гардид, барои қонеъ гардондани эҳтиёҷи саноати империяи Россия пешбинӣ гардида буд. Кашонда бурдани маҳсулоти ҳамин корхонаҳо ба фоида дидан ва замонавӣ гардидани истеҳсолоти ин корхонаҳо имкон надод.

Ба туфайли рақобати молҳои саноатии аз Россия оварда истеҳсолоти ҳунармандии Туркистонро ба инқироз рӯ ба рӯ кунонд. Он дар навбати худ аз ҷиҳати иқтисодӣ тобеъгии кишварро ба Россия боз ҳам пурзӯр сохт.

Соли 1998 Нахустин Президенти Республикаси Ӯзбекистон Ислом

Каримоа ҳангоми вохӯрӣ бо гурӯҳи зиёиён вазифаи холисона равшан кардани оқибатҳои сиёсати мустамликавии дар Туркистон гузарондаи Россияро таъкид намуда, саволи мазкурро қотеъона (қатъӣ) ба миён гузошт: «...дар шароити ҳаматарафа мудҳиш, аз канор нигоҳ кунед, нест гардидани халқамон, фарҳанги он, тафаккури миллӣ, урфу одатҳо, тарзи зиндагонӣ, бе ягон муболиға гуфтан мумкин аст, наслу насабаш, як қатор маҳрумиятҳо бошад ҳам, миллатамон худшиносиашро нигоҳ дошт ё на?»

Саволи мазкури сарвари давлатамон, албатта, бе ҷавоб намонд. Муаллифон дар китоби дарсии мазкур дар асоси маълумотҳои таърихи халқамон дар шароити асорати душвори мустамликадории Россия нигоҳ доштани худ, арзишҳои миллӣ, фарҳанг, урфу одат ва тарзи зиндагониашро барои донишомӯзон фаҳмо карда расондан кӯшиданд.

Дар давраи мустамлика мамлакат аз тамаддуни дунё тамоман канда нашуд. Ҳарчанд ба манфиати Россия хизмат кунанд ҳам заводу фабрикаҳо, ташкилотҳои тиҷоратии гуногун, инчунин роҳи оҳан ворид шуданд.

Дарҳақиқат, дар шароити мустамликадорӣ ҳам рӯҳияти қадимии ташнагии падару бобоёнамон барои озодӣ, тараққиёт ва истиқлол хомӯш нагардид. Дар қалбу рӯҳи халқамон ҳисси истиқлол ва озодии сахт ҷойгиршуда торафт ба қувваи қудратнок табдил ёфта, дар ниҳояти кор барои тантанаи истиқлоли Ӯзбекистон заминаи мустаҳкамро ҳозир кард.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ҶАМЪБАСТӢ:

1. Оғози асри XX харитаи Осиёи Миёна аз ҳолати миёнаҳои асри XIX чӣ андоза дигаргун шуд?
2. Дар асоси харитаи имрӯзаи дунё маълумотатонро таҳлил кунед.
3. Шартномаҳои солҳои 1868 ва 1873 дар таърихи давлатдории ӯзбек чӣ гуна аҳамият касб карданд?
4. Омилҳои тарзи зиндагии халқҳои Осиёи Миёнаро тағйир додани истилои империяи Россияро ҳисоб кунед.
5. Дар мавзӯи “Агар се хонигарӣ ба муқобили истилогарӣ муттаҳид мешуданд...” “дебат” ташкил кунед!

# МУНДАРИЧА

**Муқаддима** ........................................................................................................ 3

**БОБИ I. ҲАЁТИ СИЁСӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ ХОНИГАРИҲОИ ӮЗБЕК ДАР МИЁНАИ АСРИ XIX**

§ 1. Ҳудуд ва аҳолии давлатҳои Осиёи Миёна дар миёнаи асри XIX ......................... 5
§ 2. Низоми идоравӣ-маъмурии хонигариҳои ӯзбек дар миёнаи асри XIX ............. 8
§ 3. Ҳаёти ичтимоӣ-иқтисодии хонигариҳои ӯзбек дар миёнаи асри XIX .................... 10
§§4–5. Ҳаёти фарҳангии аҳолии Осиёи Миёна дар миёнаи асри XIX .......................... 14

**БОБИ II. ОСИЁИ МИЁНАРО ЗАБТ НАМУДАНИ ИМПЕРИЯИ РОССИЯ**

§ 6. Оғози ҳаракат барои истилои мустамликавии Осиёи Миёна аз ҷониби империяи Россия ........................................................................................................ 19
§ 7. Забти Тошканд ........................................................................................................ 23
§ 8. Таъсис ёфтани генерал-губернатории Туркистон .................................................. 26
§ 9. Оғози ҳаракатҳои ҳарбӣ ба муқобили аморати Бухоро ...................................... 29
§ 10. Ба роҳ мондани протекторати Россияи подшоҳӣ дар аморати Бухоро ............. 31
§ 11. Ба роҳ мондани протекторати Россияи подшоҳӣ дар хонии Хева ..................... 36
§ 12. Истилои хонии Кӯқанд ........................................................................................ 39

**БОБИ III. СИЁСАТИ МУСТАМЛИКАВИИ ИМПЕРИЯИ РОССИЯ ДАР ТУРКИСТОН**

§ 13. Низоми идораи сиёсӣ-маъмурии генерал-губернатории Туркистон .................... 45
§ 14. Сиёсати аграрии империяи Россия дар кишвари Туркистон .......................... 50
§ 15. Ташкили низоми судӣ ва тартиботи ҳарбиву политсия дар Туркистон .............52
§ 16. Вазъияти ичтимоӣ-иқтисодии Туркистон дар нимаи дуюми асри XIX — ибтидои асри XX ........................................................................................................57

**БОБИ IV. ҲАРАКАТИ МИЛЛӢ-ОЗОДИХОҲӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ДАР ТУРКИСТОН**

§ 17. Оғози ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ дар Туркистон ва сабабҳои он ...................61
§ 18. «Исёни вабо» дар Тошканд ................................................................................. 65
§ 19. Шӯриши Андиҷон ................................................................................................. 67
§ 20. Аҳамияти ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ ................................................................ 73

**БОБИ V. ҚАРОҚАЛПОҚҲО ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX**

§ 21. Ҷойгиршавии ҳудудӣ ва ҳаёти ичтимоии қароқалпоқҳо дар нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX ........ 75
§ 22. Андозҳо ва ӯҳдадориҳо. Ошӯбҳои халқӣ ........ 78
§ 23. Қароқалпоқҳо дар таркиби генерал-губернатории Туркистон ........ 81
§ 24. Фарҳанги қароқалпоқҳо дар нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX ........ 84

**БОБИ VI. ҲАРАКАТИ ҶАДИДҲО ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ВА ФАРҲАНГИИ ТУРКИСТОН**

§ 25. Ба вуҷуд омадани ҳаракати ҷадидҳо ........ 86
§ 26. Мақсад ва вазифаҳои барномавии ҷадидҳо ........ 91
§ 27. Намояндагони ҳаракати ҷадидия ва фаъолияти онҳо ........ 93
§ 28. Таъсири ҳаракати ҷадидия ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии Туркистон ........ 97

**БОБИ VII. ТУРКИСТОН ВА ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОН**

§ 29. Оғози Ҷанги якуми ҷаҳон ва таъсири он ба Туркистон ........ 101
§ 30. Оғози шӯриши соли 1916 дар Туркистон ........ 103
§ 31. Шӯриши Ҷиззах ........ 106
§ 32. Аҳамият ва оқибатҳои воқеаҳои соли 1916 дар Туркистон ........ 108

**БОБИ VIII. АМОРАТИ БУХОРО ВА ХОНИИ ХЕВА ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX**

§ 33. Сохти давлатдорӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии аморати Бухоро ........ 111
§ 34. Фаъолияти ҷавонбухориён ва сарнагуншавии аморати Бухоро ........ 117
§§ 35-36. Сохти давлатдорӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии хонии Хева дар охири асри XIX – ибтидои асри XX ........ 121
§ 37. Сарнагуншавии хонии Хева ........ 129

**БОБИ IX. ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ТУРКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУСТАМЛИКАДОРӢ**

§ 38. Низоми таълим. Матбуот ........ 135
§ 39. Тараққиёти илму фан дар Туркистон ........ 139
§ 40. Театр ва санъати мусиқӣ ........ 144
§ 41. Меъморӣ ва санъати тасвирӣ ........ 150

*Хулоса* ........ 155

**Сойибҷон Тиллобоев, Акбар Замонов**

Т 49

Таърихи Ӯзбекистон (нимаи дуюми асри XIX — ибтидои асри XX). Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 9-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ. Муҳаррири масъул: Д.А. Алимова. – Т.: «Sharq», 2019. – 160 с.

ББК 63.3(БУ) я 721

*O‘quv nashri*

**TILLABOYEV SOYIBJON BOQIJONOVICH,**
**ZAMONOV AKBAR TURG‘UNOVICH**

**O‘ZBEKISTON TARIXI**

**(XIX ASR IKKINCHI YARMI – XX ASR BOSHLARI)**

Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 9-sinfi uchun darslik

*(Tojik tilida)*

Qayta ishlangan va to‘ldirilgan uchinchi nashri

«Sharq» nashriyot-matbaa
aksiyadorlik kompaniyasi
Bosh tahririyati
Toshkent – 2019

Тарҷумон *Х. Ҳамидов*
Муҳаррир *Ш. Турдиқулов*
Муҳаррири техникӣ *Р. Нафасов*
Ороишгар *Б. Бобожонов*
Саҳифабанди компютерӣ *О. Фозилова, М.Атхамова*
Мусаҳҳеҳ *Д.Неъматов*

**Литсензияи нашриёт AI № 201, 28.08. соли 2011.**

Ба чопаш 30.07.2019 имзо шуд. Андозаи 70x90 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет, бо усули офсет чоп шудааст.
Гарнитураи «Times». Кегли 11,5; 10 шпондор. Ҷузъи чопии шартӣ 11,7.
Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 9,0. Адади нашр 6743 нусха. Супориши № 462.

**Дар чопхонаи Ширкати саҳҳомии табъу нашри «Шарқ» чоп шудааст.**
**100000, шаҳри Тошканд, кӯчаи Буюк Турон, 41.**

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби дарсии ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

**Ҷадвали болоӣ аз тарафи раҳбари синф ҳангоми ба иҷора додан ва дар охири соли хониш дар вақти бозгирифтан аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо дода мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқова бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳо дар ҷояш, надаридаанд, дар саҳифаҳо хатҳо ва навиштаҷот нестанд. |
| Қаноатбахш | Муқова афсурда шудааст, то андозае хатҳо пайдо шудаанд, канораҳои китоб хӯрда, муқова аз қисми асосии китоб ҷудо шудааст, аз ҷониби истифодабаранда ба тарзи қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошуда ё аз ҳам каноррафта аз сари нав ҷо ба ҷо гашта, дар баъзе саҳифаҳо хатҳо кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноатбахш | Дар муқова хатҳо пайдо шудаанд, муқова даридааст, аз қисми асосӣ канда шудааст ё ки тамоман нест, ба таври ғайриқаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳо даридаанд, камбудии миқдорӣ доранд, дар онҳо хатҳо пайдо шудаанд, ранголуд гаштаанд. Китоби дарсиро аз нав барқарор кардан имконнопазир аст. |

**Сойибҷон Тиллобоев, Акбар Замонов**

Т 49 Таърихи Ӯзбекистон (нимаи дуюми асри XIX — ибтидои асри XX). Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 9-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ. Муҳаррири масъул: Д.А. Алимова. – Т.: «Sharq», 2019. – 160 с.

КБК 63.3(БУ) я 721

*O‘quv nashri*

**TILLABOYEV SOYIBJON BOQIJONOVICH,**
**ZAMONOV AKBAR TURG‘UNOVICH**

# O‘ZBEKISTON TARIXI

**(XIX ASR IKKINCHI YARMI – XX ASR BOSHLARI)**

Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 9-sinfi uchun darslik

*(Tojik tilida)*

Qayta ishlangan va to‘ldirilgan uchinchi nashri

«Sharq» nashriyot-matbaa
aksiyadorlik kompaniyasi
Bosh tahririyati
Toshkent – 2019

Тарҷумон *Х. Ҳамидов*
Муҳаррир *Ш. Турдиқулов*
Муҳаррири техникӣ *Р. Нафасов*
Ороишгар *Б. Бобожонов*
Саҳифабанди компютерӣ *О. Фозилова, М.Атхамова*
Мусаҳҳеҳ *Д.Неъматов*

**Литсензияи нашриёт AI № 201, 28.08. соли 2011.**

Ба чопаш 30.07.2019 имзо шуд. Андозаи 70x90 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет, бо усули офсет чоп шудааст.
Гарнитураи «Times». Кегли 11,5; 10 шпондор. Ҷузъи чопии шартӣ 11,7.
Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 9,0. Адади нашр 887 нусха. Супориши № 462-А.

**Дар чопхонаи Ширкати саҳҳомии табъу нашри «Шарқ» чоп шудааст.**
**100000, шаҳри Тошканд, кӯчаи Буюк Турон, 41.**